ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Ба ҳуқуқи дастнавис

УДК: 070.1 (575.3)
ББК: 76.12 (2Т)
С - 17

САМАДОВА МАВЗУНА ТАҒОЙЕВНА

МАХСУСИЯТҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ ОСОРИ ТӮЛҚИН ХОҶА

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология
аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология,
дотсент Қутбиддинов А.Ҳ.

ДУШАНБЕ – 2022

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА …….....4

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ 9

БОБИ 1.МАХСУСИЯТҲОИ МУНДАРИҶАВИЮ ҒОЯВИИ НАСРИ ПУБЛИТСИСТИИ ТӮЛҚИН ХОҶА…….....16

1.1. Назаре ба зиндагии Т. Хоҷа ва шинохти ӯ ҳамчун адиби публитсист.....16

1.2. Масъалаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии қишлоқ…….....31

1.3. Муносибати адиб ба мавзуоти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангу маориф.....46

БОБИ 2. БОЗТОБИ АВЗОИ ЗАМОН, МУАММОҲОИ ҲАЁТ ВА ҲАҚИҚАТИ ЗИНДАГӢ ДАР НАЗМИ ИҶТИМОИИ АДИБ.....69

2.1. Инъикоси масъалаҳои ватандӯстӣ ва тараннуми дигар оҳангҳои иҷтимоӣ.....69

2.2. Мазмунҳои ғоявӣ дар офариниши образи публитсистӣ.....86

2.3. Маърифати ҷомеа ва арзишҳои маънавии зиндагӣ дар осори манзуми адиб..... 102

БОБИ 3. ТАНОСУБИ БАДЕИЯТУ ВОҚЕИЯТ ВА ДОИРАИ ҚОЛАБҲОИ ЖАНРӢ ДАР ОСОРИ АДИБ..... 115

3.1. Маҳорати образофаринӣ ва санъатҳои тасвири бадеӣ дар осори воқеъгароёнаи Т. Хоҷа..... 115

3.2. Қолабҳои жанрии публитсистикаи адиб 131

ХУЛОСА…….....148

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ 153

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ……..…….....155

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..... 168

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар адабиёт ва матбуоти муосири тоҷик эҷодкорони воқеиятбин бо мавқеи устувору мушаххаси худ дар роҳи таъсир ба доираи афкори иҷтимоӣ дар андозаҳои гуногун муваффақ ба назар расида, аз худ осори арзишмандеро боқӣ гузоштаанд, ки ба руҳу равони ҷомеа бетаъсир нестанд. Тӯлқин Хоҷа аз ҷумлаи ҳамин гуна адибонест, ки осори назаррасеро аз худ ба мерос гузоштааст. Ӯ, пеш аз ҳама, адиби шинохтаи маҳаллист, ки дар тамоми осори публитсистиву адабияш ҳақиқату адолати иҷтимоиро ҷонибдорӣ намуда, дар ин замина зиндагонии муваффақонаву оромонаи ҳамдиёронашро дидан хостааст. Осори ин адиб ҳам дар наср ва ҳам дар назм аз силсилаи образҳои мусбату манфӣ, порчаҳои сужадор, маҷмуи факту аснод, ремаркаҳову ташреҳот ва хулосаву ҳукмҳое иборатанд, ки гувоҳи як публитсисти фаъоли замон будани ӯст. Т. Хоҷа сатҳи баланди огоҳии иҷтимоиву сиёсӣ дошта, дар асоси ҷаҳонбинии комили замонавӣ ҷиҳатҳои таъсиргузории равониву маънавии ҳамзамононро хеле амиқ дарк карда тавонистааст, ки ин қабл аз ҳама ба ҷасорату ҷуръати ӯ тавъам мебошад.

Тӯлқин Хоҷа адибу публитсисти дар доираи деҳа қароргирифтае буд, ки осораш бо хусусияти фарогирии воқеияти рӯз аҳаммияти вижа дорад. Ин вижагиҳо аз он иборатанд, ки ӯ, пеш аз ҳама, сабку услуби ҷолиби баён ва истеъдоди баланди нигоришро дошта, дар заминаи мушоҳидаҳои воқеӣ ҳаётро аз паҳлуҳои гуногун мавриди баррасиву таҳлил қарор медиҳад. Ҷиҳати дигар он мебошад, ки офаридаҳои насриву назмии ӯ дар ташхиси набзи ҳаёти иҷтимоӣ қатъиву ошкоро ва боҷуръатонаву беғаразона аст. Аз мазмуни осораш бармеояд, ки ӯ дар тамоми давраҳои фаъолияти эҷодӣ қатъи назар аз фишору таҳдидҳо аз мубориза алайҳи ноадолатиҳо даст намекашад. Нобасомониҳои рӯзгорро амиқан мушоҳида менамояд ва аз рӯи саҳифа овардани андешаҳои интиқодӣ истиҳола накарда, дар муқобили нотавонбинону ҳасудон ва фиребгарону манфиатҷӯён мавқеи устувор дорад. Осораш бозгӯи он аст, ки ӯ ислоҳотхоҳ мебошаду неку

бадро ташхис карда метавонад ва навгӯиҳояш дар қиёс бо аксар адибон боҷуръатонаву интиқодӣ (бештар дар замони шуравӣ) мебошад. Хусусияти осораш аз ду омили муҳим иборат аст. Нахуст, Т. Хоҷа дар офаридани симои намунаи ибрат ва гоҳо манфуру муфтхӯр маҳорати баланд дошта, ин симоҳо бозгӯкунандаи равиши ҳаёт дар солҳои гуногун мебошанд. Сониян, Т. Хоҷа бо пешниҳоди содаву фаҳмо тасвири реалистии ҳаётро анҷом додааст, ки мондагору хонданӣ гаштани осорашро таъмин кардаанд.

Аҳаммият ва арзиши илмии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки омӯзиши публитсистикаи адиб дар бораи ташаккули давра ба давраи як эҷодкор ҳамчун шахсияти таъсиргузор ба таҳаввулоти маҳал, моҳияти иҷтимоии осори публитсисти дар фазову муҳити музофот қарордошта, нақши боварбахшу даъватсози навиштаҳо дар роҳи ҳалли проблемаҳо, ҷойгоҳу мавқеи як адиб дар фазои маънавию иҷтимоии маҳал ва саҳми як публитсисти воқеиятбин дар ташаккули публитсистикаву назми иҷтимоӣ аз лиҳози мундариҷаву мавзуъ, қолабҳои жанрӣ ва дигар аносири ҳунарӣ маводи арзишманду возеҳ дода метавонад. Ин омилҳо нақши назаррас доштани Тӯлқин Хоҷаро дар пешрафти маърифату ҷаҳонбинии омма, ташхиси муаммоҳои ҳаёт, муайян кардани равандҳои иҷтимоӣ, тарбияи маънавию худшиносии миллӣ ва ҷанбаҳои ватандӯстиву инсонпарварӣ собит менамоянд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Омӯзишу таҳқиқи публитсистика ва назми иҷтимоии Т. Хоҷа дар сатҳи ниҳоят маҳдуд қарор дошта, он ба пажуҳиши умумии публитсистикаи шоирону нависандагони замони шуравию даврони истиқлол дар як масир қарор гирифта метавонад. Дар замони истиқлолияти кишвар ҷараёни эҷоди публитсистии адибон, дар навбати аввал дар саҳифаҳои матбуот ва баъдан дар намунаи публитсистикаи китобӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намудааст.

Ин анъана комилан нав нест ва сарчашмаи таҳқиқу баррасии ин масъалаҳо аз шинохти маҷмуии публитсистика оғоз мешавад, ки ҳанӯз дар нимаи аввали асри гузашта дар фазои илмиву адабии собиқ Иттиҳоди

Шуравӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин самт таҳқиқоти пажуҳишгарони зиёди ватаниву хориҷие вуҷуд доранд, ки уфуқҳои гуногунро фаро мегиранд. Онҳо дар баробари паҳлуҳои назариявии масъала дар мисоли эҷоди адибону журналистону публитсистон моҳияти иҷтимоии осори гуногунро ба майдони таҳқиқ кашидаанд.

Т. Хоҷа адибе мебошад, ки дар аксар мавридҳо назми публитсистии ӯ (очерк, фелетон ва памфлетҳои манзум) дар қиёс ба нигоштаҳои матбуотияш нерумандтару таъсирбахштар мебошад. Аз нигоҳи ҳаҷму шумора низ ин навъи назм аз насри адиб ба маротиб бештар аст. Аммо назми публитсистии муосир то ҳанӯз ҳамаҷонибаву амиқ омӯхта нашудааст. Ба истиснои пажуҳиши А. Маниёзов (“Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ”, 1958), ки дар таҳқиқи назми публитсистӣ қадамҳои устуворро гузоштааст, рисолаи фарогири дигаре дар мавриди шинохти чунин назм вуҷуд надорад. Албатта, дар шинохти назми иҷтимоӣ таҳқиқҳо зиёданд, ки бештар ҷанбаи адабиётшиносӣ дошта, он мавзуи баҳси мо нест. Дар доираи нисбатан мушаххас дида баромадани публитсистикаи адибон аз ҷониби муҳаққиқон А. Саъдуллоев (“Публитсистикаи Турсунзода”, 1988, “Хосияти адабиёт”, 2000), М. Муродов (“Аз замон то замон”, 2010, “Публитсистикаи ҳаҷвӣ”, 2015), М. Абдуллоев (“Идеи национального самознания в таджикской публицистики XX века”, 2011), Ш. Муллоев (“Жанрово-тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны”, 2015), С. Гулов (“Махсусияти очерки муосир”, 2015), С. Ҳайдаров (“Бобоҷон Ғафуров – публитсист”, 1998), Б. Қутбиддинов (“Домани наср”, 2011 ва “Хосияти публитсистика”, 2018), Х. Олимова (“Поэтикаи фазо ва вақти бадеӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш”, 2006), Н. Усмонова (“Оҳанги публитсистии романи Ҷумъа Одина «Гузашти айём»”, 2012), Н. Кучарова (“Публисистикаи Абдулаҳмид Самадов”, 2016), О. Салимзода (“Публицистика Мирзо Джалола Юсуфзода”, 2007), М. Шоев (“Хусусиятҳои жанрию мавзуии очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев”, 2003), Ҷ. Раҳмонова (“Воқеият ва публитсистикаи Мутеулло Начмиддинов”, 2010) ва дигарон сурат

гирифтаанд, ки муҳимтарин ҷабҳаҳои шинохти махсусиятҳои осори адибони иҷтимоиро нишон додаанд. Дар таҳқиқоти мазкур доир ба назми иҷтимоии адибон таваҷҷуҳ хеле кам зоҳир гардида, диққати бештар ба насри онҳо дода шудааст. Тавре таъкид гашт, ин анъана ҳанӯз аз таҳқиқи осори устод С. Айнӣ аз ҷониби А. Маниёзов оғоз гардида, минбаъд осори М. Турсунзода, М. Миршакар, Ш. Ҳаниф, Ф. Муҳаммадиев, М. Наҷмиддинов, Б. Ғафуров, Ҷ. Одина, А. Самад ва дигар адибон ба роҳ гузошта шудаанд. Мавриди зикр аст, ки ин адибон маҳбубияту нуфузи баланд доранд ва дар миқёси ҷумҳурӣ шинохташуда мебошанд.

Дар ин масъала дар бораи таҳқиқи осори адибоне, ки дур аз пойтахт зиндагӣ кардааанду аз назарҳо канор мондаанд, доираи пажуҳишҳо маҳдуданд, ки Тӯлқин Хоҷа ба ин радиф дохил мешавад. Ҳам осори публитсистӣ ва ҳам назми иҷтимоии адиб пурра таҳқиқ нагардидааст. Дар ин маврид дар солҳои гуногун дар атрофи баъзе намунаҳои маҷмуаҳои шеъриии адиб мақолаву тақризу пешгуфторҳо ба нашр расидаанд, ки ниҳоят маҳдуд мебошанд. Дар муаррифӣ гардонидани симои Тӯлқин Хоҷа яке аз нафароне, ки бештар талош кардааст, Умари Шерхон мебошад, ки ҳанӯз аз оғози солҳои 2000 осори ин адиб диққати ӯро ҷалб намудааст. Навиштаҳои У. Шерхон бештар тақризҳои публитсистие мебошанд, ки мақсади муаррифӣ кардани асарҳои тозаэҷоди адибро доранд. Тақризу мақолаҳо ва андешаҳои пешгуфтории М. Ғоиб [36], А. Раҳим [129], С. Гулов, А. Қутбиддинов [34, с.30-37], У. Шерхон [133], Ҷ. Темурзода [130], З. Исмоилзода, Б. Қутбиддин [128], С. Амиров [9], М. Абдураҳмон [125], Ҳ. Ғоиб [126], У. Шерхон [132] ва Н. Яздонӣ [134] танҳо аз нигоҳи умумӣ хосиятҳои назми адибро баҳогузорӣ кардаанд. Дар ин нигоштаҳо хосияти оммавии гуфтор баланд мебошад ва, албатта, дар чунин доира муаллифон тамоми аҷзои публитсистиву бадеии осори адибро фаро гирифта натавонистаанд. Ҳамзамон ин намунаҳо танҳо ба осори манзуми адиб дахл дошта, ҳунари шоирии Т. Хоҷа бештар мавриди назар қарор гирифтааст. Дар бораи навиштаҳои матбуотии адиб ва насри публитсистии ӯ бошад то ҳол ягон таҳқиқу пажуҳише ба назар намерасад.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Хулосабарориҳо аз таҳқиқоти мазкур дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда саҳм гирифта метавонанд. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи журналистикаи байналхалқӣ ва факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади асосии муаллифи рисола таҳлилу таҳқиқи баъзе паҳлуҳои зиндагиву фаъолият, осори матбуотӣ, маҷмуаҳои ашъори адиб ва, умуман, вижагиҳои осори публитсистии Тӯлқин Хоҷа ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Ба таҳқиқ гирифтани моҳияту мазмуни нигоштаҳо, омӯзиши хусусиятҳои навиштаҳои матбуотӣ, таҳлилу ташхиси таркиби мундариҷавию мавзуии осори манзуми адиб ва ба ин восита нишон додани нақши Т. Хоҷа дар таҳаввулу такомули афкори иҷтимоӣ дар маҳал ва бурун аз он вазифаҳои асосии пажуҳиш аст. Дар ин самт фарогирии мавзуоти муҳимми ҳаётӣ, ташхиси хусусиятҳои гуногунрангии жанрии публитсистикаи бадеӣ, тавозуни бадеияти гуфтор, вижагиҳои сабку услуб ва дигар аҷзои ҳунарӣ дар назму насри адиб ҳадафи аслии публитсистикашиносии замони истиқлолият дониста мешавад. Барои мушаххас намудани ҳадафи асосии диссертатсия ҳалли масоили мубрами зерин вазифаҳои таҳқиқ дониста мешаванд:

– муайян намудани самтҳои фаъолияту эҷод, муносибат, ислоҳотхоҳӣ ва мавқеи адиб нисбат ба масъалаҳои иқтисодиву кишоварзӣ, ташхиси оҳанги иҷтимоӣ дар намунаҳои осори матбуотӣ;

– таҳқиқи сатҳи маърифату ҷаҳонбинии адиб дар муносибат ба масоили иҷтимоиву сиёсӣ, дараҷаи фаврият ва тезутундии нуқтаи назар нисбат ба факту ҳаводис, усули таҳқиқ ва хулосаву каломи таъсиргузори журналистӣ дар эҷоди адиб;

– доираи ташвиқу тарғиб нисбат ба маърифатмандии ҷомеа, нақши андешаву афкори публитсистӣ дар таҳаввулоти ҳаёти маънавӣ, мавқеи адиби публитсист нисбат ба масъалаҳои умдаи фарҳангу маориф;

– баррасии хусусиятҳои назми иҷтимоии адиб дар фарогирии масъалаҳои иҷтимоиву ватандӯстӣ, факту аснод ва воқеияти ҳаётӣ дар

қолаби каломи мавзун, мушоҳидаҳои ҷузъиёти асили зиндагӣ ва мавқеи мушаххаси муаллиф дар назм;

– мушаххас намудани маҳорати чеҳрасозӣ дар шеъри публитсистии адиб, усул ва воситаҳои инъикоси зиндагӣ дар хислату характери образҳои воқеӣ, хусусиятҳои фардии персонажҳо ва таҷассуми воқеаву рӯйдоди ҳаёт дар кирдору пиндори онҳо;

– таҳқиқ намудани масъалаҳои маънавиёт ва арзишҳои ахлоқиву фарҳангӣ дар назми иҷтимоии адиб, имкони баёни хулосаву ҳукм ва муносибати мустақими адиб ба таҳаввулу таназзули ҳаёти маънавӣ, нақши адиб дар масъалаи роҳ ёфтани ҳақиқати ҳаёти маънавӣ дар адабиёт;

– ташхиси баъзе ҷиҳатҳои сабкиву услубӣ ва ороиши бадеӣ дар осори публитсистии адиб, маҳорати таҷзияи ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати воқеӣ дар осори муаллиф, мувозинату мувофиқати бадеияту воқеият дар нишон додани моҳияти реалии ҳаёт;

– нишон додани ҷузъиёт ва таркибу хусусиятҳои жанрии публитсистикаи матбуотӣ ва назми иҷтимоии Т. Хоҷа.

Объекти таҳқиқ осори ба мавзуъҳои мухталифи иҷтимоӣ бахшидаи Тӯлқин Хоҷа ба шумор меравад, ки дар матбуоти даврӣ ва китобҳои батабърасидаи публитсист чоп шудааст.

Предмети таҳқиқ. Предмети таҳқиқ ҷанбаҳои публитсистӣ ва ташхису таҳқиқи он дар осори адиби публитсист мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Дар ин таҳқиқот ба адабиёти назариявии публитсистика ва адабиётшиносӣ, хоса таҳқиқоти эътирофшуда дар илмҳои публитсистикашиносиву адабиётшиносии назариячиёни хориҷиву дохилӣ чун В. В. Ворошилов, В. В. Ученова, Е. Прохоров, Я. Н. Засурский, С. Г. Корконосенко, Г. С. Мельник, С. М. Гуреевич, В. Ф. Олешко, С. Табаров, Л. Демидчик, А. Маниёзов, М. Имомзода, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, А. Нуралиев, П. Гулмуродзода, М. Муродӣ, А. Азимов, М. Муқимов, М. Абдуллозода, А. Қутбиддинов, Ш. Муллоев, С. Гулов, Н. Кӯчарова, Н. Усмонова ва дигарон такя карда шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Усули асосии таҳқиқоти мазкур таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ (муҳтавоӣ), ҳамчунин таҳлили мантиқии муқоисаву қиёс аст. Корбасти ин усулҳо имкон медиҳанд, ки хосияти публитсистикаи адиб, оҳангҳои иҷтимоии матлабҳои матбуотӣ, хусусиятҳои жанриву сабку услуб ва баъзе самтҳои мавзуию мундариҷавии осори ӯ возеҳ карда шаванд.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Сарчашмаҳои таҳқиқро осори назмиву насрии Т. Хоҷа, ки дар матбуоти ҷумҳуриявию маҳаллии кишвар (“Ҷумҳурият” (“Тоҷикистони советӣ”), “Ҷавонони Тоҷикистон” (“Комсомоли Тоҷикистон”), “Адабиёт ва санъат”, “Садои мардум”, “Роҳи ленинӣ”, “Симои Данғара” (“Навобод”)) ба табъ расидаанд, дар бар гирифтааст. Ҳамчунин китобҳои алоҳидаи адиб (“Озар” (2001), “Ниёиш” (2002), “Бурҷи асад” (2005), “Захми нигоҳ” (2005), “Фарёдҳои ростӣ” (2010), “Хоки баланд” (2013), “Куллиёт” (2020)), ки дар он назми иҷтимоии публитсист низ роҳ ёфтааст, ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ истифода шудаанд. Бо мақсади возеҳ нишон додани хусусиятҳои хоси осори публитсистии адиб баъзе намунаҳои асарҳои алоҳида қисман оварда, таҳлил карда шудаанд, қисми дигари онҳо ишора гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқ. Дар рисола бори аввал махсусиятҳои публитсистии осори Т. Хоҷа ҳамчун публитсисту адиби воқеанигор ба таври комплексӣ ба таҳқиқ гирифта мешаванд. Оҷилият, халқият, воқеият ва дигар ҷузъиёти публитсистӣ дар осори матбуотиву китобии адиб мавриди баррасӣ қарор гирифта, тафаккури мантиқиву образноки муаллиф дар маърифати гуногунҷабҳаи зиндагӣ пажуҳиш мегардад. Ба таври ҳамаҷониба муайян намудани вижагиҳои осори адиб дар доираи масъалаҳои публитсистикашиносии тоҷик иқдоми нисбатан нав мебошад. Мушаххас гардонидани хосияту руҳияи матолиб, махсусияти иҷтимоии осор ва доираи мавзуоти он, дараҷаи касбияту ҷаҳонбинӣ, руҳияи адабии навиштаҳо, самтҳои фарогирандаи оҳанги замон, сабку услуби мутафовит, қолабҳои жанрии гуногун дар насру назм ва мазмуну муҳтавои матолиби

публитсистии адиб бори аввал омӯхта мешавад. Дар алоқамандӣ бо илмҳои таъриху адабиётшиносӣ, равоншиносиву ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносиву забоншиносӣ таҳлилу таҳқиқ намудани публитсистикаи адиб имкон медиҳад, ки сатҳи ҷаҳонбиниву маърифат, ҳукму хулосабарорӣ, ҷуръату ошкорбаёнӣ ва таҳаввули аҷзову аносири ҳунарии эҷоди адиб бозгӯ гардида, хонанда аз шакли пешниҳод, хосияти мантиқӣ ва табиати матолиби осори адиб воқиф гардад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Бо аввалин намунаҳои эҷодӣ дар саҳифаҳои матбуот бо нуқтаи назари интиқодӣ аз худ дарак додани адиби ҷавон, тавассути матбуот ба майдони адабиёт ворид гардидани Т.Хоҷа, камоли касбият дидани адиб дар расонаҳои маҳалливу минтақавӣ, дар заминаи мушоҳидаҳои таҳқиқӣ ташхис намудани набзи ҳаёти иҷтимоӣ ва бо равзанаи публитсистӣ дар адабиёт таҷассуми ёфтани ҳақиқати воқеӣ.

2. Дар ҳама давраҳо аз ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ дар фосила қарор нагирифтани Т. Хоҷа, маърифати адиб ва таъсири сиёсати идеологии ҳизбии шӯравӣ дар такмили шахсияти ӯ, нақши фазову муҳит дар интихобу мушаххассозии мавзуоти баррасишаванда, рукнҳои устувор дар назми иҷтимоии Т. Хоҷа, муносибат ва нигоҳи журналистӣ дар баррасии масъалаҳои иқтисодиву кишоварзӣ, ҷойгоҳи наср ва назми адиб дар муколамаи иҷтимоӣ ва чун як адиби иҷтимоӣ муаррифӣ гардидани Т.Хоҷа.

3. Хосияти ташреҳиву таҳлилӣ ва омӯзишиву роҳнамоии осори адиб, маҳорати дарк кардани муаммову мушкилот ва ҳунари андешаронӣ кардану дар тасаввури хонанда ғунҷонидани ҳақиқати воқеӣ, дараҷаи ҷуръату интиқод ва оммавияти сухани адиб, ҷолибияти калом ва маҳорат, моҳияту таъйиноти ошкорбаёнӣ ва сареияту фаврияти навиштаҳои адиб дар роҳи ҳамқадами замон гардидани ӯ.

4. Дигар гаштани сохти иҷтимоӣ дар ташаккули шахсияти адиб, хусусиятҳои замонии гуфтори Т. Хоҷа бо назардошти табиати фазои иттилоотӣ, рисолати таъсиргузориву муъҳтақидсозии навиштаҳои

матбуотии адиб дар ангезаи афкори иҷтимоӣ ва баъзе ҷузъиёти ташаккули андешаи интиқодии адиб дар марҳилаҳои гуногун.

5. Ҷанбаҳои возеҳи воқеъгароёнаи таблиғу ташвиқ, ташхиси набзи ҳаёт, таҳқиқу мушоҳидаҳо ва танқиди унсуру падидаҳои манфӣ дар назми иҷтимоии адиб. Таваҷҷуҳи Т.Хоҷа ба набзи ҳаёти маънавии ҷомеа, манзалат ва мақоми омӯзгор дар осори ӯ ва мавқеи меҳварии оҳанги хитобу даъват дар истиқлоли эҷодии адиб.

6. Ҳунари чеҳрасозии адиб дар наср ва назм, таблиғу ташвиқи симои инсони намуна дар партави муҳимтарин мавзуоти рӯз, унсурҳову ҷузъиёти тафаккури бадеӣ ва дигар аркони ҷолибсоз дар нишон додани воқеияти рӯз, таваҷҷуҳ ба олами зоҳириву ботинии қаҳрамонони некмазҳару намуна ва дар баробари ин қаллобу фиребгар.

7. Назари инфиродиву муносибати хоси адиб дар ташхиси воқеият, сабку услуби ҷолиб ва пешниҳоди содаву мақбули матлаб, тасвири образнок дар шинохти ҳақиқат, каломи бадеии публитсист дар партави завқу эҳсоси хонанда, уфуқҳои хулосабарориву таҳқиқҳо, қолаби типписозиҳои алоҳида, ҷараёни суфтаву равони дахолати равшани муаллифӣ ва дигар анъанаҳои таблиғу ташвиқи публитсистӣ дар осори адиб.

8. Бидуни таҳриф кашф намудани моҳияти ҳақиқати ҳаёт, ҳамчун мушоҳидагари фаъол муносибат намудан ба рухдоду ҳаводис ва дар муҳити маҳал ташхису таҳқиқ намудани муаммову ҷузъиёти зиндагӣ дар қолаби жанрҳои мақола, тақриз, лавҳа, луқма, очерк, памфлет, фелетон ва репортажҳои бадеӣ.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ. Натиҷагириҳо аз ин таҳқиқот назарияи илми публитсистикашиносии тоҷикро боз ҳам мукаммалтар намуда, асосҳои илмии омӯзиши қонуният ва таркиби жанрӣ, оммавияту руҳияи адабии матолиб, ифодаи воқеияти ҳаёт дар қолаби назм, нақши сухани

образнок, ҳунари портретсозии адибони публитсистро дар қолабҳои гуногуни жанрӣ таҳвият мебахшад.

Мавод ва натиҷаи диссертатсияро ҳангоми таълифи китобҳои таърихи публитсистикаи тоҷик ва махсусан, моҳияту мазмуни публитсистикаи адиби иҷтимоӣ ва хусусияти сабкиву услубиву жанрии публитсистика метавон истифода кард. Диссертатсия метавонад, барои таҳқиқу муайян намудани асоси мавзуиву мундариҷавӣ, тараннуми давра ба давраи оҳанги иҷтимоии асарҳо, хусусиятҳои сабкиву услубӣ, қолабу вижагиҳои жанрӣ ва хосияту таъсирбахшии осори адибони публитсист мавриди истифода қарор дода шавад. Маводи таҳқиқот ҳамчунин ҳангоми таълими фанни асосҳои фаъолияти журналистӣ, назарияи публитсистика, курсу семинарҳои махсус, дарсҳои интихобӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ хидмат карда метавонад.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи “Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Дар ҷамъоварии маводи зарурӣ, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаҳо ва маърӯзаҳо доир ба мавзуъ зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертасия ба анҷом расонида шудааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Мундариҷаи асосии диссертатсия дар баромад ва маърузаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳфилу конференсияҳои донишгоҳии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2018-2021), автореферат ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст. Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, журналистикаи байналхалқӣ, телевизион ва радиошунавонӣ, услубшиносӣ ва таҳрири

адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №4, 30.12.2021) ва ҷаласаи шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №7, аз 30.03.2022) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 5 мақола, аз ҷумла, 3 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ 1
МАХСУСИЯТҲОИ МУНДАРИҶАВИЮ ҒОЯВИИ НАСРИ ПУБЛИТСИСТИИ ТӮЛҚИН ХОҶА

Тӯлқин Хоҷа адиби иҷтимоист, ки ба зиндагӣ аз равзанаи таҳқиқ нигариста, нигоштаҳои матбуотӣ ва назми иҷтимоии ӯ дар ҳама ҳолат мавқеи мушаххаси адибро дар ташхиси набзи замон нишон додаанд. Таҳқиқи тарҷумаи ҳоли адиб бозгӯи он аст, ки ӯ дар кору эҷод аз тасвири объективонаи ҳаёт канор набуда, аз паи тамаллуқ ва қолаби якнавохту такрори эҷод нарафтааст. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар оҳанги осори ӯ то андозае дигаргунатар ба назар расад ҳам, каломеро аз минбари эҷод гуфтан мехоҳад, ки дар он оҳанги иҷтимоӣ тантана дошта бошад. Оҳанги лирикӣ ва нафосати шеърӣ дар осори ӯ бегона набуда, ин ҷузъиёт дар нишон додани ҳақиқат ба адиб бештар мусоидат кардаанд. Инъикоси масъалаҳои иқтисодӣ ва, махсусан, таҳаввулу таназзули ҳаёти хоҷагии қишлоқ ҳамеша диққати ин публитсистро ҷалб кардаанд. Нисбат ба масъалаҳои сиёсӣ бетафовут нест ва то андозае дар таҳлилу хулосабарориҳо ҳукми қатъии худро зоҳир менамояд, ки ин ҷиҳат дар назми иҷтимоияш бештар мушоҳида мешавад.

Дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодум ва оғози солҳои навадум мавзуи худшиносии миллӣ ва тарғиби он дар осори адиб мавқеи назаррасро соҳиб аст. Мактабу маориф ва маърифату фарҳанги ҷомеа дар меҳвари андешаҳои адиб қарор мегиранд ва бо ҷуръати хос роҳи ҳалли ин масъалаҳоро баён менамояд.

1.1. Назаре ба зиндагии Т. Хоҷа ва шинохти ӯ ҳамчун адиби публитсист

Ҳарчанд дур аз доираи бузурги ҳавзаҳои эҷодӣ бошад ҳам, дар қаламрави шеъри муосири тоҷик дар охири солҳои ҳафтод ва аввали солҳои ҳаштодуми садаи ХХ, шоир Тӯлқин Хоҷа бо назми иҷтимоии

боҷуръатона аз ҳастии як адиби пурзавқи иҷтимоӣ дарак додааст. Ӯро ҳамчун як рӯзноманигори барҷаставу эҷодкор, омӯзгори асил ва шоири хушзавқ мешиносанд. Т. Хоҷа 17 сентябри соли 1956 дар деҳаи Пушинги ноҳияи Данғара дар оилаи муаллим чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Соли 1973 баъд аз хатми мактаби миёна барои идомаи таҳсил дар мактаби олӣ роҳ сӯи пойтахт пеш мегирад. Соли аввал муваффақ намешавад, ки ба донишкада дохил гардад. Ба деҳа баргаштанро барои худ ор дониста, ба бахши киномеханикаи Омӯзишгоҳи шаҳри Душанбе ҳуҷҷат месупорад ва киномеханик мешавад. Дар идораи кинонамоишдиҳии ноҳияи Данғара ба кор медарояд. Як сол баъд (соли 1974) ба орзуи худ расида, донишҷӯи бахши шабонаи факултети филологияи тоҷики Донишкадаи омӯзгории ба номи Т. Г. Шевченко мегардад. Чун як ҷавони деҳотии ҷӯяндаи ба олами нав воридшуда шабона таҳсил намуда, рӯзона барои таъмини рӯзгор дар истеҳсолот кор мекард. То хатми донишгоҳ дар заводҳои хишту семент ва мактаби № 59-и пойтахт ба сифати коргару омӯзгор фаъолият кардааст. Т. Хоҷа баъди хатми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон пешаи омӯзгориро интихоб намуда, аз соли 1979 то соли 2000 дар макотиби гуногуни ноҳияи Данғара аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс медиҳад. Бо муҳаббат ва садоқат адои касб карда, аз соли 1979 дар мактаби Гонсу ва сипас дар мактаби №56-и ноҳияи Данғара ба сифати муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷик фаъолияташро давом додааст. Ҳамзамон дар МТМУ №45 (деҳаҳои Шаршар ва Пушинги ноҳияи Данғара) то охири умр (соли 2012) омӯзгорӣ кардааст. Фаъолияти муваффақонаи омӯзгорияшро ба назар гирифта, ӯро бо нишони Аълочии маорифи халқи РСС Тоҷикистон қадр менамоянд.

Дар журналистика Т. Хоҷа қаламкаши худрӯст. Ӯ аз овони наврасиву ҷавонӣ ба эҷодкорӣ шавқу ҳавас дошта, завқу салиқа нигоҳи ӯро ба зиндагӣ зина ба зина дигар намудааст. Ҳамин буд, ки аз соли 1973 то соли 2011 дар баробари пешаи омӯзгорӣ ба сифати мухбири ғайриштатии

рӯзномаи «Симои Данғара» (“Навобод”) низ кору фаъолият кардааст. Ҳамзамон аз соли 1989 ба сифати мухбири ғайриштатии рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» алоқамандии худро бо матбуоти марказӣ барқарор кардааст. Чун истеъдоди баланди журналистиву нигорандагӣ дошт, аз соли 1999 то 2007 дар ТВ «Хатлон» ва аз соли 2009 то 2011 дар Шабакаи аввали телевизиони Тоҷикистон ба сифати мухбири минтақавӣ ҳамкориву фаъолият намудааст. Соли 2011 узви ИЖТ гардида, робитаи худро бо телевизион ва матбуот идома медиҳад. Аз соли 1997 ба аъзогии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта мешавад. Таҳқиқи рӯзгору аҳволи шоир нишон медиҳад, ки ӯ фаъолияти журналистии худро бештар тавассути ҳамкориҳо (мухбири ғайриштатӣ) ба роҳ гузоштааст. Тартиби хронологии ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи фаъолияти кории номбурда чунин аст:

1. Нашрияи «Тоҷикистони Советӣ» (шаҳодатномаи № 38 аз 31.12.1989).

2. Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон раёсати телевизион ва радиои вилояти Хатлон (шаҳодатномаи №17 аз 03-01-2004).

3. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳодатномаи №2389).

4. Узви ИЖТ (шаҳодатномаи №1669 аз 28-07-2011).

5. Аз соли 1997 аъзои Иттифоқи нависандагон.

Тӯлқин Хоҷа 4 ноябри соли 2012 дар синни 57-солагӣ, баъди бемории вазнин аз олам чашм пӯшидааст. Дар ҳама даврҳо адиб ҳамқадами замон буда, бо ҷонибдории сиёсати давр ва ҳамчунин бо интиқоди зуҳуроту ҷузъиёти номатлуби замон маҳбубияту нуфуз пайдо кардааст. Таваҷҷуҳи ӯро сиёсати давлатдорӣ, масъалаҳои мактабу маориф, проблемаҳои соҳаи кишоварзӣ, ободонию созандагӣ, таъминоти оби ошомиданӣ, обёрии заминҳо, азхудкунии заминҳои водии Данғара ва дигар ҷабҳаҳои бунёдкорӣ ҷалб намудаанд.

Дар бахшу самтҳои эҷодӣ Т. Хоҷа бештар чун як шоири иҷтимоӣ шинохта мешавад. Аввалин маҷмӯаи шеърҳояш бо номи «Шамолдара»

соли 1989 дар нашриёти «Адиб» ба табъ расидааст. Маҷмуаи дуюми адиб баъди ёздаҳ сол бо номи “Озар” соли 2000 ба нашр мерасад. Асарҳои дигари ӯ – “Захми нигоҳ” (2002), “Ниёиш” (2002), “Бурҷи асад” (2005), “Самандар” (2005), “Фарёдҳои рости” (2010), «Хоки баланд”(2013), “Куллиёт” (2020) бо фарогирии шеъру ғазал ва рубоиву дубайтиҳо дар навбати аввал ифодагари эҳсоси дили шоир дар пояи тараннуми воқеияти зиндагӣ мебошанд. Осори адиб, ки бештар аз назм иборат аст, дар “Куллиёт”-и адиб аз чунин теъдоди жанрӣ иборат мебошад: “Куллиёти шоир Тӯлқин Хоҷа, ки ба тозагӣ нашриёти «Адиб» ба нашр расонд, 165 шеър, 52 ғазал, 402 рубоӣ ва 58 дубайтиро дар бар гирифтааст” [128].

Падари адиб омӯзгори касбӣ будааст ва устоду муҳарриру мухлиси аввалин шеъри Тӯлқин Хоҷа маҳз падараш мебошад. То синфи чорум Тӯлқин Хоҷа дар мактаб аз падари худ, ки рӯзгорашро бо пешаи омӯзгорӣ ба пеш мебурд, дарс омӯхтааст. Дар бораи ҷанҷоли ду ҳамсоязанак Тӯлқин шеъре дар ҳаҷми 16 байт навишта ба падараш пешниҳод мекунад ва дар ҷавоб таҳсину офарин шунида, ба навиштану эҷод рағбат пайдо мекунад. Роҳи пурпечутоби зиндагӣ ва баъзе ҷузъиёти хосаи ҳаёти адиб аз забони худи ӯ дар мусоҳибаи Умари Шерхон таҳти унвони “Ба ёдам мерасад неши қаламхор”(“Чархи гардун”, 2003, 18 июл) хеле хуб ифода гардидааст. Т. Хоҷа бевосита иқрор аст, ки ашъори М. Турсунзода илҳомбахшу роҳкушои ӯ дар ҷодаи назму шоирист. Дар ин маврид китоби «Қиссаи Ҳиндустон»-ро махсус зикр менамояд: «Тарзи баён, шеъри равон ва ширину дилчасп маро мафтун сохт ва чун оҳанрабо ба оғӯш хонд. Қиссаро дар кӯтоҳтарин фурсат аз ёд намудам. Забони шеърхониям гӯё шуда, рағбати шеърхониям боло гирифт» [132].

Назар ба баъзе маълумотҳое, ки худи адиб ишора кардааст, хабару мақолаҳои алоҳидаи ӯ дар саҳифаҳои матбуот нисбат ба шеърҳояш барвақттар нашр гардидаанд. Аввалин шеъраш бо номи “Шогирди модар” соли 1973 дар нашрияи “Комсомоли Тоҷикистон” ба табъ расидааст ва баъди он роҳи эҷодии ӯ такмил ёфта, шеъру мақолаҳояшро дар матбуоти даврӣ ба нашр мерасонад. Дар замони шуравӣ чоп кардани асарҳову

китобҳо ва аз имтиҳони сангини шурои нақди адабӣ гузаштан осон набуд. Т. Хоҷа дар синни 29-солагӣ муваффақ гардидааст, ки аввалин гулчини ашъорашро мураттаб созаду пешниҳоди устодони шеър намояд. Дар бораи аввалин маҷмуаи ашъораш худи адиб чунин баён доштааст: «Соли 1985 маҷмуаи шеърҳоям таҳти унвони «Шамолдара» дар шурои назми Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ, дар ҳузури устодон Бозор Собир, Лоиқ, Гулназар, Гулрухсор, Раҳмат Назрӣ ва дигарон мавриди муҳокима қарор гирифта, ба чоп тавсия шуд» [132].

Барои нашри аввалин маҷмуаи худ Т. Хоҷа қатъи назар аз монеаҳои сунъии замон талоши зиёд карда, дар нашрияҳои марказӣ шеърҳояшро дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодум бештар ба нашр расонидааст. Ин ақидаро У. Шерхон низ таъкид намуда, ба он ишора менамояд, ки Т. Хоҷа аз имтиҳони сангин ва талаботи сахти замони шуравӣ ба осонӣ нагузаштааст: “Даврони шуравӣ чоп кардани китоб кори осон набуд. Навча шоиру навча адибро дар иттиҳодияи адибон, ба қавле, аз ғирбол мегузарониданд. Чунин навбат ба Тӯлқин Хоҷа соли 1985 фаро расид... Маҷмуаи нахустини шоири шӯридадил бо номи “Шамолдара” танҳо соли 1989, баъди чор соли интизориҳо рӯи чопро дид” [133]. Чун ба шеъри Т. Хоҷа Лоиқу Бозору Гулрухсор таваҷҷуҳ пайдо мекунанд, ин сабаб мешавад, ки бо илҳоми тоза ба майдони эҷод ворид гардад. Як давра фаъолияти журналистии адиб суръати тоза пайдо карда, аз соли 1980 то соли 1990 ӯ бештар ба навиштани очерку мақолаҳо рӯ меорад ва дар матбуот мубрамтарин масъалаҳои иҷтимоиро баррасӣ менамояд. Маҳсули эҷодаш дар нашрияҳои вилояти ву марказии “Роҳи ленинӣ”, “Тоҷикистони советӣ”, “Комсомоли Тоҷикистон” ва “Симои Данғара” (“Навобод”) ба табъ расида, проблемаҳои мубраму муҳимми ҳаётиро фаро гирифтаанд. Бо сабаби фоҷиаи дар як рӯз фавтидани ду писари навраси адиб ва баъзе омилҳои номаълуми дигар таваққуфе дар фаъолияти эҷодии Т. Хоҷа ба вуҷуд меояд. Доир ба ин худи адиб чунин ишора кардааст: «…аз соли 1989 то соли 2001 дар зиндагиям як холигие ба миён омад. Гоҳ-гоҳо шеърҳои тоқаам дар

расонаҳо ба табъ мерасиданду халос. Бо кӯшиши як дӯстам соли 2001 маҷмуаи шеърҳоям «Озар» чоп шуд, ки он аз нав маро зинда кард» [132].

Аз шеърҳо ва аз баёни бевоситаи адиб бармеояд, ки ӯ шоири иҷтимоӣ аст ва дар оғӯши дарду ранҷҳо зистан барояш муаммову дард ҳам гаштааст. Чунин маъниҳоро дар баёни мантиқии адиб дар домани байту мисраъҳои гуногун пайдо намудан мумкин аст. Дар зиндагии фардӣ муаллиф аз ин дарду азиятҳо бок надорад ва худро ҳамтақдиру ҳамқисмати Бозор Собир мегӯяд. Дар шеърҳои алоҳидаи худ пайравӣ ба сабку мазмуни шеъри Бозор Собир (шеъри «Ба устод Бозор Собир») менамояд. Дар мусоҳибае Т. Хоҷа иброз медорад, ки таъсири шеъри ин шоир дар пайроҳаи эҷодии ӯ андак нест: «…як умр побанди шеър гаштам. Акнун дарк кардам, ки ин шоҳроҳ басо пурпечутобу сангин буда аст. Аксар вақт байти фавқи устод Бозор Собир пеши назарам ҷилвагар мешавад:

Маро гӯянд агар шахси қаламкор,

Ба ёдам мерасад неши қаламхор» [132].

Роҳ ёфтан ба ҷодаи шеъру шоирӣ бидуни дастгириву роҳнамоии устодон сурат гирифта наметавонад. Дар робита ба ин дар майдони каломи мавзун Т. Хоҷа муваффақ будани худро аз роҳнамоиҳову дастгириҳои Муҳаммад Ғоиб вобаста медонад. Махсусан, ба узвияти ИНТ қабул гаштани худро ишора карда, нисбат ба ғамхориҳову кумакҳои М. Ғоиб чунин мегӯяд: «Дар ин амали хайр хизмати бародар Муҳаммад Ғоиб шоиста аст. Устод на танҳо барои ба майдон баромадан, балки дар арсаи адабӣ фаъолият варзидан, намоён шудан аз дастгирӣ ва ҳаводорӣ то ҳол бознаистодаанд» [132].

Баъзе сару садоҳои маҳдуд дар бораи қавмияту нажоди адиб низ вуҷуд дорад, ки он пеш аз ҳама ба тахаллуси адиб вобаста аст. Ҳарчанд ӯ то синфи чорум бо забони ӯзбекӣ таҳсил намуда бошад ҳам, вале бо забони ӯзбекӣ шеър нагуфтааст. Дар ин маврид худро ҳатто шоири зуллисонайн ҳам наменомад. Адиброо бо номи суфтаву камҳиҷои Тӯлқин мешиносанд. Он тахаллуси интихобшуда намебошад ва ба андешаи худи шоир, бо он ки бо ин ном мақолаву шеърҳояш ба табъ расидаанд, дар фикри интихоби

тахаллусе наафтидааст. Маънии Тӯлқин низ назар ба қавли адиб шоиронаву рамзӣ аст: «Тӯлқин ин номи бандаи камтарин аст. Онро қиблагоҳ (руҳашон шод бод) ба ман муносиб дидаанд… Этимологияи ин калима ӯзбекист. Маънои он мавҷ аст, мавҷи дарё, ё баҳр» [132].

Тӯлқин Хоҷа зиндагиву ҳаёти фақиронаеро аз сар гузаронидааст ва ба қавли А. Раҳмон, “Шаҳр нарафт, деҳи пурхок ҳасрати умрашро шикаст, молу сарват, хонаву дар начуст” [167, с.4]. Зиндагии сахту душвори муаллим дар шеърҳои зиёди ӯ ифода гардида, қашшоқии худро баъзан (хонаи похсагини муаллим дар назди қасрҳову кӯшкҳои сарватмандҳо) боиси хиҷолаташ низ медонад. Аз нодориву тангдастиҳо дар ашъори худ ишора намояд ҳам, вале ғурури баландаш намегузорад, ки аз паи тамаллуқу ҳирс равад. Аз баёни аҳволи танги иқтисодии худ бок надорад ва аз ҷумла иброз медорад, ки замоне барои ба пойтахти кишвар рафтан имкони молиявӣ надошт: «Аз аҳли раёсати ИНТ сипосгузорам. Онҳо бандаро ғоибан ба иттифоқ пазируфтанд. Зеро ман он айём иқтидору имкони ба пойтахт омаданро надоштам» [132].

Доираи каломи мавзун ҳамчун як санъати махсуси баён ва яке аз воситаҳои навозиши табъу хиради аҳли башар, ҳамеша дар тарбияи ҷомеа пештоз аст. Сохти замонаҳо тағйир меёбанд ва бо гузашти айём мавзуи каломи мавзун дигар мешавад, вале ҳамоно шоири ҳақиқатбаён бо таъсири шеъраш метавонад, ки ба афкори ҷомеа таъсири назаррас гузорад. Т. Хоҷа бо равиши замона ҳамқадам бошад ҳам, ҳақиқатпарастияш водор месозад, ки аз қолабҳову хатҳои кашида берун ояд. Шеърҳои ӯ оҳангҳои дардолуда доранд ва ин сифат аз оғоз то анҷом сифати азалии шеъри ӯ мебошад. Агар баъзан ба шеъри тавсифӣ рӯ оварда бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ дардҳои худро зери парда ниҳон нигоҳ намедорад. Дар ҳошияи комёбии як нафар ҳатман аз ранҷу кулфатҳои худ ва ҷомеа нозуку ноаён ишора мекунад. Ин ҷиҳатҳоро муҳаққиқ А. Раҳим низ таъкид карда аз қаҳриву даҳрӣ ва баъзе таззодҳои дигар ишора менамояд: “Агар ҳам ин захмҳо, ки андар диланд, шифо намеёбанд ва дарду сӯзишашон ба ҳар рӯзу ба ҳар шаб меафзоянд, ин

омӯзгору шоир рисолати аслии худро аз ёд намебарорад. Аз ватан мегӯяд, аз Тоҷикистон. Русто, зодгоҳашро бо истифодаи ташхис ва ҳунари зебои шоирона сад бор садқа мешавад ва онро давлати пиёдаи худ мехонаду мегӯяд, ки аз содагии ту бахти ту бо ту қаҳрист ва ҳам даҳрист” [129].

Ба ҷодаи эҷод Т. Хоҷа нимаи аввали солҳои ҳафтодум қадам ниҳода бошад ҳам, аз мазмуни навиштаҳои гуногунаш бармеояд, ки ӯ дар ҷамъ овардану нашри осораш хеле кам талош кардааст. Ҳамин ҷиҳат аст, ки шеъраш дар замони зиндагонии ӯ барои ҳама дастрасу маълум набуд. Ин ҳам як ғурури шоистаи инсонии ӯст, ки дар паи суроғи худнамоиҳо нарафтааст ва ин мазмун дар оҳанги фалсафии навиштаҳои адиб зиёд ба назар мерасад. Дар шинохти А. Раҳмон ин шоири рустоӣ содагиҳову фурӯтаниҳо дошт ва бо чунин истеъдоду малакаи баланди эҷод шуҳрату нуфуз барояш дуюмдараҷа будааст. Ин дар суратест, ки адиб соҳиби шеъри оливу беолоиш мебошад: «Худдорӣ аз чопи ашъораш содагӣ ва фурӯтанияш буд. Шеъраш поку олӣ ва беолоиш аст» [168, с.452-454]. Аз нигоҳи А. Раҳмон дар зиндагӣ Т. Хоҷа ҳақиқатпараст буду таззодҳои онро дӯст медошт. Шоир дар зиндагии начандон тӯлонӣ ҷафодидаву азияткашида мебошад ва тавре зикр гардид, марги ду писари наврасаш барои ӯ ниҳоят гарону пурдард мешавад. Ба андешаи муҳаққиқон оҳанги дарду марсиясароии ӯ ба марги якборагии ду фарзандаш баландтар аз оҳу шевани Мавлоно Ҷомӣ мегардад: “...фоҷиатарин шикасташ дар зиндагӣ ин даргузашти шоҳинбачаҳояш Озару Ҳасан буд, ки додашро дар танҳоӣ, пинҳон аз чашми аҳёр аз шеър гирифта, бонге баландтар аз Мавлоно Ҷомӣ бар сӯги Сафийаддин сар додааст” [164, с.5-6]. Чунин фоҷиаи сангини ҳаёти шахсияшро худи шоир дар як мусоҳиба низ иқрор мебошад ва ин сабаб гардидааст, ки як муддат дар кори эҷодӣ таваққуф низ дошта бошад: «Баъди воқеаҳои солҳои навадум чанде овора мондам, нофаҳмиҳо, зиндагии басо сангин, фавти нобаҳангоми ду писаракам маро ба умқи тӯфони нобудиҳо афканд» [132].

Т. Хоҷа адиби ба истилоҳ муваффақи маҳаллиест, ки садояш аз дур, аз минбарҳои баланд, на танҳо диққати хонандаи одӣ, балки таваҷҷуҳи

адибону адабиётшиносонро низ ҷалб намудааст. Умар Алӣ дар навиштаи худ таҳти унвони «Ширинии софи тоҷикӣ дар ин ҷо» [163, с.3] Т. Хоҷаро дар майдони адабиёт чун як шоири дардошно мешиносад: «Тӯлқин кайҳо боз дар арсаи шеъру адаб мухлису муштариёни худро дарёфтааст» [163, с.3]. Аз рӯи оҳангу маромиосораш шеъри Тӯлқин ҳамеша олудаи воқеият буда, ҳар як мисраи ӯ дар пояи меҳвари ҳақиқати воқеӣ мечархад. У. Алӣ ин махсусиятро ба назар гирифта, андеша дорад, ки «шеърҳои ӯ нишонрас ва ҳадафдоранд» [163, с.3]. Т. Хоҷа аз нафосату нозукиҳои шеър огаҳ мебошад ва бо истеъдоди табиӣ ба равзанаи афкори хонанда расидагирӣ карда метавонад. Ӯ шоири мушоҳидакору ҳақиқатбаёнест, ки бо пардозгарии маъниҳову маромҳо мавриди истиқболи ҳампешагонаш қарор гирифтааст. Таҷрибаи эҷодкории ӯро дигарон, пеш аз ҳама, дар пешниҳоди содаву суфта ва жарфгӯиву рангинбаёниаш мебинанд. Ибораҳои “маҳорати корхӯрдаи шоирӣ” ва “истиқболи гарм”-и ашъораш ҳокӣ аз ғановати баланди осори ӯ мебошад: «...дар паҳлӯ гардонидану ҷилва додани маонии тоза ба тозаи калимаҳо ва жарфгӯию рангинбаёнӣ маҳорати корхӯрдаи шоирӣ дорад. Устодони калом аз эҷодиёти вай истиқболи гарм доранд» [163, с.3].

Дар пешгуфтори китоби «Бурҷи асад» зери унвони «Пайғом», ки аз ҷониби Шери Худо навишта шудааст, шикастанафсиву ғурури баланди шоир талқин мегардад: «Ҳаргиз барои ҷамъоварии молу сарват, ҷоҳу ҷалол талош накардаву бо сари хам аз танқисии рӯзгору тани абгор нанолидааст» [164, с.5-6]. Ин андеша дар асоси байти Т. Хоҷа пайдо гардидааст, ки молу сарвати ӯ дар зиндагӣ танҳо шеър будааст:

Маргам намешавад сабаби ҷанги ворисон,
Молу макон нагуфтааму шеър гуфтаам [164, с.56].

Қолаби назм барои адиб василаи қулай барои баёни ақидаву афкор гардидааст, ки дар заминаи мушоҳидаҳои ӯ ба вуҷуд омадаанд. Чунин хулосае ба миён меояд, ки адиб дар зиндагӣ роҳи ҳақпарастии худро доштааст ва ҳеҷ гоҳ муҳити ғайру нописандро бо тамаллуқеву озори беҳудаи касе барои худ қабул надоштааст: “Ҳаргиз ба малоли хотири касе

боис ва баҳри хушҳолии худ кӯшише накардаву дар муҳити барои ӯ нофорам набудаву наяфтода” [164, с.5-6]. Оҳанги ҳаҷву тамасхури офаридаҳояш дар навбати аввал бозгӯи пойбанди тамаллуқу хушомадгӯиҳо набудани ӯ мебошад. Ин хислату ғурури баланди адиб аз забони ӯ хеле осон дарёфтан мумкин аст, ки дар баробари баёни ҳақпарастии худ писханд ба шоирони тамаъҷӯ дорад:

Ҳар тунди шиштаву кулаҳ каҷ ниҳодаро,
Нӯшервон нагуфтаму шеър гуфтам...
Худро ба як даҳан дурру гавҳар фурӯхта,
Ҷаҳро ҷинон нагуфтаму шеър гуфтам [164, с.7].

Дар ҳама гуна навъи эҷод (назм, наср, публитсистика ва ғ.) он фарде комёбу ҳадафманд аст, ки агар дар доираи баланди маҳорати касбӣ аз қонуниятҳои эҷод огаҳ бошад. Т. Хоҷа аз ҷумлаи адибоне дониста мешавад, ки дар аксар қолабҳои жанрии назм ҳунарманд аст. Ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, достон ва дигар анвои шеърӣ таркиби осори ӯро ташкил додаанд. Муҳимтарин хосияти эҷодаш ин аст, ки ҳар як сатри ӯ баёни содаву бепарда аст ва дар дарки мазмуни осораш мушкиле вуҷуд надорад: “Тӯлқин шоири воқиф аз қонуниятҳои шеър аст ва ба ин ваҷҳ халқияти шеъри худро баланд нигоҳ дошта тавонистааст. Маъниву маромро гӯр намекунад ва мехоҳад, ки шӯру ҳаяҷони шеъраш тантана дошта бошад” [128].

Дар ҳама ҳолат ғоянокӣ ва мавқеи мушаххаси иҷтимоӣ мақому манзалати ашъори ӯро баланд гардонидааст. Дар шеърҳояш, пеш аз ҳама, таҳлилгару таҳқиқгари фаъоле ба назар мерасад, ки бо ҷуръати баланд аз баёни ҳақиқати рӯз ҳарос надорад. Андешаҳояш оҳанги интиқодӣ касб менамоянд, баҳс меороянду хитоб доранд ва масъулону мақомдоронро ба қазовату инсоф даъват менамоянд: “Тӯлқин Хоҷа ҳар як ташбеҳу зебоии суханро ба ғояву мароми иҷтимоӣ робитаи қавӣ бахшида метавонад. Тӯлқин адибест, ки дар баҳри ҳикмат ғӯта мезанад, муқобили маҷро меравад ва мунозараву баҳсҳои андешасозро пеш меорад. Шебу фарозҳоро ҳамвор дидан мехоҳад, ҳақиқатро инкор намекунад, балки дарки онро дар

шакли дигар дидан мехоҳад” [128]. Т. Хоҷа шоири озодбаёну дур аз кинаву ғаразҳои беасос аст. Гарчанде гуфтори тунду интиқоди сахти ӯ нисбат ба масъулону роҳбарони алоҳида гоҳо мушаххасу гоҳо мармузона ба назар расад ҳам, вале шеъри ӯ поку дур аз олудагиҳои пурғаразу ситоишҳои манфиатҷӯёна мебошад. Шеъри ӯро саршори садоқати поки кӯҳистонӣ гуфтаанд, ки баҳои одилона аст: “Шеъраш поку орӣ аз кинаву мазаммат, ситоиши нолоиқ ва саршори эҳсосу садоқати поки кӯҳистонист” [164, с.5-6].

Як самти фаъолияти Т. Хоҷа касби омӯзгорист ва ин пеша боис мешавад, ки ӯ ба зиндагии ҳаррӯзаи халқ наздиктар бошад. Бо он ваҷҳ ба зиндагии ҳаррӯзаи халқ наздик аст, ки ӯ ҳамарӯза фарзандони мардумро дар синфхона истиқбол мегираду интизор мебошад. Ӯ дар ин ҷода пайраву идомабахши касби падари худ мебошад, ки як соат қабл аз дарсҳо ба фарзандони мардум дарс меомӯхт. Аз сатҳи дарку саводомӯзии шогирдон дарк менамояд, ки набзи иҷтимоӣ чӣ гуна тапидан дорад. Ҳамчун омӯзгор бештар аз дигарон ҷонибдори баланд гаштани сатҳи некуаҳволии халқ мебошад. Ислоҳоти маънавии ҷомеаро мехоҳад ва ҷонибдори инсони комилу бомаърифат гаштани ҳар як насли наврас мебошад. Муҳаққиқ А. Раҳим ишора ба пешаи омӯзгории адиб намуда, ҳақиқатписандии адибро ба нозири ҳақиқиву мушоҳидакору воқеъбин будани ӯ тавъам медонад ва дар чандин ҷода тарбиятгари ҷомеа будани шоирро зикр кардааст: “Мақсуди ин омӯзгор аз ин ҳама боз ҳам дарс аст, дарси ибрат, дарси одамият. Ин ҳақиқат ҳеҷ исботеро намехоҳад: оне ки аз хоки баланд аст, руҳаш ҳамеша майл ба баландӣ дорад ва ба баландӣ бо пару болҳои қавӣ парвоз мекунаду мерасад. Назора аз он баландӣ зебову дақиқу дуруст аст ва ҳамчунон мемонад” [129]. Ҳақиқати возеҳ аст, ки осори Т. Хоҷа дар навбати аввали ҳикояти аҳволу рӯзгор ва омиле дар роҳи дарки шахсияти ӯ ба шумор меравад. Ба ҳамаи саволҳо дар шинохти ӯ, пеш аз ҳама, назми воқеиятдоштаву уфуқдораш ҷавоб дода метавонад. Шарт нест, ки дар ифшои ботини ӯ ба ҷое муроҷиат карду аз ҳамкорону ҳамқадамонаш хислати ӯро пурсон гашт, зеро осори ӯ ба ин ҳама муаммоҳо хеле содаву фаҳмо равшанӣ андохтааст. Бо назардошти ин ҷиҳатҳо муҳаққиқ А. Раҳим

пешаи омӯзгории Т. Хоҷаро ташхис карда, чунин андеша дорад: “Ҳатман дар зеҳни онҳое, ки намешинохтандашу намешиносандаш, ин суолҳо пайдо мешавад, ки воқеан, ӯ чӣ гуна омӯзгоре буд, бо чи равише, усуле дарс мегуфт ва мурод аз дарсҳояш чист? Дар шеъри “Арзи ихлос”-аш ба ин пурсишҳо посухҳо дорад, посухҳои рост, дуруст, аз сари ихлос, фаҳмову рӯшан:

Дар ҳақиқат, муаллим буд,
Бо навин роҳу равишҳо дарс мегуфт,
Бо беҳин тарзу усулу парваришҳо дарс мегуфт,
Дарси ӯ чун дарси пири зиндагӣ озод буд,
Ҷониби озодӣ ва озодагӣ иршод буд.
Пайравӣ аз беҳтарин омӯзгорон дошт ӯ” [129].

М. Ғоиб хонаи одиву хоксорона ва зиндагии камбағалонаи Т. Хоҷаро дидааасту шоҳид аст. Ӯро ба Луқмони Ҳаким монанд мекунад, ки бо вуҷуди шуҳрату нуфуз дар паи бунёди қасрҳову кӯшкҳои боҳашамат нагардидааст. Ишора ба фоҷиаҳои охири умри адиб менамояд, ки зиндагии ӯро талх сохтаанд:

«Хонаи Луқмони доно даргаҳат,
Буд девору дараш аз хору хас.
Боди гардолуд мекард огаҳат:
Баҳри меҳмони равон ин кулба бас…

Чист гарди ғам? – Суоли беҷавоб
Хоки умратро набуд аз он асар.
Бехабар бигзашт айёми шабоб,
Талх шуд охир ба коми ту шакар» [168, с.452-454].

М. Ғоиб дар идомаи андешаҳояш Т. Хоҷаро шоире медонад, ки оҳанги шеъраш дард дошта бошад ҳам, аммо бо меҳри рӯзгор таҷзия ёфта буд. Ишораҳои М. Ғоиб дар шинохти Т. Хоҷа рамуздор мешаванд ва гила аз он карда мешавад, ки дар душвортарин лаҳзаҳо шоирро наздикону дӯстонаш танҳо мегузоранд. Ҳатто ба онҳое санги маломат зада мешавад, ки як

замоне Тӯлқин дар бораи онҳо шеър гуфтааст ва васфи онҳоро кардааст. Ба он манфиатҷӯёне ишора мекунад, ки дар зиндагӣ ва ҳатто рӯзи ҷанозаи шоир ҳозир нагардидаанд. Ҷуръати М. Ғоиб андаке коста мегардад ва ҳақиқатро возеҳтар баён намесозад. Танҳо чунин маъние бармеояд, ки нисбат ба ин рӯзноманигору шоири ҳақиқатҷӯ афроди алоҳида нотавонбину ҳасуданд:

«Дарди шеъру дарди меҳри рӯзгор
Оқибат бо ҳамдигар омехтанд.
Ҷони ту аз бори ғамҳо шуд фигор,
Ку мададгорон? – Ҳама бигрехтанд.

Бехабар аз рангҳои обу гил,
Шеърҳо гуфтӣ ба васфи чанд тан.
Ҷустӣ аз аҳли шикам ту аҳли дил,
Кофтӣ аз шӯразоре ёсуман.

Роҳи даргоҳат пайи онҳо надид,
Рӯзи маргат ҳам наёмад он яке.
Нола он шаб аз сарои ту расид,
Беҳтар аз он қавм бошад чокаке» [168, с.452-454].

Дар сӯгномаи Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар мавриди шинохти Т. Хоҷа таъкид гардидааст, ки ӯ дар олами эҷод шахси тасодуфӣ нест ва ашъораш заминиву ҳадафмандона баҳогузорӣ мегардад. Ин аз як ҷиҳат бозгӯи он аст, ки шоир бо осори баландмазмунаш дар адабиёти муосир мавқеи сазовори худро соҳиб мебошад: «Тӯлқин Хоҷа дар адабиёт шахси раҳомад набуд. Шеъри заминӣ, хубтасвир ва ҳадафманд мегуфт, дар назм овози худро дошт» [131]. Ҷои дигар мондагору баландқимат будани осори ин адиб зикр гардида, барои шогирдону дӯстон ва хонандаи умум эътибор доштани эҷоди пурмазмунаш махсус таъкид мегардад. Барои раёсати ИНТ Т. Хоҷа, пеш аз ҳама, инсони

комилу равшанзамир аст ва ҳамчун шоиру омӯзгор бештар ёд карда мешавад: «Хотираи неки инсони равшанзамир, шоир ва омӯзгор Тӯлқин Хоҷа дар дили аҳли сухан, шогирдон, дӯстону хонандагон боқӣ хоҳад монд» [131].

Муҳаққиқон С. Гулов ва А. Қутбиддинов ба осори адиб назари умумӣ андохта, чунин андеша доранд, ки Т. Хоҷа, пеш аз ҳама, як фарди ватандӯст аст. Ба андешаи онҳо, «Тӯлқин Хоҷа шоири халқ, шоири русто, шоири парҳезкор аз мадҳу ситоиш ва шоири дарду ғами зиндагист» [127]. Муҳаққиқони мазкур руҳияи иҷтимоӣ доштани назми адибро таъкид карда, муборизу мазамматкунандаи унсурҳои манфии ҳаёт будани ӯро меҳвари эҷоду фаъолияти адиб медонанд: «Надомати адиб он аст, ки садоқату симои аслро дар ин даврон дарёфтан мушкил аст» [127].

Т. Хоҷа адиби истеъдодмандест, ки дар авҷи камолоти эҷодӣ аз дунё рафтааст ва аз мазмуни осораш чунин оҳанге бармеояд, ки ташхису таҳқиқи ҷузъиёти зиёди зиндагӣ марому маслаки давомдори ӯ мебошанд, ки акнун нотамом боқӣ мондаанд. Баъзе муҳаққиқон ба осори назмии Тӯлқин назари фалсафӣ дӯхта, ӯро чун як шоири ислоҳотҷӯ эътироф кардаанд. Шоир ва файласуф Назри Яздонӣ ашъори Т. Хоҷаро омӯхта, андеша дорад, ки аз даст додани шоире оҳанги мотами як миллат аст: «Сангинтарин бохт аз даст додани инсонҳои нодир аст. Хусусан, вақте чунин шахси нодир аз паҳлӯи мо ба ҷаҳоне меравад, ки дигар саодати дидор надорад» [134]. Дар баробари ҳамчун шоир эътирофу пазируфта шудан Т. Хоҷа публитсисти оташинсухане буд, ки дар очерку мақолаву фелетонҳо қатъи назар аз баъзе фишору маҳдудиятҳо падидаҳои номатлуби замонро ошкоро танқид мекард. Фиребу найранги ашхоси масъули манфиатҷӯро ошкор месохт. Оҳанги хитобу даъват ва ҳукму мазаммати ашъори ин адибро ҳамқадамону ҳампешагони ӯ таъкид намудаанд. Назри Яздонӣ бо огаҳӣ аз осори Т. Хоҷа дар тараннуми оҳанги зиндагии воқеӣ шеъри ин адибро бо шеъри Ҳ. Юсуфӣ ҳампояву ҳамвазн медонад: «Шеъри тоҷик то имрӯз барои Ҳабиб Юсуфии ҷавонмарг хун мегиряд. Аз ҷаҳон даргузаштани Тӯлқин Хоҷа, хусусан ба ҳамин ҷавонмардӣ, як реши равон

аст» [134]. Навиштори адиб дар ҳама гуна қолаб, ки оҳанги замонаро тараннум мекунад, гувоҳи сабки баланди рӯзноманигориву публитсистӣ доштани ӯ мебошад. Яъне осори ӯ ба таври мудовим пайгири ҳақиқати воқеии рӯз гардидааст. Аксари адибону муҳаққиқоне, ки дар бораи осори Т. Хоҷа тақризе навиштааанду ба он баҳое гузоштаанд, ба таври пайваста ҷасорату ҷуръатмандии адибро дар баён кардани воқеиятҳои рӯзгор таъкид кардаанд: «Аз ҳамқаламон шояд ягона шоир аст, ки дур аз пойтахти фарҳангӣ зиндагӣ намуд, аммо ҳамқадам ва гоҳо пешқадамтар ҳам буд. Дар шеъри иҷтимоӣ бисёр ҷасур, ҳадафгир аст» [134].

М.Абдураҳмон, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дар навбати аввал Т. Хоҷаро бо пешаи рӯзноманигорияш мешиносад, ки дар ифода кардани набзи рӯзгор замоне нақши амиқ доштааст. Барои ӯ Т. Хоҷа «як муаллими одӣ, як шоири сарсупурдаи миллат, як вассофи ватан» аст, ки зиндагиву эҷоди ибратомӯз доштааст. Мақолаҳову шеърҳои адибро мутолиа намуда, чунин хулоса дорад, ки Т. Хоҷа намунаи ибрати эҷодкорони имрӯзу фардост: «Тӯлқин Хоҷа дар воқеъ, муаллим, шоир, омӯзгор, рӯзноманигор ва шахсияти мондагорест, ки барои бисёре аз шоирону мутахассисони ҷавони мо намунаи ибрат мебошад» [125]. Дар ҳамаи навиштаҳои Т. Хоҷа пайванди амиқе ба зиндагии воқеии рӯз дида мешавад, ки дар партави онҳо шахсияти адиб хеле барҷаставу равшан кашф мегардад. М. Абдураҳмонро низ хислату характери фардии Т. Хоҷа мутаваҷҷеҳ менамояд, ки ин бардошт низ аз мутолиаи осори адиб ба миён омадааст: «…шикастанафс, хоксору донишманд ва таҳаммулпазир буд ва далерону шуҷоатмандонро дӯст медошт» [125].

Дар маҷмуъ, қайд кардан зарур аст, ки дар такя ба мазмуни осораш Т. Хоҷа дар роҳи пурпечутоби зиндагӣ, пеш аз ҳама, як адиби ранҷдидаву кулфатдида аст. Ин адиб бо сатҳи олии огаҳии иҷтимоиву сиёсӣ ва дараҷаи баланди маърифату ҷаҳонбиниҳо ба олами афкори хонанда роҳ ёфтааст. Осораш ҳам дар қолаби наср ва ҳам назм ба моҳияти амиқи иҷтимоӣ баёни воқеияти рӯзанд ва як андоза саҳифаҳои таърихии зиндагиро сохтаанд,

зеро ӯ осореро соҳиб аст, ки дар он воқеияту санад, факту рақам ва ҳукму хулоса мавқеи меҳварӣ дорад. Ӯ дар се ҷабҳа – рӯзноманигорӣ, публитсистика ва назм ҳамчун як эҷодкори комилу муваффақ эътироф гардидааст. Дар ҳар як ҷода сухани худро дошта, воқеиятбаёниву ҷуръатмандӣ хусусияти эҷоди ӯро ташкил додаанд.

1.2. Масъалаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии қишлоқ

Тӯлқин Хоҷа адиб, журналист ва публитсисте мебошад, ки масъалаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии қишлоқ бештар дар намунаи осори матбуотияш нақши меҳварӣ дорад. Ӯро дар навбати аввал масъалаи зиндагии осоиштаву шоистаи халқ мутаваҷҷеҳ менамояд. Дар оғоз дар нигоштаҳои адиб сиёсати Ҳизби коммунист ва нақши он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ васф гардида, инъикоси кору пайкори инсонҳои намунаи ибрат мақсаду маромии меҳварии адиб мебошанд. Аз мазмуни мақолаву очеркҳои минбаъдаи ӯ бармеояд, ки адиб фаъолияти иҷтимоии шахсиятҳоро ба инобат гирифта, ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам дар даврони истиқлолият беҳтар гаштани вазъи иқтисодӣ ва шароити зиндагии беҳтари деҳотиёнро ҷонибдор аст. Тамоми навиштаҳои адиб бо хосияти танқидиву тавсифӣ дар масъалаҳои иқтисодиву кишоварзӣ таҳқиқи воқеияти рӯз мебошанд. Он масъулоне, ки коргару деҳқонро дастгирӣ менамоянду ҳавасманд мекунанд, мавриди таҳсину тавсиф қарор дода мешаванд. Онҳое, ки муфтхӯру қаллобанд, мавриди тозиёнаи танқид қарор гирифта, ба таври қатъӣ ба масъулон роҳи ҳалли масъала пеш гузошта мешавад. Дар ин самт навиштаҳои адиб мундариҷаи сирф замонӣ доранд ва проблемаҳои мансубро хеле амиқ фаро гирифтаанд. Муваффақияту комёбии адиб он аст, ки нозукиҳои зиёди масъалаҳои кишоварзиро таҳлилу баррасӣ карда метавонад ва дар асоси факту далелҳои зиёд роҳи ҳалли муаммоҳоро пешниҳод менамояд. Инъикоси вазъи хоҷагии қишлоқ дар саҳифаҳои матбуот анъанаи нав нест ва ба андешаи аксари муҳаққиқон оғози он ба солҳои сиюми асри гузашта марбут мебошад. Тоҷикистон

кишвари аграрӣ мебошад ва ҳадаф аз баррасии ин мавзуъ дар саҳифаҳои матбуот нишон додани муваффақияту нокомиҳои соҳа аст, ки танҳо дар заминаи рушди устувори он метавон пешрафти иқтисодиро таъмин кард. Ҳамзамон нишон додани муваффақиятҳои хоҷагиҳову ашхоси алоҳида руҳбаландии умумии аҳли ҷомеа мешаванд. Т. Хоҷа дар инъикоси масъалаи мазкур чун як коршиносу журналисти соҳавӣ (кишоварзӣ) ба назар мерасад, ки проблемаҳои бамиёнгузошташударо аз паҳлуҳои гуногун мавриди таҳлил қарор медиҳад. Масалан, дар мухбирномаи “Данғара – ғарами дон” [153] муаллиф аз он мамнун аст, ки ноҳияи Данғара соҳиби имкониятҳои зиёдест, ки дар беҳтар гаштани вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ нақш гузошта метавонад. Ғаллакорӣ дар ин ноҳия шуғли асосии деҳқонон ба ҳисоб меравад. Хоҷагиҳои фермерии пуриқтидор ба монанди “Сомонҷон” имрӯз дар ноҳия намунаи ибрат нишон дода мешавад. Аз рӯи маълумоту далелҳои зикршуда маълум мегардад, ки ноҳияи Данғара дар миқёси ҷумҳурӣ дар истеҳсоли ғалладонагиҳо дар ҷои аввал қарор дорад. Барои тақвияти андешаҳояш муаллиф аз суханронии Президенти мамлакат мисол меорад: “...Эмомалӣ Раҳмон дар машварати ҷумҳуриявии кишоварзон калимаи Данғараро ғарами дон маънидод карда, ноҳияҳои ҳамҷаворро ба баҳрабардорӣ аз ғарамҳои дон ва коҳу алафҳои табиии ин сарзамин даъват намуд” [153]. Ноҳияи Данғара ҳудуди васеъ дорад ва баробари заминҳои обӣ дар заминҳои лалмии он кишти ғалла мувофиқ аст. Дар ин ноҳия ба роҳ мондани кишти гандумҳои навъҳои “Босирбой”, “Ҷайҳун”, “Сето-Сероз”, “Краснодар”, “Ясавул”, “Иришка” ва навъи ҷави “Добриний”, ки хеле серҳосиланд, таъкид карда мешаванд. Дар маҷмуъ, ҳамасола деҳқонони ноҳия аз ҳар гектар 55-60 сентнерӣ ҳосил мегиранд, ки дар шароити заминҳои лалмӣ ин нишондод баланд мебошад. Муаллифро масъалаи ҳавасмандгардонии деҳқонон ва шароити беҳтари зиндагии онҳо бештар мутаваҷҷеҳ менамояд. Бо баъзе далелу фактҳо ин масъала бо назардошти майлу завқи хонандаи маҳал, ки зиндагии ӯ ба кишоварзиву заминдорӣ алоқаманд мебошад, таблиғу ташвиқ мегардад: “...Боқӣ ҳосили зироатҳое, ки дар байни қатори анорҳо корида мешаванд, ба ихтиёри

некуаҳволии боғбонҳо ҳавола шудааст. Бар замми ин, онҳо боз маош мегиранд” [153]. Соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияи мазкур асоси пешравии иқтисодиро ташкил медиҳад ва муаллиф дар нишон додану таҳлили масъала танҳо дар доираи кишти ғалладона маҳдуд намешавад. Аз мазмуну муҳтавои ин матлаб бармеояд, ки қатъи назар аз заминҳои зиёди нимбиёбон доштани ин ноҳия имконияти ба роҳ мондани дигар навъи истеҳсолоти кишоварзию чорводорӣ вуҷуд дорад. Маълум мешавад, ки баъзе хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия бо ваҷҳи даромади бештар умуман аз кишти ғалла даст кашидаанд. Ин масъала на дар шакли фарогир, балки танҳо дар мисоли Кооперативи истеҳсолии “Имоми Аъзам” чунин баррасӣ гардидааст: “Ин хоҷагӣ дорои 70 гектар замин аст. Дар 50 гектари он дарахтони гуногуни боровар шинонида шудааст, ки аз 8 гектар гелос, 8 гектар шафтолу, 16 гектар зардолу, 4 гектар бодом, 2 гектарӣ олую чормағзу себу ноку писта ва боқӣ хурмою анор мебошад” [153]. Дар мухбирномаи мазкур танҳо дар доираи таҳқиқи чанд масъала такя карда намешавад ва аз ҷумла, соҳаи моҳипарварӣ низ аз нигоҳи муаллиф сердаромад буда, дар чандин хоҷагиҳо ба роҳ мондани парвариши он зикр карда мешавад. Ҳарчанд сабабҳову омилҳо мушаххас баён нагашта бошанд ҳам, аммо он андеша дар навиштаи мазкур ҷолиб аст, ки мардуми ноҳия дар гузашта танҳо бо заминҳои лалмӣ ва чорводорӣ сари кор доштаанд. Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду инкишофи соҳаҳои сердаромадро (моҳипарварӣ, сабзавоткорӣ, бунёди боғҳои себу анору писта ва ғ.) муаллиф бештар таъкид кардааст.

Матбуот ба сифати «...инъикоскунандаи масъалаҳои доғи рӯз иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳангу илму ирфон ва инқилоби маданӣ» [6, с.6] дар ҳама давраҳои таърихӣ нақши роҳнамоии худро нигоҳ медорад. Вазифаҳои матбуот васеъ аст ва бо руҳияи иҷтимоии худ ба соири мавзуот дахл намуда, роҳнамоии он дар ҳалли масъалаҳои гуногун таъсир мерасонаду раванди ҳаводисро дигар менамояд. Дар ҷумҳурии мо бо назардошти ҳунару маҳорати таҳлилии журналистон дар як навъ қиёс бо дигар мавзуъҳо масъалаи кишоварзиву иқтисодӣ ҳамеша нақши марказӣ

дорад. Аудитория ҳамеша интизори он аст ва як андоза назора ҳам менамояд, ки ҳар як расона то кадом андоза дар пешрафти ҳаёт таъсир гузошта метавонад, яъне журналисте, ки мавзуъро пурра омӯхтааст, метавонад, ки дар доираи факту далелҳо андешаи тозаеро пешниҳод кунад, ки ба манфиати аҳли ҷомеа бошад.

Тӯлқин Хоҷа ҳам дар наср ва ҳам дар назм ба мавзуи пешравии ҳаёти иқтисодии халқ таваҷҷуҳи доимӣ дорад. Андешаҳои ӯ баъзан якҷониба бошанд ҳам, дар баробари он чун як журналисти соҳавӣ баҳс ороста метавонад. Лавҳаи проблемавии “Аз пахтакорӣ ба некуаҳволӣ” [146] ба гуфтаҳои боло мисол шуда метавонад. Аз андешаҳои муаллиф бармеояд, ки ӯ як андоза сохти колхозии замони шуравиро ҷонибдорӣ мекунад: “...аксари хоҷагиҳои деҳқонӣ ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштанд, лекин хоҷагии ба номи Лангарӣ Лангариев дар ҳамон сохти пешина боқӣ монд. Ҳадаф аз таҷдиди сохторҳои кишоварзӣ аз бунбастҳои буҳронӣ бадар овардани онҳост, на пайгириҳои хушку холӣ аз падидаҳои навин” [146]. Дар ҳақиқат, парокандашавии низоми хоҷагидории шуравӣ (колхозу совхозҳо) риштаҳои иқтисодии шаклгирифтаро барҳам зад. Ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ то ҳол идома дорад ва барои мардуми кишоварз ҳар як дастоварди иқтисодӣ дар шароити рақобатҳо муҳим буда, беҳтаршавии зиндагӣ ба нишондодҳои меҳнатӣ вобаста карда мешавад. Муаллифи лавҳа дар бораи иҷрои нақшаҳову уҳдадориҳои хоҷагии мазкур нақл карда, дар пояи таҳлилҳои маҳдуд ба ҳалли проблемаҳои мавҷудаи хоҷагӣ такя менамояд. Дар асоси таҳлили факту рақамҳо муаллиф чунин хулоса мебарорад, ки соҳаи пахтакорӣ дар кишвар метавонад, заминаву омили аслии пешравии иқтисодӣ гардад. Деҳқонони хоҷагӣ нақшаро 150 фоиз иҷро кардаанд ва асоси комёбӣ ба он вобаста карда мешавад, ки ҳавасмандиву риояи адолат омили асосии пешравии кор аст: “...муҳлати пардохти маош аз моҳ ба моҳ пардохт шуда, пахтакор сарсон намешавад ва ягон нафар деҳқон мавриди ноҳаққию беадолатӣ қарор намегирад” [146].

“Ҳунар чу мушк бувад...” [150] очерке мебошад, ки дар бораи дастоварду муваффақиятҳои хоҷагии фермерии “Раҳмонҷон” нақл мекунад. Дар ин очерк ҳадаф тавсифу таблиғи симо бошад ҳам, аммо проблемаҳои соҳаи кишоварзӣ дар он мавқеи назаррас пайдо мекунад. Очерки мазкур аз зерсарлавҳа иборат мебошад, ки таркиби онро ташвиқу тарғиб фарогир аст: “...Ё хоҷагидориро аз мактаби хоҷагидории “Раҳмонҷон” ва сарвари ин хоҷагии деҳқонӣ акаи Нуриддин метавон омӯхт” [150]. Системаи хоҷагидории замони шуравӣ аз байн рафт ва барои деҳқонону кишоварзони мамлакат ба шакли нави хоҷагидорӣ гузаштан дар оғоз мушкилиҳо дошт. Баъд аз барқарор гаштани сулҳу ваҳдат, махсусан, баъд аз солҳои 2000-ум инҷониб хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ заминаи аслии пешрафти соҳаи хоҷагии қишлоқ гардид. Ин нукта аз назари муаллиф канор намемонад ва дар муқаддимаи навишта аз таърихи таъсиси чунин хоҷагӣ нақл карда мешавад: “...ташкилу таъсиси хоҷагиҳои хусусӣ дар сартосари кишвар тадричан меафзояд. Хоҷагии деҳқонии “Раҳмонҷон” низ тавлиде аз ҳамин гуна пайгириҳои талаботи даврон аст. Хоҷагии мазкурро марди начиб ва кордону соҳибтаҷриба Хайриддин Раҳмонов таъсис додааст” [150]. Т. Хоҷа дар заминаи қиёсҳо андешаронӣ карда, хоҷагиҳои давлатии аз замони шуравӣ боқимондаро инкору танқид наменамояд. Факту рақамҳо зикр гардида, таҳлилҳои муаллиф аз баёни иқтидори хоҷагии мазкур иборат мешавад ва маълум мегардад, ки дар соли 2005 хоҷагии мазур чандон иқтидори бузурги молиявию техникиро соҳиб нест. Бо вуҷуди ҳанӯз пуриқтидор нагардидани хоҷагии мазкур муалллиф ба он ишора дорад, ки техникаҳои хоҷагӣ барои пешравии корҳо кифоянд. Муҳимтарин ҷиҳати пешравии кор он дониста мешавад, ки дар хоҷагӣ мутахассисони кордидаву фаъол ширкат доранд: “...Хоҷагӣ дар ихтиёраш се адад трактори тасмачарх, як адад комбайн, культиватор, трактор ва мошини боркаш дорад. Ба ҳар соҳа мутахассисони варзида роҳнамоӣ доранд” [150]. Қаноатмандиву тавсифи муаллиф нисбат ба корҳои ин хоҷагӣ дар он аст, ки маҳсулоти истеҳсолкарда зуд ба бозор баровардаву фурӯхта мешавад. Истеҳсоли ғалла тавонист, ки дар

душвортарин солҳои камбуди ғизо нархи онро дар бозорҳои маҳаллӣ дар тавозуни муайян нигоҳ дорад. Хоҷагии мазкур серсоҳа аст ва андешаи муаллиф дуруст мебошад, ки дар сурати нокомиву зарари як соҳа, соҳаи дигар онро ҷуброн мекунаду мепӯшонад. Ба таври мисол бахши дигари истеҳсолӣ дар ин хоҷагӣ парвариши пахта мебошад, ки ба таври васеъ ба роҳ гузошта шудааст. Ин хоҷагӣ тартиби нави корро ба роҳ мондан мехоҳад ва аввалин шуда дар вилояти Хатлон усули зериплёнкагии кишти чигитро дар 6 гектар амалӣ менамояд. Маълум мешавад, ки дар ин масъала муаллиф бо мутахассисони соҳа робита дораду аз мавзуъ воқиф аст ва чунин таҷрибаро дар кишварҳои пешрафтаву вилояти Суғд асоси даромади хоҷагиҳо мешуморад. Як бартарии хоҷагии “Раҳмонҷон” ҳамин аст, ки як самти фаъолияти он илмиву таҷрибавӣ низ мебошад. Танҳо дар соли 2004 дар ин хоҷагӣ парвариши 12 навъи пахта ба роҳ гузошта шудааст ва аз навъҳои серҳосили он 29-35 сентнерӣ ҳосил гирифта мешавад. Муаллиф зимни таҳлили факту рақамҳо қайд менамояд, ки заминҳои кишти пахта дар ин давра 58 гектарро ташкил медиҳад ва 85 нафар коргар дорад. Проблемагузорӣ дар ин очерк доманаи маҳдуд надорад ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он заминаи пешрафти иқтисодии ҷумҳурӣ баҳогузорӣ мегардад. Боз ҳам муаллиф ба масъалаҳои дигари хоҷагӣ – чорводориву зироаткорӣ дахл менамояд. Муаллиф чунин нуқтаи назар дорад, ки ноҳияи Данғара бо имконияти дарбар гирифтани заминҳои васеъ ва шароити мусоиди парвариши чорво яке минтақаҳои аз нигоҳи иқлим мувофиқ ба ҳисоб меравад. Дар доираи як навишта ӯ талош кардааст, ки чандин паҳлуҳои масъаларо баррасӣ намояд ва созанда будани иқдомҳои як нафарро нишон диҳад. Ба андешаи муҳаққиқ И.Усмонов, «…шахс, проблема ва хулоса» [107, с. 41] навъҳои гуногуни очеркро ба вуҷуд оварда, бо ин васила руҳияи иҷтимоии навишта дар нишон додани набзи ҳаёт мусоидат менамояд. Дар навиштаи боло низ шахсияти Нуриддин Раҳмонов, проблемаҳои кишоварзии ноҳияи Данғара ва хулоса барориҳои муаллиф, ки дар заминаи ҷустуҷӯву коркарди фактҳо сурат гирифтаанд, соҳаи кишоварзиро хеле амиқ дар доираи фаъолияти як хоҷагӣ мавриди

баррасӣ қарор додаанд ва руҳбаландии хонанда мешавад, ки чунин як хоҷагӣ бо иқтидори истеҳсоли худ дар таъмини озуқавории аҳолии як ноҳия навовару намунаву ҳиссагузор мебошад.

Матбуот оинаест, ки ҷомеа дар он ҷараёни зиндагии худро дидан мехоҳад. Ҳамон андоза халқияту руҳияи иҷтимоӣ дар он баланд бошад, ҳамон андоза эътимоди хонанда ба он меафзояд. Матбуот бо воқеиятбинии худ метавонад, ки дар ҷараёни зиндагӣ таъсири бештари худро дошта бошад ва дар ҳалли проблемаҳои рӯз мусоидат намояд. Мункир наметавон гашт, ки матолиби матбуот дар аксар ҳолатҳо қолабиву беруҳанд ва ин гуна матолиб аз он муаллифонест, ки ба умқи масъала фурӯ рафта наметавонанд. Аз ҷониби дигар, фикрҳои умумии муаллифон боис мешавад, ки инъикоси набзи ҳақиқии зиндагӣ коста гардад. Ин ҳолати матбуоти замони истиқлолро дар оғози солҳои 2000-ум ба инобат гирифта, муҳаққиқ О. Салимзода чунин менигорад: «…Матбуоти имрӯзаи тоҷик ба таҳлили амиқи воқеоти зиндагӣ, масъалагузорӣ, пешбурди соҳаҳои хоҷагии халқ камтар аҳаммият медиҳад. Чи ҷои пинҳон кардан, аксаран маводи рӯзномаҳо хому рӯякӣ, таҳлилҳояшон ноаниқанд. Пешниҳоду ҳалли проблемаҳо аҳёнан ба чашм мерасанд» [90, с. 5]. Дар асоси андешаи боло қайд кардан ҷоиз аст, ки рӯзноманигорону адибони алоҳида гоҳо бо ҷуръати комил қолабшикан мешаванд, ки Т. Хоҷа аз ҷумлаи онҳост. Албатта, Т. Хоҷа низ аз назари умумии тавсифӣ парҳез надошта, дар баробари васфияҳо кӯшиш менамояд, ки ҷавҳари ҳақиқатро пӯшида боқӣ намонад. Дар таҳлилу баррасии масъалаи маълум донишҳову ҷаҳонбиниҳои кофӣ дорад ва аз танқидҳои асоснок истифода мекунад. Аз ҷумла, аз руҳияи матолиби нашрнамудаи ӯ бармеояд, ки пешравии хоҷагии қишлоқ асоси устувории иқтисодиёти кишвар аст. Дар ин масъала дар робита ба ислоҳоти иқтисодиву кишоварзӣ муаллиф ҳамқадами замон будан мехоҳад ва набзи рӯзро ташхис карда метавонад. Дар мақолаи “Данғара: марҳалаи нави обёриву ободонӣ” [154] муаллифро масъалаи обёрии заминҳои нокорами ин ноҳия бештар ба ташвиш овардааст: “Обёрии даштҳои Данғара тавассути канали Данғара-3 то кунун идома

дорад. Имрӯз коргарони тоҷику турк сохтмони каналро даст ба даст мувофиқи мақсад пеш мебаранд” [154]. Ноҳияи мазкур аз нигоҳи масоҳат дар кишвар яке аз бузургтаринҳо ба шумор рафта, ҳанӯз аз даврони шуравӣ бештар дар самти ғаллакориву чорводорӣ шинохташудаву шуҳратёр аст. Қатъи назар аз баъзе омилҳо (васеъ гаштани заминҳои обӣ дар давоми сӣ соли охир) Т. Хоҷа чунин меандешад, ки даштҳои Данғара аксаран заминҳои лалмӣ мебошанд ва сабаби паст будани ҳосилнокӣ ба ин иллат вобаста кунонида мешавад. Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки аз рӯи ҳисоби мутахассисон, ҳосили заминҳои обӣ дар қиёс бо заминҳои лалмӣ 15-20 маротиба зиёд аст. Тамоми аҷзои мақоларо ҳамин масъала фаро гирифтааст ва муаллиф хоҳони он аст, ки нақшаҳову лоиҳаҳои нотамом дар мавриди сохтмони каналҳо ва хатҳои об зудтар амалӣ карда шаванд. Назар ба маълумоти ин матлаб, ба нақша гирифта шудааст, ки тавассути канали Данғара-3 ба воситаи насосҳо мавзеъҳои доманкӯҳи наздик обёрӣ карда мешаванд. Дар асоси таҳлилҳои амиқ муаллиф ба хулоса меояд, ки ин иқдому нақшаи хайре мебошад, ки ба манфиати сокинони маҳаллист: “Агар ин эҳтимолият ба воқеият мубаддал гардад, танқисию камчинии об, бахусус оби нӯшиданӣ дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Пушинг, барҳам хоҳад хӯрд” [154]. Тӯлқин Хоҷа адиб ва публитсистест, ки хеле равшану возеҳ манфиати халқу диёри худро ҷонибдор асту пуштибонӣ менамояд ва қаноатманд аз он аст, ки шароити мусоиди табиӣ барои Тоҷикистон муҳайё мебошад. Танҳо ишораи муаллиф ба он нисбат дода мешавад, ки аз чунин шароиту имконият самаранок истифода намегардад. Ишораи ӯ ба ҷониби сарватмандону ҷавонмардони бонангу номуси диёр аст, ки метавонанд бо обёрӣ кардани заминҳо дар беҳтаршавии вазъи иқтисодии зиндагии ҳамватанон мусоидат кунанд: “Оби нақбе, ки дар Осиёи Марказӣ назир надорад, танҳо насиби мардуми мо шудааст. Дар самаранок истифода шудани он бояд ҳар як ҷавонмарди бонангу номуси тоҷикистонӣ саҳмгузор бошад. Охир, қариб 90 фоизи об дар обанбор беҳуда истодааст” [154]. Дар шароити кунунии Тоҷикистон масъалаи обёрии заминҳо ва аз захираҳои обӣ самаранок истифода кардан яке аз масъалаҳои мубрам ба

шумор меравад. Масъалаи нақши Тоҷикистон дар ҳалли проблемаҳои марбут ба об дар минтақа ва ҷаҳон аз назари адиб дар канор намемонад. Пешниҳодҳои Тоҷикистон, ки аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ дастгирӣ ёфтааст, як навъ ифтихори ватандӯстии муаллифанд ва дар ин самт диққати ӯро бештар ҷанбаи иқтисодии об ҷалб менамояд. Мақолаи мазкур бо таҳлилҳои фаррох масъалаи обёрии заминҳоро аз чандин дидгоҳ фаро гирифтааст. Сохтмони каналҳо, таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, татбиқи пурраи лоиҳаҳои аз замони шуравӣ мавҷудбуда, нақши Президент дар ҳалли мушкилоти об ва амсоли ин масъалаҳои фарогирифташуда дар ин мақолаанд. Дар ҳалли ин масъала талошу тасмимҳои Президенти мамлакат махсус зикр карда мешавад. Муаллиф дар мақола омӯзишҳову ҷустуҷӯҳоро ба роҳ гузоштааст ва аз уфуқҳои мавзуъ хабардор аст: “...танҳо соли 2001 бо ҷаҳду талошҳои пайгирона ва муваффақонаи Эмомалӣ Раҳмон, Президенти мамлакат, пешниҳоди ҲҶТ нисбати обёрии даштҳои Данғара аз ҷониби Бонки Исломии Рушд дастгирӣ ёфт ва лоиҳаи азхудкунии 6000 га замин нав мураттаб шуда, кор оғоз гардид” [154].

Чунин дастгириҳову ғамхориҳои Президенти мамлакат дар мақолаи “Ояндаи соҳаи кишоварзӣ нек аст” [155] низ зикр мегардад: “Равона шудани маблағҳои мувофиқ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, қабулу татбиқи барномаҳои самаранок, шароити озоди савдою содирот, рушди коркарди меваю сабзавот, обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав мардуми деҳотро ба дарёфти асолати соҳаи кишоварзӣ ҳавасманд гардонидааст” [155]. Дар ин маврид муаллиф ба баъзе падидаҳои номатлуб ишора менамояд. Аз ҷумла, заҳмати деҳқон чандон қадр карда намешавад. Ноҳияи мазкур бо масоҳати бузурги худ имкони ба роҳ гузоштани истеҳсолоти васеи кишоварзиро дорад. Дар ин ноҳия дар замони истиқлолият боғпарварӣ вусъати тоза ёфта, боғҳои шафтолу, гелос, себ, анор, нок ва ғайра дар ҳоли нашъунамову ҳосилдиҳӣ мебошанд. Ноҳияи Данғара ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам имрӯз дар соҳаи токпарварӣ назир надорад ва аксар боғҳо аз нав барқарору қаламчаҳои нави ток барои боғҳои оянда шинонида шудаанд. Танҳо муаммо он аст, ки ҳосили

ҷамъовардашуда мақсадноку самарабахш коркарду фурӯхта намешаванд. Ҳисобҳои тахминӣ нишон медиҳанд, ки дар сурати коркарду содироти дурусти он ба буҷаи кишвар даромади зиёд ворид мегардад. Аз ин ҷиҳат муаллиф пешниҳод кардааст, ки "...ташкили корхонаҳои хурди коркарди меваю сабзавот на фақат дар як хоҷагӣ, балки дар аксар хоҷагиҳои калони боғпарвар ва минтақаҳои ҷудогонаи ноҳия шарти зарурист" [155]. Таҳлилҳои муаллиф нишон медиҳанд, ки ноҳияи мазкур дар соҳаи пиллапарварӣ низ имкони зиёдро соҳиб аст. Маълум аст, ки ин соҳа даромаднок буда, пиллаи аълосифат дар дохилу хориҷи кишвар харидорони зиёд дорад. Имрӯз дар ноҳия 36 хоҷагии деҳқонӣ ба пиллапарварӣ машғул аст, ки онҳо солона ба давлат 6 тонна маҳсулот месупоранд. Ҳамчунин дар ин ноҳия соҳаи чорводорӣ низ пешрафта аст ва муаллиф андеша дорад, ки бурду бохти ин соҳа бояд ба таври пайваста дар мадди назари масъулон қарор дошта бошад. Зеро дар ин ноҳия чарогоҳҳои васеъ ва хасу хошоки фаровон дар зиёд кардани саршумори ҳама гуна навъи чорво мусоидат карда метавонад.

Соҳаи аграрӣ пайваста дар мадди назари Т. Хоҷа қарор дошта, манфиати кишоварзону деҳқонон дар асоси факту далелҳои возеҳ пуштибонӣ карда мешавад. Аз мазмуни аксар навиштаҳо дар ин мавзӯъ бармеояд, ки Т. Хоҷа ҳамчун журналисти мушоҳидакор дар майдонҳои меҳнат ҳузур дорад. Ҳолати заминҳои ғаллакорӣ, ниҳолони токзору боғотро мебинад. Мақолаи "Истифодаи самараноки замин" [157] ба таври мушаххас масъалаҳои кишоварзиро дар мисоли хоҷагии "Раҳима" фаро гирифтааст. Дар мақолаи мазкур факту рақаму далелҳо нисбатан маҳдудтаранд ва асоси онро фикрҳое ташкил додаанд, ки тарзу равиши самарабахши кори деҳқониро нишон медиҳанд. Масъалагузорӣ дар он амиқтар аст ва таҳқиқи умумии мавзуъ роҳҳои пешрафти кори кишоварзиро бозгӯ кардаанд. Бо он ки андешаҳо дар робита бо тамоюли иҷтимоиву иқтисодӣ шакл меёбанд, хулосаҳо дар мавриди дастоварду ислоҳоти алоҳида дорои аҳамияти иҷтимоӣ мешаванд. Муаллиф хулосаҳои худро зимни омӯзиши ҷанбаҳои маънавии мавзуъ самт мебахшад: "Тибқи

солшумории ниёгон замин баъд аз моҳи мурдод доди ҳосилро дода, ба фароғат меравад, яъне мемирад” [157]. Ҳарчанд ифодаи “замин мемирад” оҳанги нисбатан дурушт дошта бошад ҳам, аммо дар забону лаҳҷаи мардуми ҷануби кишвар ин маънии як муддат аз ҳосил мондани заминро дорад. Муаллиф дар идомаи андешаҳояш шукрона аз дастрасиҳо ба илму техника ва доруҳову нуриҳои минералӣ мекунад, ки вобаста ба он замин дар ҳосил додан таваккуфи зиёд надорад. Кишти такрорӣ ва ҳосили дуюмро як рукни беҳтар гаштани авзои иқтисодии ҳар як оила меҳисобад. Мақола масъалаҳои зиёдро дар бар мегирад ва муаллиф ҷанбаҳои сердаромади соҳаи кишварзиро (пахтакорӣ, ангурпарварӣ, истеҳсоли пилла, ғаллакорӣ, бунёди боғҳои гуногун) дар асоси факту рақамҳо мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар бозори истеъмолии ноҳия нақши назаррас доштани ҷамоатҳои деҳоти Себистон ва Оқсӯро зикр менамояд, ки даҳҳо хоҷагиҳои деҳқониро дар бар мегиранд. Таҳлилҳо вобаста ба самт дар мақолаи мазкур омехта мешаванд ва ҳарчанд низому меҳвари ягонаи фикр риоя нагардад ҳам, оммавияти афкори муаллиф дар он ба назар мерасад. Масъалаи ҳавасмандии деҳқонон низ чун ҳамешагӣ дар маркази диққати муаллиф қарор гирифтааст. Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки дар ҷамоати деҳоти Оқсӯ, ки дорои 162 хоҷагии деҳқонӣ мебошад, сарварони хоҷагиҳо ба ҳар як аъзои хоҷагӣ 10-15 сотих замини обӣ додаанд, ки ҳосили онро ба бозор мебароранд ва ҷуброни маош менамоянд.

Масъалаи истеҳсоли ангур дар мақола дар меҳвари андешаҳо қарор гирифтааст. Муаллиф дар ин соҳа чун як мутахассис муносибат намуда, андеша дорад, ки “поякӯбию симбардорӣ” сабаб шуда метавонад, ки токзорҳо ҳосили баланд диҳанд. Проблемагузорӣ дар ин самт ҷиддӣ мешавад ва муаллиф бо интиқод зина ба зина нуқсону камбудиҳоро зикр менамояд. Роҳи ҳалли масъала низ пешниҳод мегардад, ки бояд бунёди сехи пояҳои бетонӣ ба роҳ гузошта шавад. Ба он низ таъкид карда мешавад, ки омили ҳавасмандии деҳқон ин талаф нагаштани ҳосили рӯёнидааш мебошад. Дуруст коркард шудани ону ба фурӯш рафтани ҳосил соҳиби заминро дилгарм месозад ва аз даромадҳои ба дастомада деҳқон

шароити зиндагияшро беҳтар намуда, барои ҳосилхез гаштани заминҳо имкони харидани нуриҳои минералиро пайдо мекунад. Дар заминаи омӯзиши амиқи масъала Т. Хоҷа роҳҳои дарёфти даромади соҳаро пешниҳод мекунад. Ҷузъи муҳим дар мақолаи мазкур он аст, ки муаллиф мехоҳад, заводи шароб ба кор андохта шавад: “Пештар барои коркарди меваи ангур ин ҷо заводи шароб фаъолият дошт. Он аз коркарди ангурҳои воридотшудаи хоҷагиҳои ҷамоат, ноҳия ва навоҳии минтақа зиёда аз 1500 тонна шароб истеҳсол мекард. Имрӯзҳо таъмиру аз нав ба кор андохтани заводи мазкур ногузир гаштааст” [157].

Очерки “Қолаби расмиятро шикаста” [148] аз лиҳози фарогирии мавзуъ проблемавӣ мебошад, ки дар меҳвари он симои кишоварзи шинохта – Нуриддин Раҳмонов қарор гирифтааст. Зерсарлавҳаи очерк чунин шарҳи кӯтоҳро ташкил медиҳад: “Нақл дар бораи фаъолияти меҳнатии раиси хоҷагии деҳқонии фермерии “Раҳмонҷон” Нуриддин Раҳмонов ва заркорони он” [148]. Муаллиф талош кардааст, ки танҳо ба тавсифу тарғиби симо дода нашавад, балки проблемаҳои ҳаёти кишоварзонро дар заминаи таҳлилҳои амиқ пешниҳоди хонанда гардонад. Қаҳрамони очерк фарди меҳнатдӯст аст ва дар бораи проблемаҳои соҳа ҳамеша меандешад. Дар ҳолати беморӣ низ барояш донистаи вазъи парвариши пахта муҳим аст: “– Ман дар муолиҷагоҳи шаҳри Москва будам. Аз аёдаткунандагон фаҳмидам, ки пахтазорони ноҳияи Ҳамадониро тортанаккана пахш кардааст. Ман аз ин рӯйдоди шум хеле мутаассир шудам ва дар ташвиши пахтазорони худ афтодам” [148]. Аз мазмуни очерк бармеояд, ки дар кишвари мо заҳрхимикатҳои зидди ҳашарот чандон зиёд ва пурра дастрас нестанд. Ҳамин аст, ки раиси хоҷагии мазкур барои раҳо бахшидани пахтазорон аз хавфи нобудшавӣ намудҳои гуногуни заҳрхимикатҳоро аз шаҳри Москва пайдо менамояд ва тавассути контейнери ҶСШК “Олими Каримзод” ба Тоҷикистон мефиристад. Майдони кишти пахтазорони хоҷагии мазкур дар соли 2004 ҳамагӣ 58 гектарро ташкил медиҳад, ки дар он 85 нафар чобукдастон ба корҳои деҳқонӣ машғуланд. Т. Хоҷа дар заминаи таҳқиқи рӯзгору асрори кордонии қаҳрамони худ боз ҳам ба

беҳдошти вазъи рӯзгори деҳқонон рӯ меоварад. Хулосаи муаллиф он аст, ки беҳдошти зиндагии кишоварз пешравии ҳаёти он мебошад. Баъзе ҷумлаҳо оҳанги носуфтаву баъзе нуқсонҳо дошта бошанд ҳам, вале мазмуну ҳадаф дар онҳо рӯшан аст: “Акои Нуриддин аз он шахсоне нест, ки ғами пахтазоронро бидуни ғами пахтакорон бихӯрад. Ӯ парвариши пахтаро якҷоя бо парвариши хуби пахтакорон ба роҳ мондааст” [148].

Дар фаъолияти рӯзноманигориву публитсистии Т. Хоҷа монандиву такрори объект ва мавзуъ бештар мушоҳида мешавад. Агар дар намунаи мақолаҳои солҳои ҳаштодуми асри гузаштаи адиб оҳанги танқидиву ҳукму мазммат бештар ба назар расад, ин махсусият баъдан аз байн меравад ва тавсифу таҳнияти якмаром ҷараён пайдо мекунад. Ба таври мисол дар мақолаи “Оянда аз ояндабинҳост” [151] низ дар бораи паҳлуҳои зиёди корҳои хоҷагии деҳқонии “Раҳмонҷон” сухан меравад, ки тавонистааст дар миқёси ноҳияву вилоят бо нишондодҳои баланди меҳнатӣ сазовори таҳсину эътимод гардад. Таҷрибаи хоҷагидории деҳқонони ин хоҷагӣ ба он мусоидат кардааст, ки самтҳои истеҳсолот васеъ гардад. Ин андешаҳо танҳо дар як самт – пахта ва ғалла шакл пайдо намекунад. Хоҷагӣ иқтидор дорад ва маҳсулнокӣ дар бисёр соҳаҳо онро соҳибдаромад гардонидааст. Агар дар очерки “Қолаби расмиятро шикаста” ба сифатҳои кордонӣ ва инсонияти баланди Н. Раҳмонов таваққуф карда шавад, пас дар мақолаи мазкур таҳлили ҷузъиёти корбарии хоҷагӣ афзалият пайдо мекунад. Чунин тарзи корбариву хоҷагидорӣ омили аслии суботи иқтисодии ноҳияву ҷумҳурӣ дониста мешавад ва дар ҳамаи ҷабҳаҳо комёбу намуна будани он исбот мегардад. Муаллиф масъалаи матраҳшударо пурра омӯхтааст ва аз натоиҷи меҳнативу дастовардҳои хоҷагии мазкур пурра огаҳ мебошад. Махсусан, иқтидори хоҷагӣ таваҷҷуҳи муаллифро бештар ҷалб кардааст: “Базаи муқтадири техникӣ имконият додааст, ки хоҷагӣ баробари дарав ҷамъоварии хошок, шудгори майдонҳоро низ ба роҳ монад. Зироатҳои техникӣ, аз қабили заҒир ва манзар дар худи хоҷагӣ коркард мешавад. Кунҷораи аз коркард ҳосилгашта барои 2000 сар чорвои хурду калони хоҷагӣ захира карда мешавад. Дар 103 гектар боғоти хоҷагӣ ҷариб ҳамаи

намудҳои дарахтони мевадеҳ парвариш меёбанд” [151]. Мақолаҳои Т. Хоҷа баъзан хосияти тавсифӣ дошта бошанд ҳам, аммо мавқеи муаллиф дар пешниҳоди ҳукму хулосаҳо маҳдуд боқӣ намемонанд. Ҳар як фикри хулосабахши худро на ба таври умумӣ, балки дар асоси далелҳои возеҳ пешниҳоди хонанда мегардонад. Масалан, дар асоси омӯзиши факту далелҳои зиёд мехоҳад, ки дар заминаи пайравӣ ба хоҷагии мазкур масъулони дигар хоҷагиҳо низ нисбат ба масъалаи зиндагии беҳтари аъзоёни хоҷагияшон бетафовуту саҳлангор набошанд: «Дурнамои хоҷагии деҳқонии «Раҳмонҷон» ба дуродур мерасад. Имрӯз агар хоҷагиҳои мухталифи ноҳияву вилоят аз харидории тухмиҳои сифатноки он аз ғаллазору пахтазорони худ ҳосилнокӣ дарёфта истода бошанд, фардо усулҳои пешрав гардонидани хоҷагию некуаҳвол намудани аъзоёнашро пайдо хоҳанд кард» [151].

Т. Хоҷа журналисти касбӣ набошад ҳам, дар таҳлилу ташреҳи муҳимтарин масъалаҳои иқтисодиву кишоварзӣ соҳибмаҳорат аст. Ислоҳоту навсозиҳоро меписандад ва дар таҳқиқи ин гуна масъалаҳо ба рақаму аснод такя карда, андешаҳои ҷолибро пешниҳод менамояд. Барои ӯ он нукта муҳим аст, ки чӣ гуна дар асоси таҷзияи фикр ва факт хонандаро муътақид намояд. Шояд таъсири олами васеи андеша аст, ки нигоштаҳояш аз нигоҳи ҳаҷм маҳдуд намешаванд. Танҳо дар як самт ҷараён ёфтани андешаҳо хоси мақолаву дигар матолиби таҳлилии ӯ нестанд ва бо ин сабаб аксари мақолаҳо бо чанд сарлавҳаи алоҳида аз қисматҳо иборат мешаванд. Бо ин роҳ пайваста талош менамояд, ки пешравии кору беҳбудии рӯзгорро фарогиртар баррасӣ намояд. Масалан, дар мақолаи “Кооперативи истеҳсолии “Раҳмонҷон” мактаби таҷрибаи пешқадам” [156] диққати муаллифро иқдоми муҳимми дорои аҳамияти ҷамъиятӣ ҷалб кардааст: “Дар хоҷагӣ ҳар сол 12-15 гектар заминҳои сангвара аз санг тоза карда мешавад ва ба боғу киштзор мубаддал мегардад. Амалиёти аз сангтозакунӣ дар заминҳои сангвара баробари корам шуданаш анҷом намеёбад. Он ҳамасола идома дорад. Хоҷагидорҳо ҳар сол аз ин заминҳо ғарам-ғарам санг берун меоранд. Имсол онҳо 12 гектар заминро аз санг

тоза карда боғ бунёд карданд” [156]. Муаллиф ба ин дастоварди хоҷагӣ танҳо дар доираи имрӯз наменигарад ва аз гузаштаи хоҷагӣ ёдовар мешавад, ки бо ин роҳ ҳудудҳои заминҳои корами худро васеъ гардонидааст. Аз навиштаҳои адиб чунин бармеояд, ки ӯ нозукиҳои соҳаро то андозаи маълум омӯхтааст ва дар ҳаллу фасли мавзуъ имкон дораду омода аст. Ба як масъала аз чандин равзана назар андохта, дар партави манфиатҳои мардуми бумӣ андешаронӣ мекунад. Ҳадафи муаллиф дар мақолаи мазкур бештар ба он нигаронида шудааст, ки хоҷагии мазкур метавонист, аз дигар усулҳои васеъ кардани ҳудуди заминҳояш истифода кунад, аммо меҳнати ҳалолу бунёдкоронаи аҳли хоҷагӣ диққати муаллифро бештар ҷалб намудааст. Аз ҳисоби сангҳои ғарамшуда фоидаи дигар низ ба даст меояд: “Аз 60 гектар замин то ин дам корамшуда, даҳҳо ғарам санг берун оварданд. Аксари сохтмонҳои хоҷагӣ аз ин сангҳо бунёд гирифтанду бунёд хоҳанд гирифт. Аз онҳо бисёр сохтмонҳои ноҳия низ истифода мекунанд. Дар заминҳои сангвара ва серрег на ҳар хоҷагӣ поиш дода инкишоф ёфта метавонад. Хоҷагиҳои зиёде, ки солҳои аввали таҷдид дар ин заминҳо бунёди иҷоравию инфиродию деҳқонӣ ниҳода буданд, ба дастовардҳо ноил нашуданд ва бунёд барчиданд” [156].

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки ҳарчанд муносибати мардум ба матбуот тағйирёфта бошад ҳам, аммо хуб аст, ки хонандагон то ҳанӯз ба рӯзнома ҳамчун сарчашмаи эътимоднок бовар мекунанд. Ин тамоюл боис мешавад, ки журналистону адибони алоҳида бо пешниҳоди матолиби гуногун, ки фарогири масъалаҳои иқтисодиву кишоварзӣ мешаванд, диққати ҷомеаро ҷалб намоянд. Дар ин маврид Т. Хоҷа он эҷодкори дақиқбинест, ки ба умқи масъала фурӯ рафта, навиштаҳояш набзи соҳаро ифода карда метавонанд. Ҷанбаҳои иқтисодиро бо назардошти таҳқиқи факту рақамҳо таҳлил намуда, дар баробари тавсифи комёбиҳо, роҳи ҳалли муаммову мушкилотро нишон медиҳад. Матолиби ба ин мавзуъ дахлдоштаи адиб танҳо дар нашрияи “Симои Данғара” ба табъ намерасанд

ва ҳамчун як публитсисти фаъол дар нашрияҳои марказӣ низ нигоштаҳояшро ба нашр расонидааст.

1. 3. Муносибати адиб ба мавзуоти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангу маориф

Т. Хоҷа адибест, ки дӯстиву ифоқаву инсофро муҷиби саодатмандии ҳаёт мешуморад. Дар баробари ин дар шинохти фалсафаи ҳастии инсон фаротар аз уфуқҳои таҳқиқи ботини одамон рафта, аз минбари боз ҳам баландтар ин мавҷудро муҷиби бадбахтиҳои аҳли башар медонад. Дар такя ба ҷаҳонбиниҳои такмилёфта тору пуди амали инсонро дар пояи манфиатҳои разилонаи ҳамон инсон ташхис карда метавонад. Аз назари ӯ инсон бунёдкору табоҳкор аст ва гоҳо ба шигифт меояд, ки чаро инсон сифати одамии худро гум карда, на созанда, балки сӯзанда мешавад. Адами шафқату раҳматро дар вуҷуди инсон дарди гарони вуҷуди худ меҳисобад. Адибро кашмакашу хунрезиҳои инсон ба тааҷҷуб меорад ва ба хулосае меояд, ки нооромиву суботи ҳаётро худи инсон ба миён меоварад: “Аз он ки одам одамро руҳану ҷисман нест кардан мехоҳад, шоир тобу тоқат надорад. Ҳикмати маҳз соҳиб будани инсонро ба амиқтарин разолату ваҳшоният адиб хеле хуб медонад. Ва хуб ҳам мефаҳмад, ки имрӯз инсон инсонро нест мегардонаду муҷиби фанои ин дунё низ на офатеву балое, балки боз ҳам худи инсон аст» [127].

Журналисту публитсист чун ҳамқадами замон дар фаъолияти худ зимни таҳлили воқеаи дорои аҳаммияти иҷтимоӣ ва инъикос кардани бархӯрдҳои ҷомеаи инсонӣ дар навбати аввал хоҳони нишон додани муносибату мавқеи худ ба ҷараёни муҳимми воқеаи рӯз мебошад. Дар ин самт баёни лаҳзаҳои рӯз фарогири ҷузъиёте мешаванд, ки аҳаммияти амиқи иҷтимоиро моликанд. Табиист, ки «публитсистика ҳамчун набзи ҳаёти иҷтимоӣ» [78, с.132] оҳангу навои рӯзро дарк менамояд ва чизеро ба омма пешниҳод мекунад, ки таъсири маълумеро дар худ фаро мегирад. Таҳлилҳову ташхисҳо ва тасвирҳову пардози бадеӣ дар асоси маърифат

намудани дунёи воқеӣ созгор омада метавонанду таъсирбахш мешаванд, ки гувоҳи қимати иҷтимоӣ доштани онҳост. Вобаста ба ин дарки уфуқҳои фазо ва вақти бадеӣ омили аслии ба даричаи мафкураи омма роҳ ёфтани эҷодкори воқеиятбин аст. Мушоҳида ва таҳлилу хулосаҳои муаллифон метавонад, ба як зуҳуроту падида ҳамоҳангӣ дошта бошад ва дар ҳолати дигар дар муқобили маҷрои маълуме қарор гирад. Бо назардошти ин чанд ҷиҳат қайд кардан ҷоиз аст, ки Тӯлқин Хоҷа дар кори эҷодӣ ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву сиёсӣ аз дидгоҳи як шаҳрванди ватандӯст назар меандозад. Дар ҳар як намунаи эҷоди ӯ таблиғ ва ташвиқи андозадошта, ки як рукни муҳимми хосияти навиштаи публитсист мебошад, ба назар мерасад. Мавқеи мусбату манфии худро бо пуштибониву мухолифат аз ин ё он ҷараёни сиёсӣ баён мекунад. Бештар аз истиқлолияти кишвар ва пешрафту тараққиёти он ҷонибдорӣ намуда, ватану диёри худро ободу шукуфон дидан мехоҳад. Дар репортажи “Тараннуми истиқлолият дар ноҳия” [158] дар баробари руҳияи ахборӣ ҷузъиёти алоҳидаи таҳлилиро дидан мумкин аст, ки ҷанбаҳои сиёсиву ватандӯстиро фаро гирифтаанд. Ҳукм дар он возеҳ аст ва маҳз истиқлолият омили аслии шинохта шудани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ дониста мешавад: “...маҳз туфайли истиқлолияти давлатӣ миллати тоҷик дар арсаи байналхалқӣ мақоми эътироф пайдо кардааст” [158]. Масъалаи худшиносии миллӣ низ дар ин навишта матраҳ гардидааст ва бо қиёси таърихӣ муаллиф ба гузаштаҳои миллати тоҷик менигарад, ки дар шебу фарозҳои ташаккулёбии худ шикаста нашудаву мавҷудияти худро нигоҳ доштааст. Дар ин замина Тӯлқин Хоҷа дар асоси ҷаҳонбиниву донишҳои пайваста такмилёбанда саодати миллӣ ва укубатҳои тоқатфарсоро зикр карда, таърихи муосири миллати тоҷикро ба заҳматҳои роҳбари давлати тоҷикон марбут медонад: “Барои барқарору устувор ва файзбахш гаштани истиқлол ҷаҳду талошҳои фидокоронаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон беназир аст. Ӯ бо сиёсати воло тавонист моро аз парокандагӣ ба якпорчагӣ биёварад ва бо сулҳу салоҳ, ки сари хушбахтию комёбиҳост, мушаррафу сарфароз дорад” [158]. Як хосияти матлаби журналистӣ шебу фарози имрӯзро ба инобат

гирифтану ҳолати дурнамову авзои пешояндаро бозгӯ кардан мебошад. Ин омил, пеш аз ҳама, ҳамқадаму фарзанди замон будани журналисту публитсистро нишон медиҳад. Дар ҳақиқат, «...дурбинӣ ва эҳсос карда тавонистани паёмади матлаби интишор мешуда» [118, с.5] ба муаллиф имкон медиҳад, ки нақши роҳнамоиву такондиҳандаи андешаҳои худро таҳким бахшад. Як тамоюли умдаву чашмрас он аст, ки дар шароити имрӯза неруи созандаи ҷавонон хеле зиёд мавриди таҳлилу хулосабардориҳо қарор дода мешавад. Махсусан, вобаста ба равандҳои мураккаби ҷаҳонишавӣ дар чанд соли охир ин масъала дар меҳвари андешаҳои публитсистону коршиносон қарор гирифтааст. Дар ин навишта низ мавқеи ҷавонон дар пешрафти ҳаёти иҷтимоиву сиёсии ҳаёт ҳанӯз 10 сол муқаддам муайяну мушаххас гардидааст. Муаллиф қолабшикан аст ва дар ин роҳ аз баёни фалсафию бадеӣ кор гирифтааст: “...Дили ҷавонон заминеро мемонад, ки дар он тухми ҳар гуна ормонҳо беталафу серҳосил парвариш меёбад. Онро васеъ барои парвариши ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва таъриху тамаддуни ниёгонпарастӣ истифода бояд бурд” [158]. Чунин шеваи баёни адиб ҷаҳонбинии сиёсии ӯро нишон дода, бо таҳқиқи дирӯзу имрӯзи авзои сиёсии ҷомеа заминаи бунёди ҷомеаи устувору босуботро бозгӯ менамояд, яъне дар баробари садоқату эътимоди ботинӣ, муаллиф таблиғгари сиёсати кунунии ҳокимияти мавҷуда мебошад.

Муҳаққиқ И.Усмонов васоити ахбори омма, аз ҷумла, матбуотро «ифодакунандаи сиёсат» [110, с.69] меномад ва ин гувоҳи он аст, ки журналист то андозае татбиққунандаи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт назарияи илми соҳа собит менамояд, ки «…матбуот воситаи падид овардану амалӣ гардондани сиёсати давлатӣ аст» [14, с.53] ва ба ин ваҷҳ ҳар як рӯзноманигор бо истифода аз ин имкон ҷонибдорӣ ва ё мухолифати худро нисбат ба як ҷараён мушаххас менамояд. Табиист, ки дирӯзу имрӯз аксар рӯзноманигорон дар қолаби такрору якнавохт дар ин самт чизе мегӯянду менависанд, ки чандон таъсирбахш нестанд. Дар навбати аввал набудани ҷуръату ҷасорат боис мешавад, ки

рӯзноманигорон бештар ба таъриф тавсифҳои доимӣ дода шуда, баррасии ҳақиқати воқеиро канор гузоранд. Дар ин масъала Т. Хоҷа мавқеи дигаргунатар дошта, дар эҷоди ӯ ифодаи тунди баён масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро бештар аз нуқтаи назари интиқодӣ ба фаро мегирад. Ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам дар замони истиқлолият ин хусусият дар мақолаҳои ӯ қариб яксон ба назар расида, ҷуръат ва интиқод асос ва ҷавҳари навиштаҳои таҳлилияшро ташкил медиҳанд. Мақолаи “Соҳаи бемутахассис” [140] навиштаест, ки бо таъсири талаботи фазову муҳити иттилоотии замони шуравӣ иншо гардидааст. Мақолаи мазкур соли 1988 дар нашрияи “Комсомоли Тоҷикистон” ба табъ расида, бештар проблемаи нарасидани кадрҳо ва тарбияи нодурусти онҳоро баррасӣ менамояд. Муаллифро бештар бюрократия ва шахспарастии замон мутаваҷҷеҳ менамояд. Ба таври мисол, ӯ барои муайян кардани ихтисоси кормандони хоҷагӣ ба сардори шуъбаи кадрҳо М.Тағоев муроҷиат намуда, аз муносибати як нафар масъули тамаллуқкор нороҳат мешавад: “ – Ман бе иҷозати маъмурият (вай дар мафҳуми маъмурият фақат директорро мефаҳмад!) ба касе маълумот дода наметавонам, – суханро кӯтоҳ кард ӯ” [140]. Барои муаллифи мақола дардовар аст, ки дар корҳои муҳимми хоҷагӣ онҳое масъуланд, ки мутахассиси соҳа нестанд. Натиҷаҳои пасти истеҳсолии хоҷагиро ба ҳамин мушкилот вобаста дониста, дақиқан пешниҳод менамояд, ки кори ҳар як соҳаро мутахассис пеш барад. Тавре зикр гашт, матбуот ифодакунандаи сиёсат ва ғояҳои замон мебошад. Барои муайян кардани мавқеи худ ва ҷонибдории сиёсати замон рӯзноманигор вазифадор аст, ки аз ҷузъиёти анъанавии зикри сиёсати давр қа тъи назар накунад. Дар замони шуравӣ Т. Хоҷа низ андешаҳои худро бо ҷонибдории сиёсати партия тақвият мебахшад. Ҷиҳати умда он аст, ки назари интиқодии ӯ дар ҳошияи ин мавқеъ нозуконаву маънидорона матраҳ мешавад: “... магар бо чунин муносибат нисбати кадрҳо, ки партия ҳалли ногузири онро ба миён гузоштааст, ба камбудию мушкилиҳои кор хотима додан ва ба иҷрои супоришҳои солҳои оянда умед бастан мумкин аст?” [140]. Дар баъзе ҷумлаҳои дигар боз ҳам мазмунҳои мантиқиро мушоҳида

кардан мумкин аст, ки дар онҳо оҳанги писханду тамасхур амиқтар мешаванд. Маълум мешавад, ки адиб ҷузъиёти алоҳидаи сиёсати партияро дар замони бозсозӣ чандон ҷонибдорӣ намекунад. Масалан, дар ибораи "кор, кор, боз ҳам кор" мазмун духӯраву таҳтонӣ гардидааст. Дар дохили нохунак ҷой додани фикр ва ифодаҳои дигари таҳвияти андеша (дилсӯзона, бомаслиҳат, софдилона), ба сиёсати начандон дурусти замони бозсозӣ ишора менамоянд: "...дар замони бозсозӣ, ки меъёри он "кор, кор, боз ҳам кор"-и дилсӯзона, бомаслиҳат, софдилона аст, худ аз худ пеш рафтан нашояд" [140].

Т. Хоҷа публитсисти боҷуръатест, ки қатъи назар аз омилҳои сензураву маҳдудиятҳо афкори интиқодии худро ошкоро иброз медорад. Фазои иҷтимоиву сиёсии замони шуравӣ ба муаллиф чандон писанд нест ва манфиатҷӯёнро мавриди тозиёнаи танқид қарор медиҳад. Дар мақолаи "Роҳрав он аст, ки оҳиставу пайваста равад" [142] муқобили тамаллуққориву чоплусиҳои замона садо баланд карда, он мансабдоронеро ҳадаф қарор медиҳад, ки худро қаҳрамони замон мепиндоранд: "Гоҳо дар мадҳи касон таърифро ба ҳадди ифрот мерасонем. Яъне дар ситоиш раиси чаласаводи колхозеро дар кордонӣ ба дараҷаи В. И. Ленин мебардорем. Асос кардани таърифҳои беасос бас будагист" [142]. Т. Хоҷа дар мақолаи мазкур бо истифода кардани ибораҳои "ҳокимон" ва "ҳокимияшон" хандаи заҳрдор ба мансабдороне кардааст, ки дар ҳама ҷо манфиати худро боло гузоштаанд, ки то андозае мавқеи фардии муаллифро нишон додаанд. Мақолаи мазкур умумигӯиҳо дорад ва агар муаллиф номи баъзе афроди иззатталабро ном мебурд, неруи навиштааш боз ҳам қавӣ мегардид. Як нукта мавриди таъкид аст, ки нашрияи "Навобод" дар ин солҳо дастгоҳи идеологиву тарғибии ҲКИШ аст ва наметавонад, он чизеро нашр намояд, ки хилофи манфиатҳои ҳизбӣ бошад, яъне мақолаи мазкур то ҷое таҳриру ихтисоршуда ба назар мерасад.

Чунин мазмун ва равиши баёнро дар навиштаи тақризмонанди "Повести "Одина"" [143] низ дидан мумкин аст. Муаллиф образи Одинаро таҳлилу баррасӣ намуда, онро тимсоли орзуҳои халқ мешуморад. Халқи

худро бо он ҷафокашида мешуморад, ки дар шебу фарози таърихӣ бечуръат аст. Дар ин маврид ишораи муаллиф бештар ба паҳлуҳои манфии низоми сотсиалистӣ равона карда мешавад, ки одамонро тамаллуқо кру тарсу гардонидааст. Аз ин ҷиҳат дар баъзе ҷумлаҳои адиб оҳанги таҳтонии даъват ба мубориза эҳсос карда мешавад. Ӯ ба одинаҳои имрӯзу дирӯз муроҷиат дорад ва мехоҳад, ки онҳо пурғуруру ҷасур бошанд. Муаллиф хосияти муҳиту фазои замонро хуб ташхис карда тавонистааст ва фикру мавқеи худро дар партави андешаҳои Бозор Собир матраҳ кардааст: “Бар ҳоли Одина гиристанҳо ба ҳоли худ гиристанҳост. Бар ҳоли худ гиристанҳо охир моро ба худ меорад, нармиҳоямонро шуста мебарад. Бозор Собир халқро мухотаби худ қарор дода, ба одинаҳои он ишора дорад:

Эй халқи ман, эй халқи ман, умре ту ҳокимпарварӣ,

Хуш нест ҳокимпарварӣ, хуш нест ин хуштобоварӣ” [143]

Тавре таъкид гардид, Т. Хоҷа яке аз ҷонибдорони сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки тавассути мақолаҳову нигоштаҳояш дар матбуоти маҳаллӣ ба ин масъала нисбат ба корбасти дигар мавзуот афзалияти бештар медиҳад. Дар мақолаи “Оянда аз ояндабинҳост” [151] муаллиф пешравии иқтисодии мамлакатро ба сиёсати оқилонаи Эмомалӣ Раҳмон тавъам медонад. Дурусту оқилона будани сиёсати Президентро дар асоси қиёсу мушоҳидаҳо ба назар гирифта, дар ин самт қаноатмандии деҳқонону кишоварзонро махсус таъкид менамояд: “Сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсолоти кишоварзӣ самараи хуб дода истода, ҳақиқати худро собит намуд. Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ сол ба сол меафзояд, деҳқон рафта-рафта ба соҳиби замин будани худ бовар карда истодааст” [151]. Дар сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои стратегӣ ин истиқлолияти озуқаворӣ ба шумор меравад. Ба ин ваҷҳ беҳтар гардонидани сатҳи некуаҳволии аҳолии мамлакат яке аз ҳадафҳои меҳварии роҳбарияти олии кишвар мебошад, ки зина ба зина амалӣ гардида истодааст. Барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо давлату ҳукумати кишвар аз оғоз то имрӯз талош менамояд, ки замин

соҳиби аслии худро ёфта, истеҳсолоти кишоварзӣ суръат пайдо кунад, зеро сиёсати ҳар як сохтро иқтисодиёти қавӣ неру бахшида, эътимоду ҷонибдории ҷомеаро нисбат ба ҳокимият меафзояд. Т. Хоҷа фаъолияти самараноки имрӯзаи заминдорону кишоварзонро ёдовар гирдида, омилҳои мушаххасро дар ин бахш зикр менамояд: “Мустақилияти хоҷагиҳои деҳқонӣ мувофиқи қонунҳои алоқаманд амалӣ мешавад. Ҳамон хоҷагие мустақилияти қонунӣ ба даст оварда метавонад, ки он дорои мустақилияти пулию молию техникӣ бошад” [151]. Як ҷиҳати хоси масъалагузориҳо дар таҳлилҳои муаллиф он аст, ки бо зикру таъкиди сиёсати Президент монеагузориҳои мансабдорони зинаи поёниро дар тақсимоти замин, ки ҳамчун монеа боқӣ мемонанд, маънидорона танқид менамояд. Чунин оҳанг ба баъзе намунаҳои мақолаҳои адиб дар солҳои ҳаштодуму навадуми асри гузашта монандиҳо дорад, ки онро дар мисоли сиёсати горбачёвӣ дидан мумкин аст. Ҳамаи пешравию суботро муаллиф дар мисоли фаъолияти хоҷагии алоҳида таҳлил менамояд ва қиёсан афзалият доштани сиёсати имрӯзаро нишон медиҳад. Факту рақамҳои зиёдеро пеш меорад, ки деҳқону кишоварзу чорводори имрӯза дар асоси даромадҳои хуб ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагӣ аз сиёсати кунунии Президент ҷонибдор аст.

Дар ҳамин мақола чун матолиби дигар (очерк дар бораи Н. Раҳмонов) ба масъалаи муҳими замон – илмро дар истеҳсолот ҷорӣ намудан таваҷҷуҳ карда шудааст, яъне ба ин восита бо хулосабардориҳо роҳи ҳалли масъалаҳо нишон дода мешаванд. Назар ба қавли муаллифи мақола, дар заминаи таҷрибаҳо дар амал татбиқ кардани назарияҳои гуногуни илмӣ талаботи рӯз дониста мешавад. Аз ҷумла, дар асоси коркардҳои агротехникӣ ихтирои навъҳои нави тухмии чигиту ғалла боис гардидааст, ки маҳсулнокии заҳмати деҳқонон баланд гардад. Чунин таҷрибаи пахтакорони ноҳияи Данғара дар мисоли хоҷагии деҳқонии “Раҳмонҷон” барои дигар навоҳии вилояти Хатлон намунаи ибрату пайравӣ гаштааст ва хоҷагиҳои гуногуни вилоят барои эҳтиёҷ ба инҷо меоянд. Муаллиф бо пеш овардани факту рақамҳои возеҳ исбот мекунад, ки ба роҳ гузоштани таҷрибаҳои судманди илмӣ кори пурзаҳмату

пурмасъулияте мебошад, ки дар ниҳоят фоидаву манфиати деҳқон мебошад: “Навъи пахтае, ки гулбандиву кӯракандозии ғайримуқаррарӣ дошт, шоху навдаҳои зиёд партофта, беш аз 75 кӯракро соҳиб буд... Навъи пахтаи мазкур аз омезиши пахтаи сафеду маҳиннах ҳосил гардида, ҳанӯз номгузорӣ карда нашудааст. Гули он кушода намешавад. Гулбаргҳо бо ҳам печида месабзанд ва дар ҳамин ҳолат кӯракро мерасонанд” [151]. Чунин ихтироот дар хоҷагии мазкур моҳияти амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ дорад. Агар он дар навбати аввал меҳнатдӯстиву заҳматқарин будани 200 нафар аъзои хоҷагиро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, роҳнамоиву кордонии Н. Раҳмоновро бозгӯ месозад, ки қатъи назар аз душвориҳову монеаҳо тавонистааст ба парвариши чунин тухмии серҳосил муваффақ гардад. Ҷузъиёти дигари мақолаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар ин ҷо ба кордонии деҳқони тоҷик ишора шуда, таъкид мешавад, ки ӯ бо хоксориву тавозӯъ хоҳони зиндагии орому серу пури ҳамватани худ мебошад. Муаллиф дар тангнои мавзуӣ қарор гирифтан намехоҳад ва бо ибораи “селексионер ва селексияҳои халқӣ” ба аҳаммияти иҷтимоӣ доштани ин ихтироот таъкид менамояд: “... Агар акаи Нуриддин ба парваришу густариши он мусоидат кунад, навъи мазкур ба номи дилхоҳи ӯ номгузорӣ хоҳад шуд, - гуфт муовини раиси вилоят Ш. Кабиров ва илова намуд: – Мо барои пурра кардани холигоҳи корҳои олимони селексионер аз селексионер ва селексияҳои халқӣ ва маҳаллӣ истифода мебарем” [151]. Т. Хоҷа қариб дар ҳар як навиштаи матбуотияш ҳамеша ба сатҳи иҷтимоии зиндагӣ назар андохтан мехоҳад. Чунин оҳанге аз навиштаҳояш бармеояд, ки ӯ аз дастгириву ғамхорӣ нисбат ба ниёзмандону барҷомондаҳо хурсанду қаноатманд мегардад. Бо пеш овардани мисолу далелҳои гуногун ашхоси дорову соҳибкорро ба саховату накуӣ даъват менамояд. Чунончи, паҳлӯи ҷолиби дигар дар мақолаи мазкур инсондӯстиву дасти пурсаховат доштани роҳбари хоҷагӣ (Н. Раҳмонов дар ин масъала яке аз қаҳрамонҳои доимии навиштаҳои муаллиф аст) мебошад, ки бозгӯи он дар асоси далелу аснод сурат мегирад: “Маҳсулоту меваҷоте, ки дар хоҷагӣ ба даст оварда мешавад, аввалқадам барои таъмини эҳтиёҷоти худи аъзоён равона

мегардад, сипас ба бозори истеъмолӣ бароварда мешавад ва бахше аз он ба кӯдакистону беморхона, қисми ҳарбии ноҳия ба таври хайрия интиқол меёбад”.

Бо гузашти вақт доираи мавзуоти иҷтимоӣ дар эҷоди ӯ пайваста фарох гардида, давра ба давра дар олами андешаҳои публитсист таззодҳои нав матраҳ мешаванд ва агар гоҳе ба шӯр ояду дар муқобили маҷрое қарор гирифтан хоҳад, гоҳи дигар садоқати ватандӯстии худро пинҳон нигоҳ намедорад. Ватан барои ӯ азиз аст ва бо ҳама каму костиҳояш онро дӯст медорад.

Дар оғози солҳои навадуми асри гузашта масъала ва мавзуи худшиносӣ дар матбуоти тоҷик вусъат пайдо мекунад. Дар навбати аввал кормандони матбуот ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ пайдо карда, дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ талош менамуданд. Тарғиби худшиносии миллӣ яке аз масъалаҳо ва заминаи аслии истиқлолияти кишвар ба ҳисоб мерафт. Т. Хоҷа низ дар ин самт дар канор набуд ва бо эҳсосу самимияти баланд худшиносии миллиро тарғиб кардааст. Мақолаи “Роҳрав он аст, ки оҳиставу пайваста равад” [142] далели гуфтаи болост. Ин мақола калонҳаҷм буда, оммавияти баланди оҳанги гуфтор бо пайванди мантиқии фикрҳо мавзуоти алоқамандро (маърифат, иҷтимоиёт, иқтисодиёт ва ғ.) пешниҳоди хонанда менамоянд. Аз мазмуни мақола бармеояд, ки муаллифро масъалаи номгузории кӯчаву гулгашту хиёбонҳо сахт ба ташвиш овардааст. Дар мақолаи мазкур низ нуқтаи назари интиқодӣ сарфи назар нагаштааст ва муаллиф аз он гила дорад, ки дар ҳайати комиссияи номгузорӣ онҳое қарор гирифтаанд, ки моҳияти масъаларо хуб сарфаҳм намераванд. Ин мақола дар рӯзҳое нашр гардидааст, ки дар ҷумҳурӣ раванди озодии баён акнун суръат мегирифт. Ҷиҳати хоси мақола он аст, ки он то андозае хусусияти илмӣ дорад ва аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф андешаҳояшро дар заминаи ҷаҳонбиниҳову донишҳои васеъ шакл бахшидааст. Фикрҳо дар мақола такрору обшуставу қолабӣ нестанд ва чизе пешниҳоди хонанда гардонида мешавад, ки он қобили таваҷуҳи хонанда мегардад. Дуруст аст, ки дар таҷлили солгарди бузургони илму

фарҳанг одатан кучаву хиёбон ва ноҳияву шаҳрҳоро ба номи онҳо мегузоранд. Дар ин маврид Т. Хоҷа фикри дигареро пешниҳод кардааст, ки ҷанбаи махсуси худшиносиро дар бар мегирад: “Намешавад, ки барои шод кардани руҳи эшон номи хушоянду хушоҳанги асарҳояшон ва ё қаҳрамонони машҳури осорашонро ба макону маҳалҳо монем. Масалан, ба ҳурмати Борбад кӯчаеро ба унвони яке аз лаҳнҳояш – “Сарвистон”, ё ба эҳтироми Лоҳутӣ гузареро “Мардистон” ном бурдан чӣ бадие дорад” [142]. Дар ин мақола таваҷҷуҳу эҳтироми хоси Т. Хоҷа ба адабиёту фарҳанги аҷдодӣ дида мешавад. Чун замони бозсозӣ ҷараён дораду ҷуръату озодиҳо бештар мешаванд, Т. Хоҷа барин равшанфикрон дар роҳи зинда кардани анъанаву падидаҳои фарҳанги аҷдодӣ қадами устувор мегузоранд. Т. Хоҷа қолабпараст нест ва пешниҳодҳоеро барои пешрафти фарҳангии ҷомеа ироа менамояд, ки ҳақиқати комилеро дар худ фаро мегиранд. Ба таври мисол муносибату эҳтироми муаллиф ба “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ дар чунин пешниҳодҳо зоҳир гардида метавонад: “Дар пеш ҷашни ҳазораи “Шоҳнома”. Бо ин хотир чӣ хуш аст, агар маҳаллаеро бо номи бобои Рустам – Наримон, ё ба номи фарзанди ҷавонмаргаш Суҳроб гузорем. Номҳои хушраси афсонавӣ–таърихӣ чун Эраҷ, Бузургмеҳр, Нӯширавон, Ҷамшед, Юсуф, Манучеҳр, Хоҷа Насриддин, Ҳотам, Лукмони Ҳаким кам нестанд. Бояд аз онҳо низ бархӯрдорӣ кард” [142].

Дар тақризи “Повести “Одина”” [143] низ ҳамин гуна маъниву мазмунҳоро ба таври пароканда пайдо намудан мумкин аст. Мавзӯи навишта, аслан, як шакли баҳогузорӣ ва нақди публитсистӣ ба асари С. Айнӣ мебошад. Бо истифода аз имконот дар рафти таҳлил дар ҳошияи андешаҳои алоҳида муаллиф талош кардааст, ки сохти ҳанӯз пурра фаноногаштаи сотсиалистиро танқид намояд. Фиреби назар будани ин сиёсати ҳафтодсоларо нисбатан равшан ифода кардааст. Мақсади меҳварӣ бошад, талқину тарғиби худшиносиву ҳуввияти миллӣ ба ҳисоб меравад ва низоми сотсиалистиро монеаи рушди фарҳанги аҷдодӣ дар деҳот меҳисобад: “...ҳатто панҷаи ахлоқи шаҳрӣ ба девори ахлоқи деҳотӣ рахнаҳо ворид кардан дорад. Чӣ кунем, ки яке аз рукнҳои коммунизми мо

барҳам додани тафовути шаҳру қишлоқ буд” [143]. Аз мантиқи гуфтори муаллиф бармеояд, ки ӯ маданияту фарҳанги деҳотро дар ҷои худаш дидан мехоҳад. Фарҳангу маданияти деҳотиёнро дар қиёс бо фарҳангу маданияти шаҳриён ночиз намедонад ва ин маънои онро надорад, ки ӯ маданияти пешрафтаи шаҳрро инкор кардааст. Дар пешниҳоди фикру андешаҳо муаллиф ҷуръатманд аст ва ҷонибдори он аст, ки фарҳанги деҳотиён хору назарногир нагардад, яъне ӯ қатъиян мухолифи ин тафовутест, ки онро сиёсати замон ба вуҷуд овардааст: “Ба хаёли ман, ин тафовутро нигоҳ доштан лозим аст. Агар илоҷаш бошад, ба манфиати табиати табиӣ”.

Мавзуоти худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ бо ҳам алоқамандии зич доранд ва дар робита ба ҳамдигар ҳаққонияти бисёр муаммоҳоро собит менамоянд. Агар А. Раҳим аз баъзе ҷузъиёти марбут ба нуқтаи назари интиқодии адиб дар роҳи худшиносиҳо ҳарф занад, пас, Ҷ. Темурзода мавқеи баланди ватандӯстии шоирро зикр менамояд: «Тӯлқин даъвои шеъру шоирӣ надорад. Ӯ рустояшро бо ҳама каму костиҳо ва мардумони шарафёраш дӯст медорад. Дар симои рустои Пушинг, ки як пораи хоки пурармони Хатлон ва Тоҷикистони биҳиштмаъво мебошад, бо талу теппаҳои ризқофараш аз тамоми кишварҳои афсонавӣ боло мегузорад» [130]. Муваффақияти осори адиб дар он аст, ки муаллиф дар аксар пайроҳаҳои зиндагӣ қадам задааст ва дар ин пайроҳаҳо шахсияти худро такмил бахшидааст. Дар шинохти Ҷ. Темурзода ифодаҳои «…Тӯлқини шоир, Тӯлқини муаллим, Тӯлқини нависанда, Тӯлқини рӯзноманигор, Тӯлқини башардӯст, Тӯлқини ватандӯст» [130] тамоми характери эҷодии адибро фаро гирифтаанд. Дар ҳақиқат, ӯ адиб ва публитсистест, ки набзи ҷомеаро ташхис карда метавонад, муаллимест, ки беш аз дигарон ҳақиқати воқеии ҳаётро ҳамарӯза мебинад, рӯзноманигорест, ки дар заминаи мушоҳидаҳои ҳаррӯза менависад, башардӯстест, ки нисбат ба тақдири инсонҳо бетафовут нест ва ватандӯсти асилест, ки садоқаташро дар ошёнҳои баланди мазмунҳо сурудааст.

Шоир Муҳаммад Ғоиб дар заминаи дӯстиву рафоқатҳо Т. Хоҷаро бештар аз дигарон мешиносад. Сукунати онҳо дар як ноҳия ва робитаи дӯстонаву бародаронаи онҳо боис гардидааст, ки дар аксар ҳолатҳо дар паҳлӯи ҳам бошанд. М. Ғоиб дар шеъри «Ба ёди Тӯлқин Хоҷа» [168, с.5-6] беҳтарин кашшофи ботину зоҳири ин шоири ноком аст. Аз назари М.Ғоиб ӯ шоири оташинбаёнест, ки дар паҳлӯи халқи одии русто қарор дорад. Аз мазмуни баъзе байтҳо бармеояд, ки Т. Хоҷа ба устоди худ аз сарнавишти мардуми нодор зиёд қиссаҳо кардааст. Ҳам дар назм ва ҳам дар насри адиб он нукта муҳим аст, ки дар заминаи тараннуми оҳанги иҷтимоӣ аз тақдиру қисмати халқи худ меандешад:

«Ғози хасрав тору пуди ҷомаат,
Сӯзане пиндоштӣ ту хорро.
Қисса кардӣ, хонам аз дилномаат
Сарнавишти мардуми нодорро» [168, с. 5-6].

Мавқеи иҷтимоии Т. Хоҷаро аз намунаҳои назмии ӯ мушаххас кардан осонтар аст. Дар навиштаҳои матбуотии адиб ин масъала то андозае пурра кашфногардида боқӣ мемонад, ки, ба назари инҷониб марбут ба маҳдудиятҳои алоҳида (бештар худсензура ва руҳафтодагии равонӣ) мебошанд. Ҳарчанд дар давраҳои алоҳида баъзе хомӯшиҳо дида шаванд ҳам, аммо ӯ ҳамкории худро бо матбуот пурра қатъ накардааст ва то охири умр чун як журналисти фаъол бо рӯзномаҳо ҳамкорӣ кардааст. Дар назарияи журналистика маълум аст, ки газета василаи иртибот бо ҷомеа ба шумор меравад ва бештари адибону эҷодкорон бо назардошти ин рисолати рӯзнома ҳамкории худро бо он ба роҳ мемонад. Т. Хоҷа низ барои робитаи доимии худро бо хонанда аз байн набурдан дар саҳифаҳои матбуот дар фосилаҳои гуногуни вақт матолиби гуногунмазмунро ба нашр мерасонад. Рӯ овардан ба масъалаҳои зисту шароити зиндагии одамон дар мақолаҳову нигоштаҳои гуногуни муаллиф дар заминаи таҳлилу таҳқиқи масъалаву проблемаи муайян ҷараён пайдо мекунад. Ҳар як рӯзнома бо назардошти таъйинот ва талаботи мавзуии худ амал менамояд. Дар муҳити деҳот рафти корҳои кишоварзӣ дар мавсимҳои гуногун самти мавзуъҳоро тағйир

медиҳанд. Ба таври мисол, агар дар омад-омади баҳор масъалаи кишту кору дигар ташвишҳои кишоварзон таваҷҷуҳи рӯзномаро бештар бедор мекарда бошад, пас, дар тирамоҳ мавзуи ҷамъовариву иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ дар маркази диққати мухбирон қарор мегирад. Масалан, ҳамчун натиҷаи истеҳсоливу ҳисоботӣ дар тирамоҳ шумораи қаҳрамонони майдони меҳнат бештар мешаванд. Чунин хосияти матбуот ҳамчун анъана аз замони шуравӣ маълум мебошад ва табиист, ки матбуоти расмӣ дар ин ҷода ҷиддитар аст. Махсусан, матбуоти маҳаллӣ ҳамчун инъикоскунандаи набзи маҳал ва мухбири он «... чашми давлат дар маҳалҳо ва иштирокчиёни воқеаҳо» [110, с.130] ин анъанаро бештар аз дигар типи матбуот мавриди баҳсу баррасӣ қарор медиҳад. Ин махсусиятро дар нашрияи ноҳиявии «Симои Данғара» мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар масъалаи нишон додани авзои воқеии маҳал Т. Хоҷа яке аз мухбирони фаъоли он мебошад. Ҷиҳати назарраси фаъолияти мухбирии Т. Хоҷа он аст, ки ӯ бештар матолиби ҳаҷман васеъро ба нашр мерасонад. Махсусан, ҳар як мақолаву очерки адиб қариб як саҳифаи рӯзнома ва зиёдтар аз онро фаро мегирад. Тавре дар боло зикр гашт, адиб дар такя ба мавзуоти мавсимӣ умдатарин масъалаҳоро дар қолабҳои гуногуни жанрӣ баррасӣ менамояд, ки бештаринашон хусусияти таҳлилӣ доранд. Агар дар матолиби зиёди ӯ масъалаҳои кишту кор ва ҷамъоварии ҳосил як паҳлӯи мавзуъ ба ҳисоб равад, аз ҷониби дигар, омодагиҳои соҳаҳои гуногун ба зимистонгузаронӣ паҳлӯи дигари проблемагузориҳои ӯ ба шумор мераванд. Дар мақолаи «Зимистон: корҳо хубанд» [160] таваҷҷуҳи муаллифро бештар ду масъала – омодагии соҳаҳои маорифу тандурустӣ дар ноҳияи Данғара ба фасли зимистон ҷалб кардааст. Муаллиф қарори раиси ноҳия М.Сайдалиевро аз шашуми июни соли равон дар бораи чораву тадбирҳои зимистонгузаронӣ зикр намуда, аз он қаноатманд аст, ки рафти чораандешиҳо дар ноҳия чандон бад нест. Барои таҳвияти андеша ба нақли ашхоси масъул такя мекунад, ки он барои хонанда асосноктар мегардад: «Дар натиҷа ҳама соҳаҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёти ноҳия барои фаъолияти мунтазам ва самаранок дар давраи тирамоҳу зимистони

солҳои 2011-2012 имкониятҳои кофӣ дарёфт кардаанд, – гуфт Абдулмаҷид Муродов, муовини раиси ноҳия, сардори ситоди мазкур» [160]. Бартарии мақолаи мазкур дар он аст, ки муаллифон (мақола бо ҳаммуаллифӣ навишта шудааст) дар партави фикру андеша муваффақияту комёбии ҳар як соҳаро ба таври алоҳида мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааанд. Мақола дар як саҳифаи рӯзнома дар бораи ҳолати мактабу муассисаҳои таълимӣ, беморхонаву нуқтаҳои тиббӣ ва талоши шабонарӯзии муассисаи нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия маълумоти заруриро фаро гирифтааст. Муаллифон андеша доранд, ки омодагиҳои ҷиддии зимистонгузаронӣ ва сари вақт бартараф кардани мушкилоту монеаҳо боиси қаноатмандии мардуми ноҳия гардидааст. Ҳамкориву мусоидати бевоситаи аҳолӣ низ дар баробари масрафи маблағҳои муайяни давлатӣ дар рафти хуб гузаронидани фасли сармо ба назар мерасад: «Муассисаҳои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ангиштро аз корхонаҳои истихроҷӣ, ҳезумро аз ҳисоби захираҳои барзиёди аҳолӣ дастрас намуданд. Дар анборҳои муассисаҳои соҳаи маориф ангишт 55 тона, ҳезум 1750 метри мукааб ва соҳаи тандурустӣ 37 тонна ва ҳезум 80 мукааб метр захира карда шудааст» [160]. Ҷиҳати нисбатан коставу манфии мақолаи мазкур он аст, ки дар он ягон проблемаву мушкилот зикр нашудааст. Хосияти тавсифиву маълумотӣ дар он амиқтар мешавад ва маълум, ки он чун як ҳисоботи масъулини ҳукумати ноҳия шакл пайдо кардааст. Одатан, ин гуна матлабҳо фармоишӣ мешаванд ва ин ҷиҳат ногузир низ ҳаст, зеро муассиси рӯзномаи мазкур Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара мебошад. Хеле кам иттифоқ мешавад, ки рӯзнома муқобили манфиатҳои муассиси худ амал намояд ва ҳамин аст, ки маводи нашрияҳои расмӣ хеле зиёд қолабиву якнавохт мешаванд. Чунончи, дар мақолаи мазкур таърифу таҳсинҳо гӯшхарош низ ҳастанд: «Ҳамоҳангсозии корҳо ва муҳайё кардани шароитҳо ҷиҳати хубу роҳат гузаштани мавсими зимистон дар соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ ва коммуналӣ низ хурсандибахш аст. Дар ноҳия хонаводае нест, ки анҷоми зимистонаашро то ҳадди қаноатбахш дуруст накарда бошад» [160].

Публитсистика бидуни ҳадафи мушаххас ва баёни воқеияти ҷолиб арзише надорад. Муҳаққиқи соҳа М. Муродов чунин меандешад, ки «руҳияи тарғибӣ, баҳсу музокира, сухани нотиқӣ, эҳтиросу эҳсос усулҳои хоси публитсистикаанд» [78, с.120] ва бо назардошти ин ҷиҳат дар осори Т. Хоҷа ба эҳсоси хонанда таъсир бахшидан маромидоимии он гардидааст. Дар эҷоди адиб доираи жанрҳои ахборӣ нисбатан маҳдуд ба назар расида, бештар қолаби жанрҳои мақолаву очерк ба ӯ имкон додаанд, ки бо оростани баҳсу музокираҳо ва нутқу баёни даъватсоз оммавияти навиштаҳояшро таъмин намояд. Ин оммавият пештар аз ҳама тараннуми оҳанги замон мебошад, ки адиб ҳамқадами он аст. Қатъи назар аз ҳама гуна навишта Т. Хоҷа мехоҳад, ки манфиати иҷтимоиро пуштибонӣ намояд ва хоҳони он аст, ки нисбат ба мардуми одии заҳматкаш ноадолатиҳо вуҷуд надошта бошанд. Вобаста ба ин дар мақолаи “Кооперативи истеҳсолии “Раҳмонҷон” мактаби таҷрибаи пешқадам” [156] сухани нотиқии муаллиф оҳанги хитобу даъват пайдо менамояд: “Дастоварду муваффақият вақте рӯзафзун мешавад, ки адолати хоҷагидорӣ, ки аз фароҳам доштани шароити хуби корӣ, ҳавасмандгардонии аъзоён ва қадршиносии онҳо иборат аст, риоя шавад” [156]. Муаллиф аз он надомат дорад, ки деҳқон имрӯз дар заминҳои беобу камҳосил заҳмати зиёд мекашаду фоидаи ночиз ба даст меорад. Ин андешаи муаллиф умумигӯӣ нест ва сабабро дар он мебинад, ки на ҳама деҳқонон имкони ҳосилхез гардонидани заминҳоро доранд, зеро онҳо аз нигоҳи молиявӣ имкон надоранд, ки техникаи хоҷагии қишлоқ, дорухои минералӣ ва дигар ҷузъиёти вобаста ба ҳосилхез гардонидани заминҳоро (махсусан, обёрии заминҳои лалмӣ) роҳандозӣ намоянд. Дар ин сурат онҳо маҷбуранд, ки барои таъминоти рӯзгори худ дар хоҷагиҳои сердаромаду бузурги ноҳия заҳмат кашанд. Муаллиф мухолифи чунин раванд нест ва танҳо хоҳони он аст, ки хоҷагиҳо нисбат ба коргарони худ одилона муносибат намоянд. Оқибати нек надоштани манфиатҷӯиҳои фардиро дар ин самт бо нақли қавл аз забони яке аз роҳбарони хоҷагиҳои намунаи ноҳияи Данғара чунин ишора менамояд, ки оҳанги ҳушдору даъватро фаро

гирифтааст: “– Хоҷагие, ки даромади меҳнатияшро чун дар ҳикояи “Деҳқон ва хирс” тақсим мекунад, оянда надорад, агар дошта бошад, вайронист, – гуфт акои Нуриддин Раҳмонов, раиси кооперативи истеҳсолии мавсуф бо зарофат” [156]. Т. Хоҷа гуманизми баланд дорад ва ҳар як беҳбудиву падидаи мусбати вобаста ба зиндагии беҳтари аҳолиро зикр менамояду васф мекунад ва аз он меболад, ки некуаҳволии халқ беҳтар шуда истодааст. Навиштаҳои ӯ аз нигоҳи теъдод дар саҳифаҳои матбуот камтар бошанд ҳам, аммо ҳаҷман васеъ буда, бо фарогирии ҷузъиёти реалӣ тараннуми воқеяти зиндагиро менамоянд. Ин тараннум, тавре зикр гардид, дар партави мушоҳидаҳое сурат мегиранд, ки дар меҳвари онҳо зиндагии халқ қарор мегирад. Кооперативи истеҳсолии “Раҳмонҷон”-ро танҳо бо зикри дастовардҳову нишондодҳо тавсиф намесозад, балки диққати ӯро ғамхории маъмурияти хоҷагӣ нисбат ба мардуми оддӣ ҷалб месозад. Хурдтарин ҷузъиётро дар ин самт аз паҳлуҳои гуногун шарҳ медиҳад ва бо қиёсҳо исбот менамояд, ки пешрафти ҷомеа дар навбати аввал ба манфиати оммаи заҳматкаш робита дорад: “Аз даромаду фоидаи солонаи хоҷагӣ ва меваю сабзавоту полезии он ҳар як аъзо ба андозаи меҳнатияш баҳра мебардорад. Ва ин баҳраёбӣ онҳоро дар руҳияи муташаккилию меҳнатдӯстӣ нигоҳ дошта, ба сӯи муваффақияту комёбӣ ҳидоят месозад. Вагарна аксари заминҳое, ки хоҷагӣ ихтиёрдорӣ мекунад, чандон серғизо нест. Бештари онҳо санглоху сангвара мебошанд” [156].

Яке аз вазифаҳои маълуми матбуот он аст, ки «фикри халқро кушода, ӯро ба маданияту маориф ҳидоят мекунад…» [116, с.91] ва ин ҷиҳат дар ҳама давраҳо барои онҳое, ки нисбат ба соҳаи маориф назари ислоҳотиву таҷдидӣ доранд, имконият фароҳам меоварад, ки ба масъала амиқтар ворид шаванд. Навиштаи Тӯлқин Хоҷа бо номи «Тарбия корест таъхирнопазир» [138] дар нашрияи бонуфузи «Тоҷикистони советӣ» соли 1987 нахуст аз ҷуръатмандии муаллиф дарак медиҳад. Дар ин давраҳо, ки ҳанӯз ҳокимияти шуравӣ пойбарҷост ва омилҳои бюрокративу сензуравӣ вуҷуд доранд, нашри чунин матлаби интиқодӣ ҷасорат аст. Муқаддимаи

навишта аз санохонӣ ба чанд нафар ташаббускороне оғоз мешавад, ки аз масофаи чор километр оби чашмаи Арпабулоқро ба деҳаи Шаршар овардаанд. Оҳанги навишта баъди ҷумлаҳои зерин интиқодӣ мешавад: «…аммо ман ба масъалаи дигар – мактабхонии фарзандони сокинони ин деҳа дахл карданиям. Дар ин масъала шаршариҳо ба таъриф намеарзанд» [138]. Мавқеи муаллиф дар баррасии масъала возеҳу мушаххас мебошад ва гила аз волидайне карда мешавад, ки нисбат ба таҳсили фарзандон саҳлангорӣ менамоянд. Факту рақамҳо зикр мегарданд ва барои хонанда маълум карда мешавад, ки баъди таҳсилоти ибтидоӣ хонандагони деҳаи Шаршар таҳсили худро дар мактаби миёнаи Пушинг идома медиҳанд, ки се километр дур аз деҳаашон қарор дорад. Муаллиф дар ҳалли ин масъала гунаҳкоронро ҷустуҷӯ дорад. Масъулони совхози Дзержинский бо он танқид карда мешаванд, ки нақлиёти ҷудокардаашон барои бурдану овардани мактаббачагон се моҳи пурраи зимистон кор накардааст. Барои чунин муносибат масъулони хоҷагӣ танқид карда шаванд ҳам, аммо айби волидон низ қатъи назар намегардад. Гилаи муаллиф он аст, ки аз 51 нафар хонандагони деҳаи Шаршар аксаран чоряки гузаштаро бо баҳои «се» ҷамъбаст кардаанд. Муҳимтарин ҷузъиёт дар ин матлаб он аст, ки дар бесавод мондани хонандагон се ҷониб гунаҳкор дониста мешаванд: «Ин ҷо айби муаллимон аст, ки дар талабагон шавқи илмомӯзиро бедор карда натавонистанд, гуноҳи падару модарон аст, ки аз онҳо иҷрои вазифаи хоҷагиро беш аз иҷрои вазифаҳои хонагӣ пурсидаанд, ҷурми муҳит аст, ки ба чунин носозӣ созгор афтодааст» [138]. Т. Хоҷа ҳамчун як шаҳрванди қаторӣ аз шебу фарози рӯзгори халқи одӣ огаҳ мебошад. Андешаву афкори ӯ дар асоси факту далелҳо шакл пайдо мекунад ва мавқеи интиқодии муаллиф ҳалли масъаларо аз масъулони ноҳияву хоҷагӣ қатъиян талаб дорад.

Дар лавҳаи “Баҳори боғча” тараннуми оҳанги иҷтимоӣ суръат пайдо мекунад. Андешаи муаллиф бо он ҷолиб аст, ки оҳанги баъзе ҷумлаҳо бо ишораҳои таҳтонӣ ба дигар масъулону роҳбарон низ роҳи дарёфти муваффақиятро нишон медиҳанд: “Тарбиятгарони асилро дар атрофи худ

гирд овард... Рачабмоҳ вақте ризоияти коллективро таъмин кард, аз пайи бартараф кардани дигар камбуду норасоиҳо шуд” [144]. Барои Т. Хоҷа дар шароити дигаршавии сохти иҷтимоӣ (барҳам хӯрдани низоми сотсиалистӣ) маълум мебошад, ки муваффақияти ҳар як коргоҳ дар навбати аввал ба ғамхории роҳбар ба тобеон вобастагӣ дорад. Муаллиф унсурҳои муфиди тарбияро дар он мебинад, ки агар мураббӣ ва, умуман, омӯзгору муаллим мушфиқу меҳрубон бошад: “...Тарсу ваҳмандозӣ дар фаъолияти онҳо мушоҳида намешавад. Агар мураббия ба кӯдак чун модари ӯгай муносибат кунад, ҳадафи тарбия гум мешавад” [144]. Тӯлқин Хоҷа фарзанди русто мебошад ва ҳама каму костии зиндагии деҳотиёнро медонад. Дар эҷоди ӯ принсипи оммавияту халқияти навиштор хеле табиӣ ҷараён пайдо мекунад. Махсусан, дар масъалаи тарбияи кӯдакону наврасон муаллиф андешаҳои муфиду замонавиро пешниҳод карда, маърифату маънавиёти деҳотиёнро шарти муҳими пешрафт медонад: “Мушоҳидаҳои педагогӣ собит кардаанд, ки кӯдаки боғча назар ба кӯдаки хона дар фарогирии дарсҳои мактабӣ гиротаранд, зеро дар боғча хишти аввали маърифату одамият як лаҳза пештар гузошта мешавад” [144]. Дар ин масъала муаллиф ҷуръату ҷиддият дорад ва боз ҳам ислоҳотхоҳона, бо ҷуръати ба худ хос ба масъулон, соҳибмақомону сарватмандон хитоб мекунад. Аз ҷумла, ибораи “дастҳои дароз” дар худ маънии истеҳзову писхандро низ нигоҳ доштааст: “Бинобар ин аз соҳибони дастҳои дароз хоҳиш мекунем, ки дастгирию пуштибонии худро аз боғчаҳо дареғ надоранд” [144].

Тӯлқин Хоҷа дар солҳои охири ҳаёти худ ба публитсистика бештар рӯ оварда, кӯшиш кардааст, ки назару муносибати худро нисбат ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву фарҳангӣ мушаххас намояд. Дар ин ҷода мавзуоти баррасишаванда аз дидгоҳи ӯ маҳдуд нестанд. Табиист, ки доираи мавзуоти публитсистикаро «...сиёсат, ҳуқуқ, фалсафа, иҷтимоъ, иқтисод, маориф, фарҳанг, адабиёт, кишоварзӣ, ахлоқ...» [78, с.120] ва амсоли ин ташкил медиҳанд, ки чунин мавзуъҳо дар осори адиб кам нестанд. Масъалаҳои фарҳангу маориф дар эҷоди ин адиб бештар ба назар мерасанд, ки ба ҷодаи омӯзгориву шоирӣ робитаи бештар доштани

муаллифро нишон медиҳад. Аз мутолиаи аксар навиштаҳои ӯ дар ин мавзуъ маълум мегардад, ки муаллиф дар ин самт чун ҳамеша аз баёни нуқтаи назари интиқодӣ ҳазар надорад. Мактабу маориф ва унсурҳои манфии дар соҳа ҷойдошта ошкоро танқиду мазаммат карда мешаванд. Махсусан, дар осори назмии адиб ин масъала бо шикваву гилаҳои зиёд мавқеъ пайдо карда, як навъ ҳаҷву истеҳзо боло меравад ва суръати бештари танқидро касб менамояд. Муаллимони камтаҷрибаву фиребгар ба инсофу имон даъват мегарданд. Дар баробари афкори тунди адиб, дар осори ӯ баъзан очерку лавҳаҳое ба назар мерасанд, ки дар онҳо муносибати нармтари муаллиф мушоҳида мешавад. Чунончи, ин хусусият ва мавзуъро дар очерки "Ӯро ҳар субҳу шом интизоранд" [161] баръало дидан мумкин аст. Муқаддимаи он хосияти андешапарварӣ дорад ва фидоӣ будану рӯзгори чандон осуда надоштани муаллимро нишон медҳад: "Маоши муаллим аз таъмини рӯзгори хонаводааш зиёдатӣ намекунад, пасандоз намегардад. Ғайр аз ин ӯ вақт намеёбад, ки ба корҳои дигар шуғл варзад ва фоидае ба даст орад. Танҳо омӯзгоре, ки худро дар роҳи таълиму тарбия фидо карда метавонад, муваффақ мешаваду обрӯ меёбад" [161].

Тавре таъкид гардид, шоир ҳамчун омӯзгоре, ки нозукиҳои соҳаро медонад, аз зиёд гаштани омӯзгорони тасодуфӣ дар мактабҳо ба ташвиш меояд. Ин мавзуъ дар ашъори ӯ хеле ҳассосу назаррас баррасӣ мешавад. Ноҷуриҳои замонро адиб дарк менамояд ва ҷонибдори он аст, ки танҳо омӯзгори асил ба тарбияи фарзандони мардум ҷалб гарданд: "Лаёқатҳоро на ҳар омӯзгор парварида метавонад. Барои парвариши лаёқатҳо омӯзгорони лаёқатнок лозим аст" [161].

Шароити таълиму тарбия дар муҳити деҳот аз назари адиб канор намемонад. Дурии роҳ, синфхонаҳои фарсудаву таъмирталаб, нарасидани китобҳои зарурии таълимӣ, асбобҳои аёнӣ ва чандин ҷузъиёти дигар масъалаҳое мебошанд, ки мазмуни асосии мақолаҳову нигоштаҳои ӯро ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки ин мақолаҳо бештар дар матбуоти ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд. Дар баъзеи онҳо оҳанги изтироб баланд гашта, ашхоси мансабдор ба масъулиятшиносӣ даъват карда мешаванд.

Дар очерки мазкур бошад, ба ин масъала аз паҳлӯи дигар назар андохта, бо ин роҳ дигарон низ ба чунин тарзи коргузориву таълим ташвиқ карда мешаванд: “Тарзи ҷиҳозонидани кабинетҳои фаннӣ, даҳлезу синфхонаҳо ва раванди таълиму тарбия касро ба ҳайрат меорад. Дар гимназия садои шавқуну маҳалле ба гӯш намерасад” [161].

Як хосияти аксар навиштаҳои публитсистии Тӯлқин Хоҷа он аст, ки мавзуъҳоро дар як навъ омехтагӣ баррасӣ менамояд. Дидгоҳи муаллиф аз равзанаи таблиғу ташвиқ сурат гирифта, муҳимтарин дастоварду муваффақиятҳои замони истиқлол зикр карда мешаванд. Ин хусусият дар репортажи “Тараннуми истиқлол дар ноҳия” [158] бештар зоҳир мешавад, ки як ҷузъи онро иттилоъ ташкил додааст. Дар баробари масъалаҳои кишоварзиву саноатии ноҳия баъзе паҳлуҳои соҳаи маориф низ таъкид мегарданд. Пешравию навгониҳои соҳаи маориф, махсусан, сохтмону бунёди макотиби таҳсилоти умумӣ дар ноҳияи Данғара дар давоми даҳ соли охир ба сифати як комёбиву муваффақияти беназир нишон дода мешавад: “Аз соли 2001 то ин дам дар ноҳия 13 мактаби нав бунёд ёфта, 4 мактаб пурра таъмир гардида, 67 мактаб ҳамасола аз таъмири ҷорӣ бароварда мешавад. Дар ноҳия мактабҳою синфхонаҳои дар вагонҳо ва хонаҳои шахсӣ воқеъгардида вуҷуд надорад, ки ин комёбии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар ин самт мебошад” [158] Аз мазмуну муҳтавои дигар навиштаҳои Тӯлқин Хоҷа бармеояд, ки ӯ нисбат ба ниятҳои неки масъулони соҳаи маориф назари хайрхоҳона дорад. Танҳо тавсифу тараннуми якҷонибаи бунёди макотиби миёна асли мақсади муаллиф нест ва дар ҷавоб ба ин ғамхориҳо заҳмату донишандӯзии хонандагон низ ҳамчун фактҳои возеҳу равшан пеш оварда мешаванд: “Соли хониши гузашта мактаббачагони ноҳия дар даври сеюми олимпиадаи фаннӣ ва озмуни байналмилалӣ тариқи фосилавӣ ғайратмандӣ зоҳир намуда, 17 медали тилло, 13 медали нуқра ва 12 медали биринҷӣ ба даст оварданд” [158]. Назар ба таҳлилҳо ва андешаҳои муаллиф, ноҳияи Данғара ҳамчун маркази илму фарҳангу маориф дар ҳоли шукуфоиву пешрафт қарор дорад. Ишораҳои муаллиф дурусту мушаххас мебошанд ва

чӣ тавре имрӯз маълум гардидааст, дар ин ноҳия аллакай чанд муассисаи таҳсилоти олӣ барои омода кардани мутахассисон таъсис ёфтаанд. Бунёдкориҳову заминаи пешрафти ин соҳа дар соли 2011 таъкид гардида, нисбат ба шароити мусоиде, ки барои омӯзгорону мураббиён муҳайё гардидааст, назари нек дорад: “Айни замон корҳои сохтмонӣ дар биною иншоотҳои зерин ба монанди гимназия-интернат барои 640 нафар хонанда, варзишгоҳ дар деҳаи Хуррамзамин, филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, хонаҳои истиқоматӣ барои омӯзгорон, кохи фарҳанг… идома дорад” [158]. Тавре ишора гардид, омехташавии мавзуъҳо дар матолиби Тӯлқин Хоҷа як сифати хоси эҷоди ӯ ба шумор меравад ва муаллиф дар доираи як мавзуъ маҳдуд боқӣ намемонад. Дар гузориши мазкур асли мақсад хабар додан дар бораи рухдоди маълум бошад ҳам, аммо доманаи андешаҳои муаллиф аҳаммияти масъалаҳои гуногунро нозукона нишон додаанд. Чунончи, публитсист бо баёни каломи образнок заҳмати аҳли фарҳангро дар тарбияи ҷомеа ба таври зерин нишон медиҳад: “Лаҳзаҳои ибратбахши дирӯзу имрӯзи соҳибистиқлолии мардуми тоҷик бо забони савту соз, базму бозиҳои ҳадафнок ва нақшофариҳои муассиру ҳунармандона баён гардида, ба ҳозирин ҳаловати руҳию кайфияти маънавӣ бахшид” [158].

Агар аз осори матбуотии адиб каме фаротар равем, маълум мешавад, ки Т. Хоҷа дар қолаби назм масъалаҳои мазкурро (ҳамчун воқеияти замон) таъсирбахштар ифода карда тавонистааст. Ин ҳамон мушоҳидаҳоест, ки ӯ дар зиндагии ҳаррӯза барои худ ҳосил карда, ба хонанда тариқи шеъри иҷтимоӣ ҳақиқати замонро ҳикоят намудааст. Дар баъзе мавридҳо тариқи назм баёни эҳсос барои ӯ нисбат ба наср (навиштаҳои матбуотӣ) амиқтару равшантар аст. Пешаи омӯзгорӣ як унсуре дар баланд гардидани олами маънавии ӯ мебошад. Ӯ як омӯзгори бидуни тамаъ буд, ки холисона ба фарзандони мардум дониш омӯхтааст ва дар ин роҳ зиндагии фақиронааш монеа нагардидааст. Ба андешаи муҳаққиқон, ҳалолу покиза зистанаш ӯро бо руҳияи маънавӣ маҳбуби атрофиён гардонидааст: “Тӯлқин Хоҷа шоире буд, ки ошёнҳои баландро орзуву ҳавас накардааст ва дар талоши худро аз

минбарҳо муаррифӣ кардан нагаштааст. Ӯ шоири ботавозӯъ ва фурӯтане буд, ки як умре пешаи омӯзгориро канор намегузорад. Ӯ бо «даву тоз» умре нон хӯрдааст ва «ҳаваси суфра»-и пурнози касеро накардааст:

Бо даву тоз хӯрдаам ноне,
Аз пас бачаҳои алвоне.
Вақти хӯрдан нахӯрдаам, аммо
Ҳаваси суфраи дигарҳоро» [127].

Пешаи омӯзгорӣ сабаб гардидааст, ки адиб дар таҳқиқи воқеияти зиндагӣ ва омилҳои фарогири он бештар муваффақ бошад. Дар кӯчаҳои деҳаву дар мактаб ҳамеша ҳамроҳи мардум аст. Сатҳи маърифату маънавиёти одамонро хуб дарк карда метавонад ва ба ҳасудони ҷоҳилу табоҳкор муроҷиат менамояд, ки пешаи омӯзгориро ба гирдоби нафсу ҳирс кашидан камоли ҳамоқат аст: «Зиндагиву шиори адиб ибратомӯз аст ва ӯ аз сухани оташин ҳазар надорад. Муқобилати худро алайҳи ғаразҷӯёну ҳарисону ҳасудон ошкоро баён медорад ва хиёнат ба касбу пешаро мазаммат менамояд:

Ҳамчу баднафс як ҳунарпеша
Пешаамро накардаам пеша.

Ҷуръати хоси адиб дар пайроҳаи назми иҷтимоӣ имрӯзу гузаштаро қиёс менамояд ва боиси афсӯси шоир аст, ки имрӯз дар ниҳоди мо садоқату вафодории комил нисбат ба омӯзишу тадрис вуҷуд надорад. Муаллиф ҳамчун муаллим аз рӯзгору манзалати гузаштаи омӯзгорон огаҳ аст:

Ин замон онзамона ориф ку,
Минбари мактабу маориф ку?» [127].

Т. Хоҷа дар абёти алоҳида аз мавҷудияти унсурҳои буҳрони маънавӣ ишора карда, ҳамчун ҳушдор аз дурнамои тақдири тираи ҷомеа ҳарф гуфта тавонистааст. Ҳам дар назм ва ҳам дар насри адиб нисбат ба ин масъала таҳқиқи ҷузъиёти воқеии ҳаёт афзалият пайдо менамояд. Барои ӯ мактабу маориф ҷавҳари таҳкими маънавиёт мебошад ва боиси надомату изтироби муаллиф аст, ки баъзе ашхоси тасодуфӣ тақдири мактабу омӯзиши ахлоқро ба дӯш гирифтаанд. Ин ҷузъиёт низ аз назари

муҳаққиқони назми ӯ дур қарор намегирад: «Адиб аз «устодҳои саркӯфта» ёд мекунад, ки имрӯз бо иллати набудани онҳо «фазилати мактаб» ва «фаросати мактаб» аз даст рафтааст. Ифодаи «кӯчапарварда»-и ӯ дар замоне гуфта шудааст, ки дар диёри ӯ ҳамдигарнофаҳмиву ҷаҳолат домани густурда дорад. Нигарониву дурнаморо ташхис намудани адиб бо оҳанги махсус дар ин мисраъҳо дида мешаванд:

Устодони кӯчапарварда
Дарсҳоро аз они худ карда.
Кӯдаконро хирад биёмӯзанд,
Машъали маърифат биёмӯзанд» [127].

Умуман, аз таҳқиқу таҳлили осори публитсистии адиб бармеояд, ки дар баррасии масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва маърифатию фарҳангӣ Т. Хоҷа, пеш аз ҳама, як мушоҳидакори воқеъбаён аст. Ҷонибдориву ҳамовозӣ аз сиёсати кунунӣ дар осори матбуотияш то ҳадде хусусияти умумӣ пайдо намояд ҳам, вале ӯро баёни ҳақиқат ором намегузорад. Муаллиф аз баёни фикри танқидиву ошкоро ҳазар надорад ва ин сифат дар навиштаҳои даврони шуравии адиб равшантар ба назар мерасад. Ҳамчун омӯзгор аз проблемаву дастовардҳои соҳаи маориф аз наздик воқиф мебошад. Дар такя ба ҷустуҷӯву пажуҳишҳо маълум гардид, ки навиштаҳои матбуотии адиб чандон зиёд набуда, ҳамагӣ 29 ададро ташкил медиҳанд. Ҳамин ҷиҳат аст, ки дар навиштаҳои матбуотии адиб ин масъалаҳо то ҳадде маҳдуд боқӣ монда, баёни возеҳтару фарохтари он дар назми иҷтимоии ӯ амиқтар мешавад, ки ин масъала дар қисмати дигари таҳқиқ баррасӣ мешавад.

БОБИ 2
БОЗТОБИ АВЗОИ ЗАМОН, МУАММОҲОИ ҲАЁТ ВА ҲАҚИҚАТИ ЗИНДАГӢ ДАР НАЗМИ ИҶТИМОИИ АДИБ

Аз мазмуни баъзе тақризҳо ва ҳамзамон осори манзуми Тӯлқин Хоҷа бармеояд, ки ӯ, пеш аз ҳама, тавассути андешаву афкори амиқи иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хонандаи умумро ҷалб кардааст. Назари интиқодӣ ва муносибати тунду сард алайҳи нобасомониҳову но адолатиҳои замон дар аксар ҳолатҳо дар шеърҳои ӯ оҳанги публитсистӣ пайдо мекунанд. Ифодаҳову тасвирҳои адиб зиндагии рӯзмарраи одамонро дар бар гирифта, набз ва оҳанги рӯзро баррасӣ кардаанд. Аз назари Т. Хоҷа масъалаҳову ҷузъиёти зиёди зиндагӣ дур намондаанд ва таркиби ашъори ӯро шарҳу тавзеҳ ва хулосаву ҳукмҳои возеҳ ташкил додаанд. Мавзуъҳои сиёсиву ватандӯстӣ, мактабу маориф, фарҳангу маънавиёт, иқтисодиёту кишоварзӣ ва ғайра дар назми иҷтимоии ӯ мавқеи назаррас дошта, ҳар кадоми он хонандаро ба қазоват даъват менамояд. Тавсифу таърифи чеҳраҳо ва интиқоду танзи онҳо дар осори ӯ якҷониба нест ва маҳорати хоси адиб аст, ки дар ҳошияи симоҳои мусбату манфӣ марому ҳадафро хеле нозукона матраҳ менамояд.

2.1. Инъикоси масъалаҳои ватандӯстӣ ва тараннуми дигар оҳангҳои иҷтимоӣ

Назми публитсистӣ дар доираи баёни воқеияти ҳаёт яке аз воситаҳои муҳимми тараннуми оҳангҳои иҷтимоии замон ба ҳисоб рафта, ба ҳар як адиби иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки мавқеи мушаххаси худро зоҳир намояд. Шеъри публитсистӣ дар ботини худ воқеиятро мепарварад ва ин муҳимтарин қимати он аст.

Адибони муосир ин навъи назмро ривоҷ дода, тавассути он дар тарбияи ҷомеа ва таблиғу ташвиқи идеологияи замон саҳм гузоштаанд. А. Маниёзов ҷиҳатҳои оммавияту халқияти ин навъи назмро ба инобат

гирифта, масъалаи “дахолати фаъолонаи нависанда ба ҳаёт” [62, с.71]- ро ба миён мегузорад, ки дар шинохти ин навъи назм беҳтарин нишондод аст, яъне чунин назм ба монанди ҳамаи жанрҳои публитсистӣ набзи ҳаётро ифода карда метавонад. Чунин шеър бо назардошти оҷилияту фарогирии авзои рӯз навоқиси кам надошт ва он доираву қолабҳои назми классикиро зери таъсири гуногун қарор дод. Каломи мавзуни оламгир ба гуфтори одии кӯчагӣ табдил ёфта, нафосату таровати назми баландпояи классикӣ то ҳадде дар канор қарор гирифт. Муҳаққиқ А. Саъдуллоев ин ҳолату равандро ба назар гирифта “...сурудҳои навпардозона ва каламоти кӯчагию ибораҳои истеҳсолии фабрикӣ» [101, с. 8]-ро бохти аслии ин навъи назм мегӯяд. Муҳаққиқ М. Муродов дар такя ба қавли А. Саъдуллоев назми публитсистии М. Турсунзодаро зикр намуда, дар ин гуна осор бадеият ва сифати шеъриро дуюмдараҷа медонад: “...шеърҳои давраи аввали эҷодиёти М. Турсунзода дар бадеият, шеърият нисбатан суст бошанд ҳам, онҳо руҳияи баланди публитсистӣ доранд” [72, с. 87]. Назми публитсистиро ҷараёну анъанаи танҳо ду асри охир номидан чандон саҳеҳ нест. Дуруст аст, ки пайдоиши матбуот дар рушди он мусоидат кардааст, вале корбасти ин навъи назм барои ифодаи воқеияти замон таърихи садсолаҳоро дошта метавонад. Руҳияи оммавию воқеъгароёнаи чунин назмро муҳаққиқон А. Қутбиддинов ва Ҷ. Раҳмонова ба инобат гирифта, қасидаро яке аз намунаҳои назми публитсистӣ мегӯянд ва дар ин самт доираҳои дигари жанриро мункир нестанд: “Чунин ба назар мерасад, ки дар гузашта қасидаҳо таъйиноти хоси публитсистӣ доштаанд. Айнан чунин хосияти жанри қасидаро мо дар мақолаҳои публитсистии имрӯза дида метавонем. Дар қолабу чаҳорчӯбаи дигар жанрҳое чун фироқия, қисса, катиба, талмеҳ, солномаҳо, тазкираҳо ва монанди он ки дар равиши назм эҷод шудаанд, хоҳу нохоҳ тантанаи оҳанги иҷтимоиро пайдо карда метавонем. Дар ҳар яке аз онҳо муаллифони маълуму номаълум дар пояи мавқеи хос андешаи хоси худро баён карда, ҳақиқату воқеияти замони муайянро ишора кардан мехоҳанд” [58, с.88]. Дар ҳақиқат, ин гуна назм берун аз воқеият нест ва дар тинати худ ишораву таъкид ба ҳақиқати

рӯзгор менамояд. Ин гуна назм иттилоъ медиҳад, огаҳ месозад ва аз таблиғу ташвиқу танқиди муайян иборат мегардад. Агар дар гузашта матбуот вуҷуд надошту минбаре барои адибон муҳайё набуд, пас, то андозаи имкон дар қолабҳои жанрии достон, марсия, мадҳия, фироқия, қисса, катиба, талмеҳ, солномаҳо, тазкираҳо ва амсоли ин муаллифон аз ҳақиқати муайяне ҳикояту ишорат карда тавонистаанд. Пардози бадеӣ ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз барои ин навъи назм бегона нест ва ба маҳорату завқи шоирии ҳар як адиб вобаста аст, ки то кадом андоза аз баёни муассири бадеӣ истифода карда метавонанд. Шеъри публитсистӣ маънои онро надорад, ки дар он ҳунари ифодаи тахайюлу бадеият заиф бошад, тасвирҳои шоиронаву ҳунармандона ба василаи истифодаи масоили иҷтимоъ дар шеъри шоирони муосир зиёд ба чашм мехӯранд, ки далели вуруди бемайлони иҷтимоиёт ба шеъри замони нав аст.

Публитсистика бо дахолат ба масъалаҳои иҷтимоӣ метавонад, ки нисбат ба тамоми мавзуоти рӯз назари хоси хонандаро ба вуҷуд оварад. Ин мудохила ҳеҷ гоҳ маҳдуд нест ва муайянкунандаи неруи публитсистикаи асил ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ ин асолат созандаи саҳифаҳои воқеиву шаффофи таърих мешавад ва имкони инкору таҳрифи ин саҳифа хеле душвор аст. Манзур он аст, ки ба таъбири муҳаққиқон объекти фарогирии публитсистика васеъ аст ва нест соҳае ки ба он публитсистика кор гирифта натавонад. Маҳз бо ин рисолат хазинаи таърихи воқеияти ҳаёт шакл пайдо карда, эътимоднокии навишта меафзояд, зеро бойгониҳои таърих ҳеҷ гоҳ дар пояи тахайюлу офаринишҳои бадеӣ устувор нест ва ҳамчун илм аз оғози пайдоиши худ ба суроғи воқеият рафтааст. Албатта, адабиёт низ дар пояи ҳақиқате аз зиндагӣ ташаккул меёбад ва ҳар як асар дар оғӯши пурнақшу нигоре воқеиятро таҷассум менамояд. Андешаи «…ба раванди воқеоти рӯз таъсир гузоштан…» [58, с. 110]-и шоир пайванде ба ҳақиқат доштани адабиётро собит менамояд. Яке аз шохаҳои фарогирандаи сабтномаҳои таърихӣ дар публитсистика назми иҷтимоӣ дониста мешавад. Дар назми иҷтимоӣ низ ҳар як адиб ҳадаф ва мавқеи мушаххас дорад ва аз марзҳои ҳақиқат ба ҷомеа калом мегӯяд. Бо ин роҳ

мавқеи ӯ дар ҷомеа муайян гардида, масъалаи умдаи рӯзгор ба майдони андешаву қазоват кашида мешавад. Мазмуну моҳияти иҷтимоии назми имрӯза бештар қимати заҳмати адибонро нишон дода, то андозае унсурҳои таблиғу ташвиқро фаро мегиранд. Муътақидсозиву боварбахшӣ аз ҷониби адиби воқеъгӯ аксар масъалаҳоро дар дараҷаҳои мухталиф барои хонанда ошкор менамояд. Ин гуна эҷодкорон дар замони шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ тавонистаанд, ки назари воқеии худро ба зиндагӣ зоҳир намоянд. Тӯлқин Хоҷа аз зумраи ҳамин гуна адибон аст, ки як мавзуъро дар андозаҳои мухталиф барои хонанда хулосабахшу хотирмон пешниҳод карда метавонад.

Мавзуи обу ободии ватан дар эҷоди ӯ мавқеи меҳварӣ дорад. Шоир дар маконе тавлиду камол ёфтааст, ки дар он диёр норасоии об ба назар мерасад. Аммо саршор будани ватани паҳновараш аз обҳои ширину тоза дар тасаввури ӯ ин навоқиси ночизро маҳв месозанд. Тӯлқин Хоҷа мафтуни зебоиҳои табиати диёри худ мебошад ва ин зебоиҳо ҳатман пайванде ба об доранд. Адиб макони обҳои тозаву софу ширмонанд будани ватани худро дар шеъри «Тоҷикистон бошад» чунин нишон медиҳад:

«Ватане, ки ватани боғу баҳорон бошад,
Ватани чаҳ-чаҳаи сулсулу сорон бошад…
Ватане, ки ватани шаршараҳои ширист,
Ватани мазрааву манзараҳои серист» [167, с.7].

Тӯлқин Хоҷа аз зумраи адибоне мебошад, ки ҳамаи зебоиҳову шукуфоиҳои Ватанро аз кӯчаву талу теппаҳои деҳааш мебинад ва он барои шоир нахустзинаи шинохти ватан мебошад. Адиб ҳамон як эҳсосеро, ки дар қолаби жанрҳои бадеиву публитсистӣ меғунҷанд, дар риштаи назм бо эҳсоси боз ҳам баландтар ҷо кардааст. Ин ҳама нишон аз муҳаббат ва садоқати бепоёни шоир ба Ватан ва ҳар пораи хоки он мебошад. Ифодаҳои “ватан” ва “Тоҷикистон” дар баёни фалсафӣ воқеияти рӯзро тараннум менамоянд, ки баъзан оҳанги васфу шиорро низ касб менамоянд. Шоири

ватандӯст бо шӯру шавқ дурахши хуршеди тобони миллатро ба риштаи назм кашидааст:

Ватане, ки ватани сарвати инсонии мост,
Ватани салтанату савлати инсонии мост,
Ватани тантанаи қисмати инсонии мост,
Тоҷикистон бошад» [167, с.7].

Дар шеъри мазкур маърифату худогоҳии шоир зоҳир гардида, дар олами ботинии ҳар як ҳамватан эҳсоси ватандӯстиро бедор менамояд. Дар ҳар як мисраъ садои даъват баланд аст ва хонандаро ба олами худшиносӣ роҳнамоӣ менамояд. Дили саршор аз муҳаббати шоир бо таъкид ба хонандаи хеш мегӯяд, ки ин ҳамон ватанест, ки азизони гузашта диди муҳаббат ба ӯ андӯхта, ба олами афсонаву муъҷизоти асрораш қоил гардида, аз муҳаббат дар синаҳо фирдавси барин сохтаанд. Пас, ҳамин диёри афсонавӣ, ки ҳар талу теппаи он шоҳиди ҳазорон Золи Зару Рустамҳост, Тоҷикистон аст. Шеъри иҷтимоии Тӯлқин аз накҳати муаттари гулу гиёҳ, абру борон ва Хуршеду ситоразори самои деҳи Пушинг (зодгоҳи адиб) сарчашма гирифта, диққати хонандаашро ҷалб месозад. Дар мисраъҳои боло ибораи «шаршараҳои ширӣ» тасвири шоирона бошад ҳам, аммо дар он андешаҳои мантиқии адиб матраҳ аст. Ӯ дар бораи обҳои софу пурқимати диёри худ бо ҳарорат ҳарф задан мехоҳад, ки мавриди таваҷҷуҳи ҷаҳониён гаштааст. Об барои адиб фалсафаву ҳикмат дорад ва таровати боғу баҳорро ба файзи обу борон вобаста медонад. Боғу баҳор дар тасвирҳои шоиронаи ӯ ба як муродифи дигари об табдил меёбанд. Дар ҳамин шеър дар домани воқеияти бепарда ҳақиқати воқеиву мавҷудбудаеро дар мавриди обҳои шифобахши Тоҷикистон таъкид менамояд. Дар мисраи аввал андешаи қатъии адиб чун ҳукму хитоб ба назар расида, пайванди мантиқӣ марому ҳадафи минбаъдаи ӯро ифода кардаанд. Бо об робита доштани унсурҳои дигари зиндагӣ зикр

мегарданд ва аз забону дили халқ сухан гуфтан мехоҳад. Шоир он чизеро дар риштаи назм даровардааст, ки онро дар гуфтори одии мардумон дидан мумкин аст. Онро ҳамарӯза рӯзноманигорону шореҳон мегӯянд:

«Ватане, ки ватани обҳои шифо бошад,
Ватани гулбуну гулбарги давоҳо бошад,
Ватани исавии обу ҳавоҳо бошад,
Тоҷикистон бошад» [167, с.7].

Барои Т. Хоҷа шеър аз оғоз то анҷоми ҳаёт садои дарди дили ӯву ҳамватанон аст. Дар назми ӯ ҳамон мазмунҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар мақолаву очерку фелетонҳои алоҳидааш вуҷуд доранд. Албатта, бадеият ва хосияти лирикии гуфтори адиб дар шеърҳои пойбанди тахайюлии адиб кам нестанд. Васфи ишқу муҳаббат ва зебоиву лутфи ёр қисмати муайяни осори Т. Хоҷаро ташкил диҳанд ҳам, аммо қисмати бештари ашъори ӯро офаридаҳое ташкил медиҳанд, ки равзанаи нигоҳи адиб ба ҳақиқати зиндагӣ мебошанд. Ба андешаи муҳаққиқон, ин гуна ашъори Тӯлқин тараннуми дард ва ҷустуҷӯи роҳи мушкилоти ҳаётӣ мебошанд: “Шеърҳои «Гулбоз», «Чашми мардум», «Илтиҷо», «Сағира», «Хоҷа», «Кӯҳистон», «Фотиҳа», «Бекас», «Дӯзах», «Оби ҳаёт», «Офтоб», «Меҳрубон», «Сирри халқ», «Синдбод», «Тарсу», «Баҳор» ва як қатор рубоиёту дубайтиҳо ба мазуъҳое бахшида шудаанд, ки дар оҳангу мазмуни онҳо симои нафари дар гиру дорҳо, дар набард қарордоштаро беихтиёр тасаввур намудан мумкин аст. Ӯ шоири на ганҷ, балки ранҷҳо буд. Бадро беибо бад мегуфту шеъраш ба мисоли позаҳр дар олами хаёлҳои сияҳгун ҷараёну пайроҳа меҷӯяд” [127]. Тӯлқин Хоҷа адибест, ки воқеияти зиндагиро бепарда мебинад ва барои ӯ дар бештари мавридҳо тамаллуқ ва маснадҷӯй унсури бегона аст. Шоирест, ки дар ҳама гуна навъи эҷод аз паи ҳақиқат рафтааст. Хеле кам ҳарос дорад ва унсурҳои манфии ҳаёти ҷомеаро интиқод менамояд. Шояд дар рӯзномаи ноҳиявӣ фаъолият кардани ӯ сабаб гаштааст, ки руҳи иҷтимоии осораш дар пояи баландтар

қарор гирад, зеро дарду ранҷи ҳамватанро аз наздик мебинад ва дар домани ҳар як мавзуъ худро пайдо кардан мехоҳад. Дар шеъри «Гулбоз» [167, с.8] ифодаи дарё хосияти лирикиву фалсафӣ касб менамояд. Корбасти он барои баёни дарду ранҷи адиб мусоидат кардааст ва набзи ҳаёти адиб дар заминаи назораву мушоҳидаи мавҷи дарё ҳамнаво гардидааст:

“Ҳамчу дарё шудаам дар дили худ бетоқат,

Ҳамчу дунё шудаам дар гили худ бетоқат” [167, с.8].

Дар мисраъҳои боло калимаҳои обу гил тазод мебошанд ва адиб бо пайванди мантиқӣ хонандаро ба олами равонии афкори худ андармон месозад. Чунин ҷараёни фикр дар шеъри «Оби ҳаёт» [167, с.44] низ ба назар мерасад, ки шоир вожаи “об”-ро чун як суханбозии маҳз истифода карда, ҳамзамон обро неъмати бебаҳо нишон додааст, ки онро ҷузъе аз ташвиқу тарғиб гуфтан мумкин аст, зеро зодгоҳи адиб ташнаи об аст ва сероб гардидани онро таъкид менамояд. Аксар вақт нависандагону шоирон ба об чунин тавсиф мебахшанд, ки ин неъмат муҷиби ҳаёти инсон дар рӯи замин аст. Ин воқеият аст ва шоир ин воқеиятро дар олами тахайюли зебо таҷзия карда тавонистааст.

Т. Хоҷа ватану диёрро бо неъматҳои фаровонаш мешиносад. Дар шеъри «Гулзори Ирам» [167, с.45], ки ба васфи деҳаи Пушинг бахшида шудааст, таровати обу шаршараҳои диёри ӯ ҷилои хос доранд. Мутолиаи ин гуна абёт бори дигар собит менамояд, ки, дар ҳақиқат, воқеият муҳтоҷи обуранги бадеӣ нест ва дар ин ҷода бепарда сухан гуфтан мувофиқи матлаб мебошад. Манбаи илҳоми шоир мушоҳидаҳои фараҳдори ӯст. Фарозу шеб ва талу теппаву дараҳои деҳаи шоир роҳатафзост. Дар олами тасвирҳои бадеии шоир шамолу насими форам низ дарёст. Дарёи шамол ва дарёи оби зулол дарёфти пурқимати шоиронаи адиб аст. Муаллиф панорамаи манзараҳои деҳаи зеборо хеле хуб офаридааст. Дарё, зулол, ҷорӣ ифодаҳои муродифмаънои адибанд, ки ҳамчун маънии дигари вожаи “об” мақсади ӯро возеҳ гардонидаанд:

“Аз як дарааш ҷорӣ,

Дарёи шамоли вай.

Аз як дарааш ҷорӣ

Дарёи зулоли вай” [167, с.45].

Тӯлқин Хоҷа баёни содаву урён дорад ва хеле зебо дар баёни ҳадаф муваффақ мебошад. Барои ӯ ифодаҳои шоирона дар баён кардани ҳақиқатҳои зиндагӣ монеа нестанд. Шукуфониву сарсабзии деҳаҳои Шаршара ва Ғарғараро бо об тавъам менамояд ва хонанда бидуни мушкилӣ пайхас менамояд, ки муҷиби номгузории ин деҳот ганҷинаи ҳаёт – об мебошад. Шоир дар тавсифу таҳнияти деҳаи худ – Пушинг ҳимматбаланд аст. Шояд дар деҳаи ӯ об на ба он андозае бошад, ки дар он моҳӣ шино намояд ва ҳамин аст, ки дар баъзе мисраъҳо мазмунҳо духӯра мешаванд Аммо ҳиммати баланди адиб аст, ки аз як ҷӯи вуҷуднадошта низ моҳии тиллоро меёбад. Ҳамзамон офату харобиҳо дар пайкари диёраш аз назар пинҳон намемонад, ки ин ҷузъиёт низ воқеият мебошад.

Об ободӣ аст, аммо дар баробари ин об қудрати харобкориро низ дорад. Аз бемасъулиятии роҳбарон чораҳои эҳтиётӣ аз офатҳои табиат андешида нашудаанд. Дар кишвари мо омадани сел ва харобкориҳои он ҳодисаи муқаррарӣ мебошад. Ин ҳолати ташвишовар низ аз назари адиб дар канор намондааст ва то ҳадде оҷиз будани инсонро дар муқобили табиат бозгӯ менамояд. Шоир аз ин харобкориҳои селобҳо (воқеаи Саргазон) азият дорад. Киштаҳои деҳаи ӯро ҳар сол сел шуста мебарад. Ин ҳаводиси табиатро ба фалсафаи махсуси дигар дар шеъри «Русто» [167, с.14] чунин ташреҳ медиҳад:

“Ҳар сол кору кишти туро сел мезанад,

Раҳҳои сарнавишти туро сел мезанад.

Як пуштае зи паҳлуи ту канда мешавад,

Як муттакои некуи ту канда мешавад” [167, с.14].

Т. Хоҷа аз оғоз то анҷоми умр аз ростгӯиву ҳақиқатҷӯиҳо зери бори маломату таъқибҳо қарор дорад. Ҳам дар мақолаҳои публитсистӣ ва ҳам дар назми иҷтимоӣ аз гуфтани ҳақиқат худдорӣ накарда, ин рафтораш муҷиби азиятҳо аз ҷониби масъулону мақомдорон низ будаанд. Дар баёни мушкилоту ранҷи халқ истиҳола надошту дар маҳфилҳову ҷаласаҳо бо ин

гуноҳаш танқид мешунид. Саҳифаҳои алоҳидаи тираи ҳаёти адиб ба ҳамин унсур робита дорад, ки ӯ аз таъқибҳову таҳдидҳо рӯзгори чандон ором надоштааст ва чунин ҳолат дар замони шуравӣ бештар эҳсос мешавад. Чунин авзои Т. Хоҷаро адиби ҳамзамону ҳамдиёраш М. Ғоиб хеле амиқу нишонрас нишон дода, дарди шеъру меҳри дарди рӯзгори адибро дар ҷое чунин гуфтааст:

«Дарди нодории халқи хешро
Хубтар аз ту қаламдоре нагуфт.
Хӯрдӣ аввал аз замон ин нешро,
Ҷуз ту ин савдо харидоре нагуфт» [168, с.452-454].

Дар гуфтори Т. Хоҷа ҳама баёни ҳадаф урён сурат мегирад ва дар ифшои ҳақиқат рамузбаён нест. Дар таъкиди бевоситаи адиб ҳақиқатгӯӣ шиори зиндагии ӯст. Дар ин ҷода ӯ танҳоӣ мекашад, вале устувории ӯ дар муқобили ҳама мачро ба назар мерасад. Шебу фарози роҳи ҳаёт ва набзи ҳаёти иҷтимоиро таҳлилу баррасӣ карда метавонад ва дар бархӯрдҳо бо нотавонбинону ҳасудон ҳаросе надорад. Дар шеъри «Кавдан» [166, с. 45-46] бо ифодаҳои бадеӣ душманону рақибон барояш аз рӯбоҳе беш нестанд ва аз дӯстону ҳамсафон низ гила дорад, ки бинобар ҳақиқатпарастии шоир худро дар фосила қарор медиҳанд:

«Берун зи хатти рости рафтан наметонам дигар,
Берун зи ҳадди рости гуфтан наметонам дигар.
Қолаб гирифта пои ман дар мехкӯби рости,
Қолаб гирифта лои ман дар чорчӯби рости.

Он сон гурезон мешавад рӯбаҳ зи шери рӯирост,
Дар мурда пинҳон мешавад зинда зи тири рӯирост.
Тӯрида аз ман ҳамсафон дар сирри худ пинҳон шаванд,
Кебида аз ман ҳамсафон дар зери худ пинҳон шаванд» [166, с. 45-46].

Дар шинохту васфи муҳаббати ватан Тӯлқин Хоҷа танҳо бо васфи деҳаи худ маҳдуд боқӣ намемонад. Ӯ дар ақсои ҷаҳон, махсусан, тариқи минбарҳои баланд каломеву паёме аз таҳаввулу пешрафти ватану диёраш

шунидан мехоҳад. Лабташнагони обро бо тасвири баланд ҷасуру қобил ба қалам медиҳад. Воқеияти замон адибро андармон месозанд ва он нуқта боз ҳам возеҳтар мегардад, ки, дар ҳақиқат, публитсистика воситаи устувори пайванд сохтани адиб бо зиндагӣ боқӣ мемонад. Ин тамоюл дар эҷоди адиб ҳамеша назаррас мебошад. Дар шеъри «Кӯлоб» [167, с.11] ифодаҳои «селоб» ва «лабташнаву хунташна» ҳақиқатҳоеро аз нангу номуси халқ ишора менамояд:

“Кӯлоб гузаштанашаванда кӯҳест,
Кӯлоб шикастанашаванда руҳест.
Кӯлоб ба лабташнаи худ кӯлоб аст,
Кӯлоб ба хунташнаи худ селоб аст” [167, с.11].

Дар шеъри «Падар» [167, с.20] ба рӯзгори мушкили гузаштаи падарон менигарад, ки аз об танқисӣ доштаанд. Мавриди зикр аст, ки шеъри мазкур бори нахуст соли 1988 бо ҳамин унвон дар саҳифаҳои нашрияи “Адабиёт ва санъат” (31 март, №13) ба нашр расидааст. Баъдтар он дар китоби “Хоки баланд” ва “Куллиёт”-и муаллиф бознашр гардидааст, ки чандон такмилу тағирёфта ба назар намерасад. Ба истисноии баъзе ҷузъиёти имлоӣ дар ҳамон ҳаҷму шакли матбуотӣ дар саҳифаҳои куллиёти муаллиф ҷои худро ёфтаанд. Ин гувоҳи он аст, ки ҳанӯз дар овони сисолагии худ Т. Хоҷа як адиби соҳибсухан мебошад. Дар шеъри мазкур муроҷиат ба саҳифаҳои таърихӣ паҳлуҳои тираи шебу фарози ҳаётро нишон медиҳад. Ташнагии одамонро хеле пурсӯзу гудоз ба қалам медиҳад. Он чизеро гуфтан мехоҳад, ки дар саҳифаҳои таърихи гузашта барои фарзандон чун сабақ боқӣ мондааст. «Гиреҳи ташнагӣ дар нафаси одамон» ибора ва ифодаи фалсафии адиб аст, ки хонандаро ба андеша водор менамояд:

“Мезад гиреҳи ташнагӣ анфоси одамин
Сӯзан ба пардаи асабаш шамси оташин.
Бӯи хуши Душанбеи навкора буд бадал
Бо бӯи нохуши арақу шушаи ҷадал.
Бар дӯш машки обу ба лаб васфи оби рӯд,

Барканда пои ман зи дари русҳо набуд.

Онҳо, ки оби машки ятимон харидаанд,

Ҷони сағираҳои парешон харидаанд” [167, с.20].

Тӯлқин Хоҷа фарзанди содиқи деҳа аст ва дар деҳа дар кори саҳрову талу пуштаҳо наврасиҳову ҷавониҳои худро гузаронидааст. Тору пуди ҳаёти рустоиҳоро амиқан хабардор буда, устухонаш дар меҳнат сахт гардидааст. Касеро об додану ҷӯй канда овардан дар миёни мардумони мо кори савоб дониста мешавад. Аҷиб аст, ки адиб ба кадом як тиҷорати об ишора мекунад ва барои ӯ бетафовут аст, ки нафаре дар ин кор ҳарис аст. Ба ин масъала назари лоқайдона дорад. Ӯро бештар амали савоби об додан мутаваҷҷеҳ кардааст. Обёрӣ кардани як замини хушкидаро баробари фараҳ овардан дар хонаи як дил медонад:

Бар қасди музди бештаре беш дода об,

Беш аз сағираҳои дигар кардаам савоб.

Обикунии бодия бисёр мушкил аст,

Мушкилтар обӣ кардани як гӯшаи дил аст.

Хайрият, оби ҷӯй пасанда намешавад,

Асло ҷуз оби рӯй расанда намешавад.

Бе кас ҳам оби ҷӯй тавонад ба кас диҳад,

Он кист оби рӯю қаноат ба кас диҳад” [167, с. 20].

Муаллиф фарди меҳандӯстест, ки алорағми роҳбарони каммасъулият ватану зодгоҳи худро сарсабзу пешрафта дидан мехоҳад ва чун як публитсисти мушаххасбаёну соҳибмавқеъ роҳи ҳалли мушкилоту муамморо пешниҳод менамояд. Бояд зикр кард, ки обу ободонии диёр дар назми Тӯлқин Хоҷа мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар мадҳ ва тавсифи ин неъмат адиб аз равзанаҳои гуногуни андеша менигарад. Дар шеърҳои «Роғун», «Бозии ишқ», «Оби ҳаёт», «Саҳрои кабир», «Санг» ва монанди он ба ин мавзуъ назари гуногун дошта, мафҳуми обро дар баёни ҳадафҳои гуногун моҳирона корбаст менамояд. Ифодаҳои шустан, баҳр, борон, дарё, чашма, шаршара, ҷӯй, рӯд, сел, зулол ва ғайра ҳар кадом барои ифодаи мақсади адиб созгор мешаванд.

Асрҳо боз каломи (осори) воқеъгароёна дар шаклҳои гуногун – публитсистика, адабиёт, кино, театр, санъатҳои рассомӣ, карикатураҳо, нутқу маърӯзаву мавъизаҳо ва амсоли он вуҷуд дошта, ҳатман ба доираи тафаккури ҷомеа таъсир бахшидан мехоҳанд. Дар ин роҳ қолаби муайяни назм шакли классикитарини публитсистика ба ҳисоб меравад ва то ҳол новобаста ба ташаккули бесобиқаи намудҳои гуногуни ВАО рисолати бузургеро (даъват, шиор, таблиғ, ташвиқ, муътақидсозӣ ва ғ.) ба дӯш дорад. Гузаштаи ҷомеаи башарӣ низ ниёз ба таҳаввул, таҷдиди афкор дошт ва ба иллати набудани минбарҳо дар қолаби назм баён кардани ҳадафу андешаҳо фавритару бештар ба омма таъсиргузортар ба назар мерасанд. Дар шароити имрӯза ин омил равшану маълум собит намудааст, ки тариқи назм тавсифу таблиғ мақсадноктар аст. Чунин ба назар мерасад, ки як зуҳуроти нисбатан нигаронкунанда нисбат ба шеъри публитсистии имрӯза он аст, ки таваҷҷуҳ дар чанд соли охир ба он ҷиддӣ набуда, намунаҳои нав ба нави васоити иртиботӣ ин таваҷҷуҳро маҳдуд гардонидаанд. Мазмун ва моҳияти иҷтимоии назми имрӯза бештар фарогири фазои воқеии ҳаёт будан мехоҳад. Муътақидсозиву боварбахшӣ аз ҷониби адиби воқеъгӯ аксар масъалаҳоро возеҳу фаҳмо барои хонанда пешниҳод менамояд.

Барои адиб об неъматест, ки бо баракати он ояндаи неки зиндагии ҳамватанонро мебинад ва истифодаи оқилонаи онро (НБО) ҳамчун як неъмати муқаддас арсаи нанг меҳисобад. Амиқ дарк карда тавонистани моҳияти масъала ва вусъати ҷаҳонбиниҳои адиб боис мегарданд, ки мавзуи баррасишаванда бо аҷзои фарогир ҳаллу фасл шаванд. Равандҳои сиёсиву иҷтимоиву иқтисодиро дарк карда метавонад ва дурбину некхоҳ аст. Чун замони шуравӣ пойбанди ягон дастурҳову нишондодҳои давлатию ҳизбӣ нест ва дар муҳити соҳибистиқлолии кишвар дар баёни андеша, дар заминаи ҷаҳонбиниҳои такмилёбанда озод мебошад. Шоир роҷеъ ба боргоҳи неруи рӯшної дар шеъри «Роғун» [167, с. 98] ояндаи миллатро таҷассум намудааст:

«Ба обу тоби кор аз оби Роғун,

Зи коми аждари гирдоби Роғун.

Барорем офтоби НОБ-и Роғун,

Ки тобад толеи авлоди Роғун…

Дигар ҳоле ба вайронӣ намонад,

Дигар коре ба ҳайронӣ намонад.

Дигар ном аз қафомонӣ намонад,

Зи барқи муъҷизаэҷоди Роғун» [167, с. 98].

Барои ифодаи ҳадафу маром ва нишон додани мавқеи иҷтимоӣ имконияти назм ҳеҷ гоҳ ноқис нест. Нерӯи таъсирбахшии он дар аксар давраҳо хосияти роҳнамоиву эътимодбахширо соҳиб буда, бо хосияти равонии худ умеду боварии халқро ба зиндагии шоиста бештар намудааст. Чунин ба назар мерасад, ки назми иҷтимоӣ бо уфуқҳои таъсирбахши худ (воқеиятписандӣ, санаднокӣ, хитоб, ҳукм, даъват ва ғ.) дар давраҳои алоҳида неруи худро қавитар мегардонад. Т. Хоҷа низ парвардаи ду даврон – шуравӣ ва истиқлолият буда, садоқату муносибати худро нисбат ба ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир менамояд. Агар дар замони шуравӣ, махсусан, даврони бозсозӣ ноадолатиҳои замонро мушоҳида кардаву баъдтар ба он баҳогузорӣ карда бошад, пас, дар замони истиқлолият ӯро проблемаҳои иҷтимоӣ мутаваҷҷеҳ намудааст. Тараннуми ин оҳангҳо ҳам дар мақолаву нигоштаҳои публитсистӣ ва ҳам дар назми иҷтимоии адиб қариб яксон аст. Бештарини очерку фелетону луқмаҳои адиб дар андозаҳои гуногун дар қолаби назм ба назар мерасанд. Мавзуи диёру ватан дар ашъори шоир манзалати баланд дорад. Ӯ муҳаббат ба ватан дорад ва ба зебоии диёраш мафтун мебошад. Ватанро бо ҳақиқатҷӯиҳо мешиносад ва барояш пок зистану пок фикр кардан муқаддас аст. Зиндагию шиори адиб ибратомӯз аст ва ӯ аз сухани оташин ҳазар надорад. Муқобилати худро алайҳи ғаразҷӯёну ҳарисону ҳасудон ошкоро баён дошта, хиёнати ниқобдоронро мазаммат менамояд. Ишораҳо ба ҳофизаи таърихӣ менамояд ва воқеияти замони гузаштаро сабақомӯзу

ибратбахш (қаҳрамонии Талбак Лолаев) нишон медиҳад. Ин гуна маъниҳои гуногун дар шеъри “Данғара”, пеш аз ҳама, мавқеи шаҳрвандии як фарди ватандӯстро бозгӯ менамоянд. Ватандӯстиву некхоҳии худро ҳамон вақт устувор медонад, ки агар алайҳи ҳасудон фотеҳ бошад:

“Замини зардрӯятро нигорам карда гулдӯзӣ,
Биорояд равоқи манзари чашму дили моро.
Агар бо куштан оташ Талбакро кушта натвонист,
Натонад дам кашида аждаҳои оташе моро.
Касе оташ занад бар хонаи ман хонааш сӯзад,
Зи модар н-омадааст оне, ки сӯзад хонаи моро” [168, с. 29-30].

Аз мазмуни баъзе шеърҳои адиб бармеояд, ки ӯ гузаштаи худро чандон инкор намекунад. Дуруст аст, ки ҷаҳонбинии адиб мутлақ нест ва он пайваста такмилу тағйир меёбад. Ҳаётӣ будани баъзе идеяҳоро тасдиқ менамояд ва фарзияҳои алоҳидаро пешниҳоди хонанда мегардонад. Назари таҳқиқии шоир ба масъалаҳои гуногуни таърихӣ одилона аст. Ба таври мисол, сохти шуравӣ аз ҷониби адиб афзалиятҳое низ дорад. Дар шеъри “Албурз” (Тақдим ба Алимурод Тағоймуродов) [168, с.185] ҷамъиятӣ будани сохти гузаштаро таъкид менамояд ва мункиронро ба қазовату таҳқиқу қиёс даъват менамояд.

“Касе бад мекунад хубию марғубии шуроро,
Яқин бад мекунад хубию марғубии дунёро,
Касе рад мекунад созию сарсабзии шуроро
Яқин рад мекунад созию сарсабзии фардоро.
Зи пирон пурс ҳастии ҳақиқатро аз он даврон,
Зи пирон пурс мастии адолатро аз он даврон.
Ба доро дар ҳама айём айёми шукуфоист,
Ба мискин ғайр аз он айём, айёми шукуфтан нест” [168, с.185].

Шеъри «Бечоранолӣ» [168, с.204] мазмунро дар бораи шафқати инсониву сулҳу сафо фаро мегирад. Шоир аз ваҳшонияту разолати инсон дар шигифт аст ва қаҳрамонсозиҳои пурҳамоқатро ҷонибдорӣ намекунад.

Олами сиёсатҳои ҷаҳони муосирро бештар пайгирӣ кардааст ва онро маҳкум менамояд, ки инсон инсонеро қатл менамояду худро қаҳрамон мепиндорад. Он ҷиҳат мавриди таъкид аст, ки андешаҳои адиб инсондӯстонаанд ва ҳеҷ гоҳ ҷонибдори он нест, ки одам бар одам ҳукмронӣ намояд:

«Одам паронда одамиро қаҳрамон шавад,
Одам даронда одамиро достон шавад.
Туф кардам ба рӯи чунин достониҳо,
Туф кардам ба рӯи чунин қаҳрамониҳо.

Касро накардаст Худо ҳукмдори кас,
Тақдиру сарнавишту қазо ҷоншикори кас.
Одам баробар аст ба одам, дигар чӣ нест,
Одам бародар аст ба одам, дигар чӣ нест” [168, с. 204].

Шоир ҳирсу нафси инсониро асоси бадбахтиҳои ҷомеа мешуморад ва аз он гиламанд мешавад, ки пулу мол ҳукмдорону ҷоншикорҳоро рӯи кор меоварад. Муроҷиати адиб ба он нуқта иктифо мешавад, ки ҳирси баланди муҳаббат ба пулу мол инсонҳоро аз ҳам ҷудо мегардонад. Маълум мешавад, ки муаллиф дунёи сармоядориро пуштибонӣ намекунад ва азбаски парвардаи ҷомеаи сотсиалистист, боз ҳам бародариву баробариро шиори ҳамватанон дидан мехоҳад:

“Сӯзад илоҳӣ хонаи ҳусну ҷамоли пул,
Эй зор монад онаи касбу камоли пул.
Аз баҳри халқ халқ кунад ҳукмдорҳо,
Аз баҳри халқ халқ кунад ҷоншикорҳо.

Афтода дар фасонаи бахти баланди пул,
Афтода дар ҳимояи тахти баланди пул.
Душман ба душман одамизода ҷудо шавад,
Меҳан ба меҳан одамизода ҷудо шавад» [168, с.183-185].

Тӯлқин Хоҷа танқидро дар назм бо ҳаҷву истеҳзо хеле хуб таҷзия карда метавонад. Андешаҳои тунд ва маҳкумсоз хосияти аслии назми ӯст. Шеъри “Мансаб” зоҳиран фелетони беадрес аст, зеро дар он тамоми хислату хӯи мансабдоре таъкид карда мешавад, ки халқ аз ҷафояш ранҷ дорад. Муаллиф аз зикри номи қаҳрамонаш худдорӣ карда бошад ҳам, вале барои ҳолдонҳо ва наздикони шоир симои қаҳрамони манфӣ пинҳон боқӣ намемонад. Шоир ба ин мансабталоши мақомдӯст хандаи заҳрдор менамояд:

“Гуна-гуна навиштаӣ бо зар,
Номи худро ба лавҳаи дарҳо,
То бидонам, ки бештар будаст
Лақаби номи ту зи номи Худо.

Ҳар ки шуд нимхез аз ҷояш,
Барнишонӣ ба қаҳр дар ҷояш.
Ҳар ки нашкаст, бишканӣ ӯро,
Ҳар ки бишкаст, барканӣ ӯро...” [167, с.58]

Қаҳрамони шоир салобати пурҳамоқат дорад ва аз ноадолатии ӯ атрофиён ранҷ мекашанд. Касе ҷуръат надорад, ки дар муқобилаш ҳарфе гӯяд ва аз нақли мармузонаи адиб дарк кардан мумкин аст, ки ӯ низ аз ваҳшату разолати ин мансабдор ранҷ дидааст. Шоир ба қиёсҳои мушаххас дода мешавад ва чун устодони сухан (С. Айнӣ) чӯб хӯрдани худро аз дасти ин мансабдор таъкид кардааст:

“Бо ҳама дарсу панду ҳикмати ту
Нашудам соҳиби фаросати ту,
Аз ҳамин ҷост Айниворона,
Мехӯрам умрбод гаврона.

Мечакад бо қади ту саҳву хато,
Бо қади савлати ту саҳву хато.
Кас нагирад хатои кори туро,

Донад ишканҷаи фишори туро” [167, с. 85].

Адиб дар зиндагияш ҷафодидаву ранҷкашида ба назар мерасад ва ин айбашро дар он мебинад, ки ӯ ҷӯяндаи ҳақиқат мебошад. Ин мазмунро дар шеъри “Тарсу” васеътар ифода кардааст ва аз сухани худ ранҷ кашиданашро пинҳон боқӣ намегузорад:

“Ҳунари рустамиям дар даҳан аст,
Гуҳари рустамиям дар сухан аст.
Яъне, марди хусусии ман,
Дар гапи холии Тӯсии ман” [167, с.56].

Шоир низ инсон асту зиндагӣ кардан мехоҳад ва аз ин ҷиҳат тарсу ваҳми худро низ аз фишору таъқибҳо иқрор мешавад. Ишора ба афтидану хестанҳои худ менамояд, ки аз ҷафои замон дидааст:

“Зонуи аз ҳама ларзанда марост,
Оҳуи аз ҳама тарсанда марост.
Охир аз сояи худ тарсида,
Меравам ман ба ҷаре ғалтида” [167, с.56].

Ҳақиқати бебаҳс аст, ки шеъри Тӯлқин саропо дард ва сӯзи рӯзгори шоир буда, бо хосияти андешапарварӣ хонандаро мутаваҷҷеҳ менамояд. Шоир дарди дигаронро дарк карда, аз дарди худ ёд мекунад. Ӯро бештар бо баёни ҳамин дардҳо метавон шинохту дарёфт. Ин дарди ошноӣ хонандаи рамузфаҳмро вориди дунёи пурпечутоби зиндагӣ менамояд. Шоири саропо дарду ғами рӯзгоркашида ва то вопасин нафас нони қалам хӯрдаву ранҷи эҷод кашида, рӯзгор ва зиндагии рустоиҳоро барояш дардномаи миллат ва муҳиту фазои онро Ватани маҳбубаш медонад. Шоири дардошно аз воқеаву ҳаводиси рӯзгор лаҳзае дар осудагӣ назистааст. Дар шеъри «Нишони одамият» шоир аз шинохти инсон сухан гуфтааст, ки тинати инсонҳоро хеле нишонрас ташхис менамояд:

«Касро ба нокас имтиёз,
Додан агар бошад гарон.

Касро зи кас бишнохтан,
Душвортар бошад аз он.

Имрӯз касро нокасе,
Гӯянду нокасро касе.
Касро агар кас гуфтан аст,
Аз доқёнус гуфтан аст» [167, с.214].

Моҳияти иҷтимоии ашъори Т. Хоҷа домани густурда дошта, шоир хеле амиқ ба масъалаҳои маънавиёту фарҳанг, иқтисодиёту сиёсат, диёру зодгоҳ, кишоварзиву меҳнати софдилона, нақши инсонҳои бунёдкор, афроди сиёҳтинат ва амсоли он рӯ меоварад. Дар офаридаҳои зиёди худ он чизеро тараннум менамояд, ки дар он садои дили халқ аст. Шеърҳои “Накӯҳиш”, “Хома”, “Назарбаланд”, “Зиндагонӣ”, “Бузкашӣ”, “Устод”, “Ватанам”, «Русто», «Омӯзгор», «Арӯс», «Падар», «Модари кампири ман», «Ҳасад», «Бекас», «Дӯзах», «Биҳиштӣ», «Сағира», «Илтиҷо», «Тарсу», «Мансаб», «Ниёиш», «Модари ман», «Шиква», «Падарам», «Темур», “Дилхоҳ” «Ҳақталош», “Камбағал” ва ғайраҳо дардномаи дарунсӯзи шоир мебошанд, ки дар онҳо шарҳи ҳол ва рӯзгори худи шоир таҷассум гардидааст. Дар ин ҳама намунаву осор бо тавозуни хоси танқиду тавсиф як шоири рустоӣ чизе гуфта тавонистааст, ки бо руҳияи иҷтимоӣ мувофиқат ба майлу завқи хонандаи умум дар кишвар доранд.

2.2. Мазмунҳои ғоявӣ дар офариниши образи публитсистӣ

Дар офаридани образҳои алоҳида ҷиҳатҳои тавсифии гуфтори адиб бештар мешавад, ки он тарғиби симоҳои муайян ба ҳисоб меравад. Дар шеъри «Эҷодкор» [168, с.98] (эҳдо ба Давлат Сафар) ба тақдиру мақоми муосирон сари кор доштани адиброо дидан мумкин аст. Муҳтавои мазмун дар ин шеър бештар барҷастасозии образро пайгирӣ менамояд. Албатта, оҳанги нақди адабӣ дар он мавқеи аслиро соҳиб мебошад ва дар баробари

ин ҷаҳони ботинии қаҳрамон қатъи назар нашудааст. Воситаҳои таъсирбахш гардонидани фикри адиб бамавриду нишонрас мешаванд. Муаллиф дар шеъри ин шоир (Давлат Сафар) ҷасоратеро мебинад, ки он саршори мардонагиҳост:

“Ҳар гаҳ ба пеши ман биниҳӣ шеъри хешро,
Ба дасти хонданам бидиҳӣ шеъри хешро,
Ҳарчанд нест шеъри ту муҳтоҷи маслиҳат,
Ҳарчанд нест шеъри ту муҳтоҷи шеърият.

Дар шеъри ту ягонагии ту бисёр аст,
Беузру бебаҳонагии ту зиёда аст.
Мардонагию мардӣ биборад зи шеъри ту,
Геву гударзу гурдӣ биборад зи шеъри ту” [168, с. 98].

Тӯлқин Хоҷа ба фаъолияту эҷоди як ҳампеша чун як фарди огаҳ аз шеър менигарад. Дар ашъори худ нисбат ба ин масъала муносибати хос дошта, дар офариниши образи муайян дар заминаи таҳқиқи рӯзгор ва фаъолияти қаҳрамон талош менамояд. Хеле суфтаву фаҳмо дунёи як фарди ҳамкасби худро аз чанд паҳлӯ равшан мегардонад. Баёни муаллиф ҳикматомез мешавад ва панди “кор ҳаст, айб ҳаст”-ро дар шакли дигар пардоз медиҳад. Аз ҷониби дигар, оҳанги нақди адабӣ то ҳадде пардапӯш гардида, ишора ба кадом як омилу дигари ҳунари шеърнависии Д. Сафар менамояд. Садои таскину даъват баланд мешавад ва ифодаи “...бувад бехато, хатост” бозёфти ҷолиби адиб мегардад:

Беайб он касест, ки коре намекунад,
Бо фикри хеш ҳеҷ мазоре намекунад.
Бо гуфтаҳои гуфтагӣ гуфтор мекунад,
Бо гуфтаҳои гуфтагӣ ашъор мекунад.

Эҷодкори беғалат эҷодкор нест,
Офардигори беғалат офаридгор нест,
Эҷодкорие, ки бувад бехато, хатост,

Офардигорие, ки бувад бехато, риёст [168, с. 98].

Симои аҳли фарҳангу адаб, махсусан, шоирони шинохта Бозор Собир ва Лоиқ Шералӣ дар шеърҳои адиб мавқеи хос доранд. Месазад гуфт, ки Т. Хоҷа аз таровату нозукиҳои шеъри ин ду адиб баҳраҳо бурдааст. Ҳамчун як фарзанди кӯҳистон дар шеъри ӯ низ тасвири деҳа, кӯҳистони мармузи диёр, оҳанги шӯхи рӯдҳои равон ва дигар ҷузъиёт ҷолибу хотирмон мешаванд. Оҳанги иҷтимоии шеъри Бозору Лоиқ низ ба рушду нумуи назми Т. Хоҷа бетаъсир намемонад. Маълум аст, ки мазмунҳои амиқи иҷтимоиро дар адабиёти муосири мо баландтар аз ин ду нафар касе насурудааст. Дар шеъри "Ба устод Бозор Собир" [168, с.325] Т. Хоҷа худро дар паҳлӯи ин шоири миллат дидан мехоҳад. Дарду ғами шоирро қисмат кардан мехоҳад:

"Дилам бисёр мехоҳад, набинам доғи дунёро,
Дилам бисёр мехоҳад, ки бинам боғи фардоро.

Агар имрӯз мирам шеър дар ҳалқам, кӣ хоҳад гуфт,
Ба ҳар ояндае аз шаҳр фарқи деҳаи моро.

Ба ку-ку гуфтани ман тифлиям пайдо нахоҳад шуд,
Вале пайдо шавад ҳамшеване ку-куи танҳоро.

Бари рухсораҳое аз лаби гулкори ман гул кард,
Баҳори умр дилҷӯтар кунад айёми гулҳоро" [168, с. 325].

Т. Хоҷа оҳанги шикваву дарди шеъри Бозор Собирро дарк менамояд ва ҷуръати худро ҳамсафару ҳамқадами ин шоири дар ғурбатҳову танҳоиҳо овора меҳисобад. Назари таҳқиқӣ гузаштаҳои рӯзгори шоири миллатро нишон медиҳанд ва дар симои Б.Собир он фарзанди фарзонае намудор мешавад, ки умри худро дар роҳи ҳақиқат сарф кардааст. Шеъри шиории Бозор диққати адибро ҷалб месозад ва дар ҳошияи андешаҳои ӯ (...такида доманамро раҳ ба раҳ) Т. Хоҷа низ ҳиммати худро нишон медиҳад, ки дар ватан хок шудану хоки онро афзун намудан (ба хок табдил ёфтани ҷасаду

устухони инсон) мехоҳад. Ишораҳои адиб дар мавриди ҳасудону тангдилон низ устувории ин шоири миллатро дар сангарҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди азиятҳо дар муборизаҳо устувор мебошад:

Зи поям афканад гар тири ноҳақ дар диёри ғайр,
Куҷо гирад зи ман ҷони ба Файзобод шайдоро.

Тани маҷруҳи худро дар кӯҳистон хок хоҳам кард,
Ки созад заррае хокам фузунтар хоки ин ҷоро.

Бинозам он суруду достонеро, ки бо нармӣ
Бурун орад зи ғори сина мори умрфарсоро.

Ман аз тангии айёми ятимиям натарсидам,
Натарсонад дигар чашму дили танги касе моро” [168, с. 325].

Ҳанӯз дар бораи ашъори Т. Хоҷа адабиётшиносони шинохта чизи мукаммале нагуфтаанд ва дар таҳқиқоти ҷузъие, ки аз ҷониби ихлосмандону пажуҳишгарон сурат гирифтааст, дар бораи пайравии кадом мактаби шеър будани Т. Хоҷа нуқтаи назари мушаххасу қотеъ вуҷуд надорад. Танҳо дар мақолаи “Тахтнишини мулки тавозӯъ” [128] ишора карда мешавад, ки “...агар илҳомбахши шоир Лоиқ бошад, пас навову дарди шеъри ӯ навову дарди шеъри Бозор Собирро ба ёд меорад” [128]. Ба ин нуқтаи назар бо он ҷиҳат метавон ҷонибдор гашт, ки дар ҳақиқат, дар иқрори Т. Хоҷа дар шеъри “Ба устод Лоиқ” [168, с.93-95] шеъри ӯ дар таҳти таъсири руҳияи шеъри Лоиқ қарор гирифтааст. Дар аксар мавридҳо оҳанги равони мисраъҳо ва хаёли дурпарвози шоир, ки аз ҳақиқатҳои комили зиндагӣ сарчашма мегиранд, мафтун будани ӯро аз шеъри Лоиқ собит менамоянд. Лоиқ дар тасвирҳову тавсифҳои Т. Хоҷа соҳибистеъдоди олами назм аст, ки ҷойгоҳи устувори худро дар майдони адабиёт соҳиб гардидааст:

“Шеър агар зодаи истеъдод аст,

Шеъри ман зодаи шеъри ту бувад.
Пеши пои сухан афтодани ман
Асари бодаи шеъри ту бувад.

Гули ашъори туро мечинад
Ёдҳо аз чамани дафтарҳо.
Ошиқон хонда дуои шеърат,
Дил кунанд об бари духтарҳо” [168, с.93-95].

Навову оҳанги шеъри Лоиқ аз назари шоиронаи адиб “даъвати кабк ба кабк аст” ва оне ҷавҳари маънии шеъри Лоиқро дарк мекунад, ки агар аз нафосату назокати эҷоди ӯ воқиф бошад. Т. Хоҷа худро шоири беустод намеҳисобад ва барои ӯ, пеш аз ҳама, муҳаббати шеъри Лоиқ роҳнамову нерубахш аст. Шеъри Лоиқ барояш даъвату илҳом дар эҷоди каломи мавзун дониста мешавад:

Мурғи фархундапаи ашъорат
Лона дар хонаи дил мемонад.
Ҳамчу кабке, ки кунад даъвати кабк,
Мурғи илҳоми маро мехонад” [168, с.93-95].

Аз назари Т. Хоҷа, бо назардошти табиати пуршуру руҳу равони ашъораш Лоиқ шоири халқ аст ва ҳар як мисраи худро ҳамнаво бо дили халқ сурудааст. Аз миёни халқ рӯидаву ҳамнафаси халқ будани Лоиқ боис гардидааст, ки ҳар як пиру барно дар шеъри ӯ халқияти баландро бинанд. Лаёқати баланди Лоиқро дар он мебинад, ки ӯ бо шеъри пурафсунаш ба дили халқ роҳ ёфтааст. Бузургиву мақоми баланди дигари Лоиқро дар он мебинад, ки ҳатто нобинову бечашме низ аз ашъори Лоиқ хабардор аст:

Набувад баҳри арӯсон байте,
Шоҳбайти ту барин сӯзанизеб.
Ояти шеърбалабро надиҳад
Домсози гузаро низ фиреб.

Каси бечашми хате низ зи ту
Байту банду ғазале медонад.
То дили пиру ҷавон ҳаст ҷавон,
Пири шеъри ту ҷавон мемонад» [168, с.93-95].

Мавзуъ ва масъалаҳои сиёсӣ дар осори Т. Хоҷа канорӣ нест. Ҳарчанд таҳлилҳо дар назму насри адиб амиқ набошанд ҳам, вале ҳукму баҳогузориҳои алоҳида ҷамъбасти садҳо фикру андешаҳои рӯз мегарданд. Офариниши портретҳои сиёсӣ аз нигоҳи мусбату манфӣ, пеш аз ҳама, муайянкунандаи мавқеи адиб мегарданд. Аз афкори гуногунпаҳлӯи адиб бармеояд, ки дар асоси мушоҳидаҳову ҷаҳонбиниҳои муайян ҷараёнҳои сиёсиро таҳлилу таҳқиқ кардааст. Мухолифат ва эътироз доштанашро ошкоро баён менамояд. Масалан, дар шеъри “Пашша” [167, с. 111-112] шоир аз сиёсати горбачёвӣ норизост ва ӯро ҳамчун як хиёнаткор маҳкум менамояд. Горбачёв шахсе дониста мешавад, ки пур аз “касолату наҷосат аст” (ифодаҳои Т. Хоҷа) ва ӯро ба пашшае баробар медонад, ки болои наҷосату ширириҳо гашта, зиндагии мардумони як давлати бузургро талху ногувор кардааст. Дар шеъри мазкур муаллиф шореҳи сиёсие ба назар мерасад, ки бо эҳсос аъмоли роҳбари давлати шуравиро маҳкуму масхара менамояд. Ин роҳбарро қотиле медонад, ки ба косаҳо заҳр рехтааст ва ҳаёти босуботи халқро ноором гардонидааст. Афкори шоир дар мисраъҳои шеърӣ нақли сифатҳои манфии ин сиёсатмадор мешаванд:

“Хест аз хоби гарони анҷуманҳо пашшае,
Хест аз оби даҳони аҳриманҳо пашшае.
Ҳастияшро пур намуда аз касолатҳо,
Пастияшро пур намуда аз наҷосатҳо.
Гирд-гирди косаи ширириҳо гашт,
Тор-тори ширу шаҳду шириҳо гашт.
Дар сари ширириҳо оби фасодӣ рехт,
Дар сари ширириҳо оби касодӣ рехт.
Дар даҳонҳо нони моро заҳр кард,

Дар баданҳо ҷони моро захр кард” [167, с.111-112].

Шеъри “Пашша”-ро аз бисёр лиҳоз памфлети манзум гуфтан мумкин аст, зеро дар он ҳама чиз – қаҳрамон, рухдод ва таҳаввулоти бузурги иҷтимоӣ мушаххас мебошад. Муҳимтарин хусусияти памфлетро, ки «…ҳарифи идеологӣ ва душмани маккори дохилӣ дорад» [80, с.156] дар шеъри мазкур дидан мумкин аст. Дар памфлет як андоза ҷоиз аст, ки ба ин гуна душману рақиб таҳқиру нуқтаи назари интиқодии шадид сурат гирад. Т. Хоҷа низ бо тафаккури образнок Горбачёвро бо “хукигариҳову наҷосатпарвариҳо” маҳкум менамояд, ки муҷиби бадбахтиҳои ҳаёти халқи як кишвари паҳновар гардидааст:

“Хест аз хукигариҳои ҷаҳолат пашшае,
Аз наҷосатпарвариҳои хушомад пашшае.
Дар лаби мавъизаи пиру ҷавони мо нишаст,
Дар гапи покизаи хурду калони мо нишаст.
Хонақоҳи гӯшҳо ҷойи азонхонии ӯ шуд,
Қибалагоҳи ҳушҳо ҷои мусулмонии ӯ шуд” [167, с. 111-112].

Дар аксар маврид сиёсати горбачёвӣ аз ҷониби таърихшиносону сиёсатмадорон сиёсати созандае дар роҳи худшиносиҳои халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ баҳогузорӣ мешавад. Озодбаёниву озодиҳои дар партави ин сиёсат ба вуҷудомада васф мегарданд. Дар ин ҳолат Т. Хоҷа муқобили онҳоест, ки ин сиёсатро пуштибонӣ кардаанд. Шоир андеша дорад, ки ин сиёсат омили аслии зиёд гаштани кинаҳову мухолифатҳо гардидааст. Ин сиёсатмадорро сабабгори ҷангҳову хунрезиҳову парокандагиҳо медонад. Маҳз ин сиёсатро сабабгори тира гаштани саҳифаҳои таърихи халқҳо ва тақдири торики ояндаи онҳо мешуморад. Шоир дар мавқеи иҷтимоӣ устувор аст ва ин сиёсат барои ӯ палиду олуда мебошад:

“Кирмҳои кина андар синаҳо ҷӯшид,
Дар дилу дидаи бекинаҳо ҷӯшид.
Аз ҳама ҷойи замона ҷӯйи захм омад,

Аз саропои замона бӯи захм омад.

Шуд китоби саргузашти халқ нохоно,
Шуд китоби сарнавиштаи халқ нофаҳмо.
Пашшае аз ғаждии кори сиёсат пар кашид,
Пашшае аз ғаждии кори ҳукумат пар кашид” [167, с. 111-112].

Ҳақиқати бебаҳс аст, ки нисбат ба Горбачёв чунин таҳқири шадид дар адабиёту публитсистикаи тоҷик хеле кам аст. Шадидтарин ҳукму таҳқир дар анҷоми ин шеър дида мешавад ва дар ҳукми муаллиф симои Горбачёв хеле манфур ба назар мерасад:

“Ҳастияшро пур намуда аз касолатҳо,
Пастияшро пур намуда аз наҷосатҳо.
Аз тамоми ҷойҳои тоза дидан кард,
Дар тамоми ҷойҳои тоза р…дан кард.
Дар даҳони сиҳативу соҳии мо р..д,
Дар даруни рӯзгори боҳии мо р..д» [167, с. 111-112].

Агар дар шеъри “Пашша” дар бораи симои манфии сиёсатмадори арсаи ҷаҳонӣ сухан равад, пас, дар шеърҳои алоҳидаи дигар шахсиятҳои маъруфи минтақаву ҷаҳон мавриди таваҷҷуҳи адиб қарор гирифтаанд. Масалан, дар шеъри «Ғиреви ориёӣ» [168, с.183-185], ки ба Маҳмуд Аҳмадинажод бахшида шудааст, баръакс, дар заминаи муроҷиати шоир ба ҳофизаи таърихӣ офариниши симои мусбат асли мақсад гардидааст. Дар навбати аввал дар он аз сафари Президенти ҶИЭ истиқбол гирифта мешавад, ки ба Тоҷикистон ташриф овардааст. Равобити Тоҷикистону Эрон дар замони президентии Маҳмуд Аҳмадинажод самарабахшу мусбат буд ва маблағгузориҳои ин кишвар дар иншоотҳои бузурги Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дӯстиву бародарии ин халқҳои ҳамзабонро нишон медод. Шеъри мазкур дар партави ҳамин сиёсатҳои судманди тарафайн навишта шудааст. Дар шеъри мазкур мавзуи худшиносии миллӣ мавқеи меҳварӣ дорад ва то андозае оҳанги даъватро касб менамояд. Гилаи адиб ба он аст, ки таърих пур аз таҳрифкориҳост:

«Мо ҳама аз қавмҳои ориёӣ,
Ориёӣ мондаем,
Чунки содиқ бо забони ориёӣ мондаем.
Якдигарро чун бародар бесанадҳо мешиносем,
Дар шаби торик, ҳатто бемададҳо мешиносем.
Лек дигар додарони хунии худро, ки афзун будаанд,
Бе миёнҷии муҳаққиқҳо намедонем,
Бе кафилии муаррихҳо намедонем” [168, с.183-185].

Шоир аз сафари Маҳмуд Аҳмадинажод ба Тоҷикистон шоду қаноатманд аст ва аламу озори худро дар он мебинад, ки аз форсу тоҷик қудратро гирифтаанд. Надомати адиб аз он аст, ки ин миллати таърихии моро пароканда кардаанд. Дар баъзе мисраъҳо ноустувории халқҳои ориёитабор низ ишора карда мешаванд. Чунин андешаҳоро заминаи воқеияти таърихӣ вусъатнок менамояд ва аз вахдати комил надоштани мардумони ориёитабор таъкид менамояд:

Чунки аз онҳо нишони акрабоӣ гум шудаст,
Тоҷикию форсию ориёӣ гум шудаст.
Рафтаанд онҳо ҳама бар қавмҳои ҳамҷавор,
Рафтанд онҳо ҳама бар мардуми дигар диёр.
Ин ҳама бегона гаштанҳои додарҳои мо.
Ҷониби дигар гузаштанҳои додарҳои мо,
Кард моро дар набарди илму фарҳанги ҷаҳонӣ
Бенасиб аз нусрати оламситонӣ» [168, с. 183-185].

Шоир сиёсати Маҳмуд Аҳмадинажодро дар роҳи дӯстии халқҳо созандаву наку медонад. Дар тавсифи адиб ин сиёсатмадор неккадаму оқил аст ва ташрифи ӯ ба Тоҷикистон саҳифаҳои нави муносибату равобити ду халқи бародар баҳогузорӣ мегардад. Т. Хоҷа дар назм хусусияти нақлии гуфторро нигоҳ дошта, муроҷиат ба ҳофизаи таърихӣ менамояд ва хеле содаву фаҳмо аз забони халқ сухан мегӯяд. Дар гуфтори адиб оҳанги шикваву пурдард аз таърихҳои табартақсим ба назар мерасад ва ифодаҳои “бобо”, “бибӣ”, “додарак” ва “фарзанд” дар баёни маромі муаллиф

мувофиқ омадаанд. Маҳмуд Аҳмадинажод дар ваҳдату худшиносии халқҳои ҳамҷавор нуқтаи меҳвариву паргорӣ дониста мешавад ва шоир бо истиқболи тоҷикона ба ин сиёсатмадор муроҷиати вижа дорад:

Омадед, андар равоқи хонаи бобоии худ
Шамъи фарзандӣ ниҳед,
Омадед андар ибодатхонаи бобоии худ
Оташе оташ диҳед.
То зи нураш хотири бобову бибитон чароғонтар шавад,
Сарзамини фохири бобову бибитон чароғонтар шавад.
Мо ҳамин ду додарак аз бобиёни худ нишонӣ мондаем,
Баҳри якдигар барои пуштибонӣ мондаем.
Маҳз аз ин пуштибонӣ дар амонӣ мондаем,
Дар амонии забони ориёӣ мондаем” [168, с.183-185].

Офариниши симои шахсиятҳои сиёсӣ дар эҷоди Т. Хоҷа танҳо дар як қолабу доира ҷараён намеёбад. Агар дар офаридани симоҳое чун Ленин, Горбачёв ва Маҳмуд Аҳмадинажод шоир ба сиёсатҳои байналхалқӣ дахл намояд, дар аксар намунаҳои дигари назмии ӯ симои Эмомалӣ Раҳмон барои ҳамватанону ҷаҳониён чун наҷотбахши миллати тоҷик таҷаллӣ менамояд. Дар пешгуфтори китоби “Фарёдҳои ростӣ” ба сифати эпиграф ва шиори тантанадор Пешвои миллати тоҷикон ҳамчун кафили ягонаи амнияту сулҳу суботи тоҷикон баҳогузорӣ мешавад. Дар андешаҳои қиёсии ӯ Эмомалӣ Раҳмон дар кори давлатдорӣ аз Исмоили Сомонӣ пухтатар тасвир меёбад. Ҷои баҳс нест, ки агар Исмоили Сомонӣ асосгузори давлати тоҷикон бошад, пас, Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши ин давлат аз парокандагӣ гардидааст. Дар қиёси шоирона симои ин ду шахсият хеле барҷаста нишон дода мешаванд:

“Дар пухтагӣ Исмоили Сомонӣ сар аст,
Эмомалии Шариф аз он пухтатар аст.
Он бораи гирди амниятро бишикаст,
Ин гирд ба гирди амнияти бора бубаст” [166, с. 51-52].

Дар баъзе рубоиҳо муаллиф нақши Эмомалӣ Раҳмонро боз ҳам баландтар нишон дода, маҳбуби халқ будани ӯро талқину тарғиб менамояд. Дар ин маврид шоир ба таърихи давлатдории дигар миллатҳо нигариста, боз ҳам дар доираи қиёс андешаҳояшро вусъат мебахшад. Эмомалӣ Раҳмон подшоҳи валӣ номида шуда, бо Пётри як қиёс карда мешавад, ки барои миллати рус азизу муътабар аст:

«Тоҷик бо Эмомалии худ фахр кунад,
Бо подшаҳи валии худ фахр кунад.
Он гуна, ки бо Пётраш мардуми рус
Дар авҷи мукаммалии худ фахр кунад» [166, с. 57].

Дар шеъри “Сарвари исёни шеър” [168, с. 91-92], ки ба Лоҳутӣ бахшида шудааст, хитобаву муроҷиати адиб ишора ба ҳаводису воқеияти таърихӣ менамояд. Лоҳутӣ дар тавсифи шоир муборизест, ки шеъраш осмони Шарқро гирифтааст. Ҳунари баланди шоирии адибро иқрор аст ва дар эҷоди худ таъсири каломи Лоҳутиро истисно намедонад. Мондагориву пояндагии шеъри ин шоири тавоноро таъкид намуда, таъсирпазирии эҷоди худро нисбат ба ашъори Лоҳутӣ истисно намедонад:

“Дар осмони шеъри Шарқ,
Роҳи диломӯзахтарӣ,
Боди ҳаводис бар фано
Паронда натвонад туро.

Ман айби шеъри хешро,
Бинам ба рӯди шеъри ту,
З-устоди ноустоди ман
Бисёр суди шеъри ту” [168, с. 91-92].

Дар абёти дигар шоир ба ҷараёнҳои сиёсӣ рӯ меорад ва ҳукуматдорони Эронро мазаммат мекунад, ки ватанро барои шоир модари ӯгай сохтаанд. Муаллиф аз ҷараёнҳои сиёсии оғози асри бист дар Эрон огаҳ аст, ки чӣ гуна сиёсатҳои таҳмилӣ ин кишварро дар гирдоби буҳронҳо

андохтаанд. Мухолифатҳои дохилии Эрон мардуми ҷафокаши ин сарзаминро овора сохтаанд, ки Лоҳутӣ аз ҷумлаи онҳо мебошад. Андешаҳои Т. Хоҷа таскинбахш мешаванд ва бо муколама ба руҳи шоир муроҷиат менамояд, ки Тоҷикистон барои Лоҳутӣ модар-ватан гаштааст:

Гӯянд аҷалро аз раҳаш,
Гардонда натвонад касе,
Бо марги марги ҷони ту
Хоҳад раҳид Эрони ту.

Аз модари моиндаре,
Моиндари модар накӯст,
Ҳам дар дили худ ҷот дод
Ҳам дар дили мо дод ҷот” [168, с. 91-92].

Дар байтҳои дигар як навъ ҳунари таззод истифода гашта, муаллиф ба шикасти Лоҳутӣ ишора мекунад, ки дар муборизаҳои сиёсӣ дар мулки худ ноком аст. Хонанда дарк менамояд, ки шоири инқилобӣ будани Лоҳутӣ дар ду сарзамин – Эрон ва Иттиҳоди Шуравӣ бидуни баҳс руҳи сиёсии ашъори ӯро баланд гардонидааст. Т. Хоҷа аз он қаноатманд аст, ки шеъри Лоҳутӣ дар адабиёт исёни шеърро ба вуҷуд овардааст. Мункир наметавон гашт, ки Лоҳутӣ аз он адибонест, ки дар саргаҳи назми иҷтимоиву сиёсии тоҷик дар солҳои бистум қарор гирифтааст. Аз назари муаллиф Лоҳутӣ дар ин роҳ байрақбардор аст ва шеъраш шиори халқ гардидааст:

Чун сарвари исёни халқ,
Дар зиндагӣ хӯрдӣ шикаст,
Чун сарвари исёни шеър
Гардидаӣ рӯ - рӯи даст” [168, с. 91-92]

Дар шеъри “Эътиқод” (эҳдо ба устод Муҳаммад Ғоиб) [168, с.95-97] дар навбати аввал ба ҳунари шоирии М. Ғоиб баҳо дода мешавад. Аз

андешаҳои мантиқии адиб бармеояд, ки шеъру истеъдоди баланд М.Ғоибро хеле осон муаррифӣ гардонидааст:

Ман туро бо шеърҳоят менамоям ёд,
Ман туро бо шеърҳоят мекунам аз ёд.
Ман туро азёд медорам нигоҳ дар ёди худ,
Ман туро озод медорам нигоҳ дар ёди худ.

Ҳунари баланди эҷодии қаҳрамон диққати муаллифро бештар ҷалб кардааст ва бештар ба ҳунари ӯ баҳо медиҳад. М. Ғоибро он шоири халқ медонад, ки нафосату назокати диёрро бо чашми дил мебинад. Шеъри ин адиб бӯи гулу пудинаро дорад ва диди шоиронаи Т. Хоҷа аст, ки қаҳрамони худро аз миёни гулу неъматҳои диёр пайдо кардааст. Таровату аҷобати деҳаи худро аз шеъри М. Ғоиб дарёфт намуда, ҳамроҳи қаҳрамони худ ба талу теппаҳои диёр ҳамсафар аст. Шеъри ӯ бӯи деҳаву кӯҳистони диёрро дорад ва дар ин роҳ М. Ғоибро ягонаву беназир мешуморад:

Бӯи гулҳои гулобӣ ҳаст дар шеърат,
Бӯи гулҳои кулобӣ аст дар шеърат.
Қабзаи бобуна андар қабзаи шеърат,
Маззаи пудина андар мазаи шеърат.

Бодҳои деҳаи ман мевазад аз шеъри ту,
Ёдҳои деҳаи ман мевазад аз шеъри ту.
Пеши ман ҳар сатри ашъори ту як пайроҳаи тоқ аст,
Он яке пайроҳаи оғӯши айлоқ аст” [168, с.95-97].

Дар мисраъҳои дигар низ муаллиф онро иқрор аст, ки бо шеъри М. Ғоиб хотироти даврони кӯдакии ӯ варақгардон мешаванд. Дар калимаву ибораҳои “гулпӯш”, “молпоӣ”, “нолаи шеър”, “нолаи нои шубон”, “хӯшаи шеър”, “гӯшаи шеър” ва амсоли ин, пеш аз ҳама, тавсифи ҳунари шоирии М. Ғоибро дидан мумкин аст. Нолаи нои чӯпон бо нолаҳои шеъри М. Ғоиб ҳамнаво тасвир гардида, мухлисону эътиқодмандони шеъри шоир бешумор нишон дода мешаванд. Аз назари Т. Хоҷа бо ин ҳама назокату зебогуфториҳои худ Муҳаммад Ғоиб шоири халқ гуфта мешавад:

В-он дигар пайроҳаи гулпӯши қишлоқ аст,
Бар адирҳо молпоӣ мебарад ёди маро роҳе агар.
Бар адирҳо молпоӣ мебарад ёди маро роҳи дигар.

Нолаи нои шубон дар нолаи шеърат,
Нолаи нои шубон дар ёлаи шеърат.
Шеваи оби равону шеваи шеърат яке,
Шишаи оби равону шишаи шеърат яке.
Хӯшачинонро ҳавои хӯшаи шеърат,
Гӯшашинонро ҳавои гӯшаи шеърат" [168, с.95-97].

Шеърҳои дар саҳифаҳои матбуот нашрнамудаи Т. Хоҷа, пеш аз ҳама, инъикоскунандаи набзи рӯзанд. Чунин ҳам гуфтан мумкин аст, ки дардҳои дили шоир дар қиёс бо мақолаҳои интиқодиву проблемавӣ дар назми ӯ бештар матраҳ гаштаанд. Табиист, ки на ҳама ашъори шоир дар матбуот нашр гардидаанд ва танҳо бо дарки набзи замон он намунаҳои ба табъ расидаанд, ки аз воқеияти рӯз ҳикоят доранд. Ин гуна осори адиброочерку лавҳаҳои манзум гуфтан мумкин аст, ки хосияти тавсифии бештарро соҳибанд. Дар шеъри "Хоҷа" дар бораи сифатҳои инсонии Хайриддин Раҳмонов сухан меравад, ки роҳбари хоҷагии деҳқонии "Раҳмонҷон" аст. Х. Раҳмонов дар корҳои деҳқонӣ муваффақ нишон дода мешавад ва дар баробари дигар хоҷагиҳои ноҳия пешсаф аст. Шеъри мазкур дар саҳифаи "То ранҷ набарӣ, ганҷ ба даст наояд" ба табъ расида, мавзуи он меҳнати кишоварзӣ мебошад ва хосияти таблиғиву ташвиқиро соҳиб аст. Аз мисраъҳои алоҳида бармеояд, ки ин раиси хоҷагӣ саховатманду пурилтифот аст ва ба одамон дасти кумак дароз менамояд. Ҳамзамон тавсиф то ҳадде гӯшхарош ҳам мешавад ва таъкид мегардад, ки бо муъҷизаҳо анборҳои холишуда субҳгоҳӣ аз нав пур мешаванд, ки, албатта, танҳо шеър чунин имконро ба муаллифон медиҳад:

"Шомгоҳ анбори ту холӣ,
Мешавад бо илтифоти ту.
Субҳгоҳаш боз дарёбанд,

Лаб ба лаб аз муъҷизоти ту” [147].

Ин шеър аз чил сатр иборат аст ва аз падари обмону назаркардаи Хизри қаҳрамон ёд карда мешавад. Кори хайру савоби падар васф мегардад ва ҳамчун давомдиҳандаи кори ӯ фарзанд имрӯз муваффақ аст. Тавсиф боло меравад ва дар заминаи воқеияти рӯз ин навишта ба як лавҳаи манзум монандӣ пайдо мекунад:

“Оброни оби кори ту,
Миробӣ оби рӯи ту.
То зи пушти инчунин обӣ,
Мерасӣ рӯзе ба Хизробӣ” [147].

Дар таблиғу ташвиқи чеҳраҳо Т. Хоҷа сабку усули хоса дорад ва дар тавсифи симо аз равзанаҳои нав ба нави шинохти олами ботинии қаҳрамон истифода менамояд. Дар ин самт навиштаҳояшро очерки портретӣ дар қолаби назм гуфтан мумкин аст. Мазмуни ин гуна очеркҳои манзум танҳо дар пояи таблиғу ташвиқи обшуста ҷараён пайдо намекунад. Дар ин гуна шеърҳо адиб гилаву ишораҳои гуногунро ба кор бурда, андешаҳояшро бо оҳангҳои гуногун (танқид ва тавсиф) тақвият мебахшад. Сифатҳо ва рӯзгори худро ёд карда, неку бад будани чизеву касеро нозукона ишора менамояд. Ба таври мисол дар шеъри “Достони самимият” [168, с.119-128] андешаҳои пурэҳсоси адиб афзалият пайдо мекунад ва дар тасвири симои ботиниву зоҳирии симои қаҳрамон қолабшикании муаллиф ба назар мерасад. Ин қолабшиканӣ дар он дида мешавад, ки муаллиф дар муроҷиату муколама бо қаҳрамони худ тамаллуққор набуданашро таъкид менамояд:

“Узр аз ту, сухани муҳташамат гуфта наметонам ман,
Раиси муҳтарамат гуфта наметонам ман.
Ман надорам ҳунари гуфтани ин гуна суханҳоро ҳеҷ,
Ҳунари суфтани ин гуна ҳунарҳоро ҳеҷ” [168, с. 119-128].

Муаллиф дар ин гуна шеърҳояш ба фактҳову аснод камтар такя карда, бештар хӯву хислатро таҳқиқ менамояд. Хосияти ахлоқиву тарбиявии гуфтор дараҷаи баландтар пайдо мекунад ва ҳамчун намунаи пайравӣ ташвиқи симо афзалиятро соҳиб мегардад. Зикри корҳои хайри қаҳрамон ба таври умумӣ сурат гирифта, як навъ муроҷиати умумии адиб ба дигар мақомдорону мансабдорон низ дида мешавад, ки бо оҳанги махсус онҳо низ ба сабқати корҳои хайр даъват мегарданд:

“Номи он мард шавад вирди забони султон,
Номи он мард шавад вирди забони даврон.
Номи ту вирди забони ҳасаду ҳасратҳост,
Номи ту вирди забони сабаку сабқатҳост,
Номи ту вирди забони амалу ибратҳост.
Хоҳам, аз жолаву аз барфу зи боди даврон,
Монад айвони баланди шарафат бенуқсон” [168, с. 119-128].

Шеъри мазкур ҳаҷми васеъро фаро гирифта, дар мутобиқат ба сарлавҳа, дар ҳақиқат, достони комили назмӣ мебошад. Нақли рӯзгору аҳволи худи муаллиф низ дар он ҷузъиёти бегона нест. Аз тангии рӯзгору марги қарибулвуқуи худ ишора карда, дар муроҷиат ба қаҳрамон (Асадулло Раҳмон) шикастҳои зиндагияшро нақл мекунад, ки аз марги ду писараш, нодориву тангдастӣ ва нодолатиҳои рӯзгор иборатанд. Дар бораи хосиятҳои шеъри мазкур муҳаққиқон чунин андеша доранд: “Он достони комили назмӣ набошад ҳам, вале корбасти ҷузъиёте чун сужаи хос, образи мушаххас, лаҳзаҳову саҳнаҳои зиндагӣ таҷаммуе, ҷузъиёте мебошад, ки дар офаридани як симо дар қолаби назм мусоидат кардаанд. Портрет дар он намои худро пайдо карда, муколамаи муаллиф саҳифаҳои зиндагии дирӯзу имрӯзро варақгардон кардааст. Чеҳрапардозии шоир дар такопӯи хотирот воқеиятолудаанд” [128].

Умуман, баррасиву ҳукму баҳогузориҳо нисбат ба афроди гуногун дар эҷоди Т. Хоҷа доманаи маҳдудро соҳиб нест. Ҷиҳати дигар он аст, ки чунин шеърҳои симосоз бештар дар замони истиқлолияти кишвар дида

мешаванд. Чунин образҳои намунаи ибрат дар шеърҳои “Ҷавонмард” (дар бораи Мирзохон Сангов), “Кони ихлос” (дар бораи Маҳингул Кабирова), “Арзи ихлос” (дар бораи Маҳмадулло Сайдалиев), “Достони самимият” (дар бораи Асадулло Раҳмон), “Нишони одамият” (дар бораи Умари Шерхон), “Рӯинтан” (Тӯёнае ба 80-солагии ҷанговар Ғаюр Сафар),“Шоир” (барои Муҳаммад Ғоиб), “Албурз” (эҳдо ба Алимурод Тағоймуродов), “Адолат” (барои Адолат Раҳмонова), “Соябон” (ба Муродалӣ Ҳошимов), “Кӯҳ” (эҳдо ба Шералӣ Гулов), “Соҳибхон” (Ба бобои Абдуғаффор Расулов), “Муҷассамаи хоксорӣ” (бозёфте аз рӯзгори холаи Гулистон Нуралиева), “Хоҷа” (Барги сабзе ба акои Хайриддин Раҳмонов) аз равзанаҳои мухталиф мавриди тавсифу таҳнийат қарор гирифтаанд. Дар маҷмуъ, мавқеи симоҳои намуна ва баъзан манфӣ дар ашъори шоир доманаи маҳдуд надоранд ва дар офаридани ҳар як образ қолабшиканиву ҷуръати хоси муаллиф мушоҳида мешавад. Муаллиф дар танзими афкори худ дар самти таблиғу ташвиқи чеҳраҳо ҳар он чизеро ба сифати ҷузъиёт пеш овардааст, ки онро дидааст ва шоҳид мебошад. Ба истиснои баъзе чеҳраҳои манфӣ адиб бо ҳама қаҳрамонони худ аз наздик шинос аст ва бо онҳо аз наздик сухан мегӯяду онҳоро мешунавад. Дар бораи онҳо фикри атрофиёнро ба назар гирифта, чеҳраҳои воқеии мусбатро муаррифӣ кардааст. Ин чеҳраҳои кору пайкор дар ҷомеа нуфуз доранд ва барои халқи худ корҳои хайрро анҷом додаанд. Ҳамин ҷиҳатҳост, ки ин гуна шеърҳоро сирф тамаллуқ номидан душвор мебошад.

2.3. Маърифати ҷомеа ва дигар арзишҳои маънавии зиндагӣ дар осори манзуми адиб

Тӯлқин Хоҷа адиби воқеиятбинест, ки ашъораш дар заминаи тараннуми оҳанги амиқи иҷтимоии замон шакл пайдо кардааст. Масъалаи таълиму омӯзишу маориф дар ашъори ӯ мавқеи махсус дорад. Ин ҷиҳат ба ду омил робитаву алоқамандӣ пайдо карда, эҷодкори ботавозуъ будани ӯро собит менамояд. Якум, адиб ҳамчун мухбири рӯзнома мушоҳидакор

аст ва дар муқобили ноҷӯриҳои замон ором буда наметавонад. Дуюм, адиб муаллим аст ва аз нуқсону камбудиҳои соҳа хеле хуб огаҳ мебошад. Ин ду ҷузъи бо ҳам қаробатдошта оммавият ва ҳақиқатҷӯиҳои назми ӯро неру бахшидааст. Дар баробари ин, ҳанӯз дар соли 1987 дар саҳифаҳои нашрияи "Роҳи ленинӣ" Ҳақназар Ғойиб пешаи омӯзгорӣ ва лаёқати шоирӣ доштани Тӯлқин Хоҷаро зикр намуда, дар ҷодаи шоириву омӯзгорӣ қадамҳои муваффақона доштани адиби ҷавонро бозгӯ менамояд: "Тӯлқин Хоҷаев дар Данғара муаллим аст. Ба заҳмати омӯзгорӣ нигоҳ накарда пайваста машқи шеър мекунад ва дар ин ҷода бо нафаси гарми шоирӣ қадам мениҳад" [126].

Тӯлқин Хоҷа адибест, ки дар гирдоби зиндагӣ ғӯта мезанад ва баду неки ҳаётро аз равзанаи таҳқиқи воқеӣ баҳогузорӣ мекунад. Бепардаву содаву воқеӣ гуфтанро меписандад ва дарду нуқсони ҷомеаро мушикофона мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Мавзуъҳои иҷтимоӣ дар ашъори ӯ гуногун мебошанд ва масъалаи таълиму тарбия яке аз мавзӯъҳои ҷолиби осори ӯ мебошанд. Тӯлқин худ омӯзгор аст ва дарду ранҷи муаллимро беш аз дигарон эҳсос мекунад. Дар шеъри "Муаллим" [167, с.105] мазмуну маром мантиқӣ аст ва ташхис намудан мумкин аст, ки ӯ бештар аз ҳоли худ шигифтзадаву ҳайрону гирён аст. Ин шеър дар замоне гуфта шудааст, ки қадру манзалати муаллим дар ҷомеа ночиз аст ва зиндагии қашшоқонае ба сар мебарад:

"Гирям ба ҳоли зори бечораи муаллим,
Мурдаст ғамгусори бечораи муаллим" [167, с. 105].

Муаллим сарватманд нест ва аз нигоҳи молиявӣ маошаш барои харҷи чандрӯза ҳам кифоят намекунад. Ӯ роҳҳои даромади муфтро намедонад ва донистан ҳам намехоҳад. Муаллим хонае аз гилу девори похса дорад. Дар мисраъҳои дигар қиёсу мушоҳидаи рӯз муаллифро водор мекунад, ки аз хиҷолати худ ишора намояд. Ин хиҷолат он аст, ки ӯ девору кӯшку қасри баланд надорад. Аз ин надоштан хиҷил нест, балки аз он хиҷолат дорад, ки девори похсагини хонаи ӯ дар назди қасри мақомдорон ҳақиру назарногир аст:

Дар пушти хонаҳои олӣ шудаст пинҳон
Девори шармсори бечораи муаллим.
Ояндаи табоҳу торику тира бошад
Имрӯз хору зори бечораи муаллим [167, с.105].

Яқин аст, ки сарчашмаи ҳама комёбиҳои ҷомеаи пешрафта аз фаъолияти садоқатмандонаи омӯзгор маншаъ мегирад. Муаллим машъали маърифатро ба даст дорад ва ягона роҳи наҷот аз бухронҳои маънавӣ ба заҳмати омӯзгор алоқаманд аст. Ҳама шахсони бузург зери ҳикмати дарси устод соҳибмаърифат мегарданд. Тӯлқин дар роҳи таълиму тадрис ранҷкашидаест, ки аз заҳматҳои худ қаноатманд бошад ҳам, вале аз гардиши рӯзгор беқадр гаштани ҷойгоҳи муаллимро дида, азоби руҳие ба сар дорад. Шоир барои он ки ояндаи миллат торику тира нагардад ва мардумро ҷоҳилӣ фаро нагирад, имрӯзи худро аз машаққати зиёд торику тира сохтааст ва чизе аз хушӣ дар ҳаёти худ надорад. Дар шеъри “Омӯзгор” аз он гила дорад, ки муаллими ҳақиқӣ имрӯз вуҷуд надорад. Шеъри мазкур дар соли 1995 навишта шудааст, ки ҷомеаро бухрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ фарогир буд. Ба андешаи ӯ, дар мактаб ба ҷои муаллимон онҳое омадаанд, ки барои хиёнати фардо замина гузошта истодаанд. Ин ишораи адиб ба он ваҷҳ аст, ки машъали афрӯхтаи имрӯзаи муаллим намои дурӯғин дорад. Ҷои инкор нест, ки дар оғози солҳои навадум ҷомеаи мо гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ буд ва як навъ гузариш аз як сохт ба сохти дигар мушкилоту печидагиҳо дошт. Соҳаи маориф низоми қаблии худро гум кард ва дар аксар макотиб онҳое омӯзгор гаштанд, ки чандон ба талабот ҷавобгӯ набуданд, яъне муаллими имрӯза (соли 1995) муаллими замони шуравӣ нест ва ин масъаларо адиб дар доираи қиёсҳо нишон медиҳад:

“Ин замон онзамона ориф ку,
Минбари мактабу маориф ку?
Устодони кӯчапарварда
Дарсҳоро азони худ карда.
Кӯдаконро хирад биёмӯзанд,

Машъали маърифат биёмӯзанд” [167, с. 16].

Адиб аз устодҳои саркӯфта ёд мекунад, ки имрӯз бо иллати набудани онҳо фазилати мактаб ва фаросати мактаб аз даст рафтааст. Ифодаи “кӯчапарварда”-и адиб дар замоне гуфта шудааст, ки дар диёри ӯ ҳамдигарнофаҳмиву ҷаҳолат домани густурда дорад. Нигарониву дурнаморо ташхис намудани адиб бо оҳанги махсус дар ин мисраъҳо дида мешаванд. Дар шеъри “Маснади баланд” [168, с.117] мақому ҷойгоҳи омӯзгор дар ҷомеа нишон дода мешавад:

“Баландие баланд аз маснади омӯзгорӣ нест,
Агар бошад, муаллимро дар олам эътиборе нест.
Шавад кам оби рӯйи ӯ чу оби ҷӯйи тобистон,
Шавад дер обёрӣ хушкиҳои синаи инсон”.

“Начунбад деҳқон, коми нишоти мо намечунбад,
Начунбад коргар, маҳди муроди мо намечунбад.
Нахезонад ба по гар олами эҳсосро устод,
Начунбад устод, аз ҷо ҳаёти мо намечунбад” [168, с.117].

Дар шеърҳои Тӯлқин тасвири образноки саҳна ва фалсафаи гуфтор омезиши созгор ёфтаанд. Муаллим бо роҳи росту ҳақиқат бо як роҳи муҳаббату орзуҳо ба сӯи мактаб меравад. Аз қашшоқиву нодорӣ, аз гармову сармо, аз сардиву мушкилӣ ҳарос надорад. Дар бораи тақдири мактаб, дар бораи шогирдон фикркунон роҳ меравад ва нақшаи дарси навро дар фикри худ тарҳрезӣ мекунад. Аз мантиқу шакли баён бармеояд, ки мазмунҳои таҳтонӣ зоҳири нисбатан ошкор доранд ва муаллим боҷуръатона истиқлоли афкорро ёфтааст. Хонанда бо муаллим ҳамраъй аст, ба ӯ аҳсан мегӯяд ва бо муаллим аз тақдири имрӯзу фардо низ андешаманд мешавад. Муаллим тақводор аст ва дар пояи эътиқод Худоро меҷӯяд. Аз он фикр дорад, ки нияту ҳадафи баъзе мураббиҳо касиф аст. Шоир дар ҳар қадаму ҳар лаҳза онеро суроғ мекунад, ки ӯро офаридааст. Ҳамрози аслиро дарёфтан мехоҳад ва гуфтораш то ҳадде оҳанги хитобро

мегирад, ки ин дар вуҷуди хонанда низ таҳрики ноаёнеро ба амал меорад. Ин ҷиҳатро фалсафаи шеъри адиб гуфтан мумкин аст:

“Сари ман дар бағали камбағалӣ,
Пои ман дар маҳали камбағалӣ,
Кулбаам козаи Луқмони Ҳаким,
Рӯзиам рӯзаи Раҳмони Раҳим.

Хуни устодҳои саркӯфта
Мактабамро ба қаҳр бигрифта” [167, с.16].

Дар порчаи боло муаллиф аз гардиши айём ва дигаргун шудани мактабу маориф шикваҳо карда бо афсӯс мегӯяд: Ҳоло дигар орифе намонда ва нисбат ба мактабу маориф ҳурмату эҳтиром кам шудааст. Силоҳи асосии омӯзгорон илму маърифат аст, ки тавассути ба шогирдон омӯзонидани ин маърифат душманро хору залил месозанд.

Дар такя ба андешаи муҳаққиқон, «публитсистика навъи махсуси журналистика ва адабиёт аст» [78, с.119] ва аз ин ҷиҳат шеърҳои алоҳидаро лавҳаи дар қолаби назм бунёдгардида номидан мумкин аст. Дар шеъри “Ба муаллим” меҳру садоқат ба омӯзгори солҳои замони шӯравӣ ба назар мерасад. Дар он на образи фард, балки образи идеологияи замон (омӯзиш, таҳсил, маърифат) матраҳ аст. Хислати гуманистӣ, ватандӯстиву ҳақиқатпарастӣ ва маънавиёти замон низ дар ин шеър сарфи назар нест. Мактаб фарсуда асту ҳоли ногувор дорад ва бо ҳама нуқсону ҳақир будани дарсхона муаллиф ҳамчун муаллими садоқатманд ба мактаб муҳаббат дорад:

“Афтад аз бурҷу бораи мактаб,
Бар сарам хиштпораи мактаб.
Бо ҳама даҳшату хисорати ӯ
Наравам аз таги иморати ӯ” [167, с.16].

Дар шеъри «Арзи ихлос» [166, с.51-52] арзи муҳаббат ва эҳсоси дили муаллиф нисбат ба мақомдорон ба назар мерасад, ки дар ботини худ маънавиёти мутафовиту хос доранд. Аз М. Сайдалиев миннатдор аст, ки

пуштибонӣ аз як омӯзгор кардааст. Аз ҳасудону рақибоне гиламанд аст, ки дар ғайбаш дар бораи ӯ бадгӯӣ менамоянд. Аз мазмун ва баъзе маъниҳои мантиқӣ дарк намудан мумкин аст, ки адибро аз пешаи омӯзгорӣ дур кардаанд. Афсӯси надомати шоир аст, ки омӯзгорони асилу қолабшикан муҷримони давр дониста мешаванд. Дар ҳама ҳолат адиб дар мавқеи худ устувор аст ва намехоҳад, ки аз баёни ҳақиқат дур бошад. Мисраъҳо нақли ҳикояти аҳвол мешаванд:

«Эй азизи дасту дилафсурдагонро дастгир,
Ноҳақии зиндагиозурдагонро дастгир,
Дар ҳузури ту маро чун Хоҷа Тӯлқин ёд карданд,
Аз равиши кори мактабхонаи ӯ номулоим ёд карданд.
Хориам омад аз ин ёдоварӣ» [166, с.51-52].

Мухолифати адиб ба зуҳуроти маълуми иҷтимоӣ ба назар мерасад, ки боиси машаққатҳои ӯ мебошанд. Ба тазйиқу фишоре ишора дорад, ки аз ҷониби нотавонбинону ҳасудон ба ӯ раво дида шудааст. Муаллиф ба қиёси замонҳо меравад, ки муаллимони ҳақиқиро имрӯз хору залил гардонидаанд. Назари интиқодӣ ба маънавиёти замон карда мешавад, ки аз ҷониби афроди ҷоҳил ашхоси маърифатманд аз саҳнаҳо дур карда мешаванд:

«Гиря кардам боалам.
Гиря кардам, к-ин чӣ даврон аст дар он
Мурдаро ҳам интиқоде мекунанд,
Бо дилу бо нияти нопок ёде мекунанд.
Хоҷа Тӯлқине, ки як вақт
Дар ҳақиқат ҳам, муаллим буд,
Бо навин роҳу равишҳо дарс мегуфт,
Бо беҳин тарзу усули парваришҳо дарс мегуфт» [166, с.51-52].

Шеърҳои адиб фалсафаи амиқ доранд ва дар онҳо воқеияти зиндагӣ таҷассум ёфтаанд. Муаллим ҷуз маош чизи дигаре барои рӯзгузаронӣ надорад. Рӯзи сиёҳи ӯ танҳо ба маош мондааст. Маоше, ки барои як кафан низ кифоят намекунад. Ба воқеият пайванд доштани андешаҳои шоирро

таҷзияи воқеияту бадеияти созанда хеле амиқ нишон додаанд. Дар баёни ҳадафу мароми адибони назмсаро муҳаққиқон ба истилоҳ ба мафҳуми «шеърияти журналистика» [41, с.126] ишора мекунанд. Махсусан, он шеърҳое, ки дар онҳо муаллифон аз истифодаи рукнҳои таҳлилу хулоса ва ҳукму хитоб дар канор нестанд. Дар ашъори Тӯлқин Хоҷа низ масъалаи маорифу таълим ва омӯзишу манзалати омӯзгор мавқеи назаррас дорад. Тавре аз оҳанги аксари онҳо бармеояд, шоир нисбат ба ин масъала назари интиқодии бештар дорад. Мазмуни ин шеърҳо дар навбати аввал нақши созандаи муаллимро баён карда, публитсист хоҳони он аст, ки ҷойгоҳу мавқеи омӯзгор устувор бошаду баланд гардад.

Дар шеъри “Муаллим” таблиғу ташвиқи мақоми муаллим афзалият пайдо кардааст. Муаллим барои ӯ роҳкушову роҳнамост ва бо рисолати маънавии худ созандаи тақдири инсонҳо дониста мешавад:

“Ба фардо роҳкушои ман муаллим,
Ба дилҳо роҳнамои ман муаллим.
Агар пурсанд, тақдират кӣ бинвишт,
Кӣ дар хоки дилат тухми адаб кишт” [136].

Муаллимро фарде медонад, ки дар марзи дилҳо тухми адабу ахлоқ кишт менамояд. Т. Хоҷа худ омӯзгор аст ва бо ҳолдониҳо қадру қимати омӯзгорро хеле хубу арзанда ташхис кардааст. Дар шинохти шахсияти муаллим шоир дар муколама бо худ ба як шогирди мактаб табдил меёбад ва забону вуҷуди ӯ ба як садо муаллимро роҳнамо мегӯянд:

“Касе то пештар надҳад ҷавобе,
Чу мактаббачаи ҳозирҷавобе,
Бигӯям ҷаста аз ҷоям: муаллим
Бигӯяд ба ӯ авзоям: муаллим” [136].

Дар шеъри “Хома” шоир ҳақиқатнигор будани худро собит намуда, ибораи “нохуни ҳақиқат” дар ифодаи мавқеи муаллиф мувофиқ гардидааст. Аз равшану возеҳу ошкоргӯии худ адиб ҳеҷ гоҳ пушаймон нест. Навиштанҳои доимӣ ва дардолуд оромии хотири шоиранд. Ӯ на

танҳо озори дили худ, балки озори дили садҳо нафарро бурдан мехоҳад, ки ташнаи сухани ҳақ мебошанд:

“Хомаамро тез карда,
Ҳамчу нохуни ҳақиқат,
Менавозам тори дилро,
Мебарам озори дилро” [137].

Дар мисраъҳои дигар афкори шоир андешапарварона мешавад ва шоир таҳқиқгаре ба назар мерасад, ки воқеиятҳои зиндагиро пайгирӣ мекунад. Ҳам дар мақолаҳои танқидӣ ва ҳам луқмаву очеркҳои проблемавӣ он оҳангеро дидан мумкин аст, ки дар мазмуни шеърҳои публитсистии ӯ вуҷуд доранд. Шоир иқрор аст, ки ӯ нигоҳи ҳамабин дорад ва ба ҳар як ҷузъиёту масъала аз нигоҳи таҳқиқӣ менигарад. Аз фикри танқидии ӯ масъулон ҳарос доранд. Ӯ ба рақибону нотавонбинони худ ҳушдор медиҳад ва таҳдид ҳам мекунад, ки силоҳаш таҳлилу таҳқиқ аст, яъне шоир берун аз баёни воқеият ва публитсист будани худро исбот менамояд:

“Нимашабҳо хоби ширин,
Чашми оламро бипӯшад.
Ман хаёлан карда бедор,
Одамонро як-як аз хоб,
Мекунам таҳлилу таҳқиқ,
Чун муҳаққиқ” [137].

Дар мисраъҳои дигар исрор ва мавқеи адиб дар зиндагӣ ба назар расида, тамаллуқгару таҳрифгар набудани худро таъкид мекунад. Дар ин абёт шоир мухолифи онҳоест, ки бо қалами худ тамаллуқкору хушомадгӯ мебошанд. Ӯ намехоҳад, ки эҷодкор дуруғгӯву тамаъкор бошад. Аз ҳақиқат чашм пӯшиданро асоси тамаъкориҳои қаламбадастоне медонад, ки бо ин амали худ хиёнат ба халқу миллат менамоянд. Дар шеъри публитсистии тоҷик чунин мавқеи равшану возеҳ хеле кам ба назар мерасад ва худи адиб даъво аз публитсисти фаъолу ҳақбин буданаш менамояд:

“Зери барфу зери борон ҳам бимонам,

Зери теғи рӯзгорон ҳам бимонам.
Зиштро некӯ нагӯям,
Некро бадрӯ нагӯям” [137].

Аз баёни қотеъ ва мавқеи мушаххаси муаллиф бармеояд, ки назми иҷтимоии адиб бештар зери оҳанги ҳаҷву интиқод шакл пайдо мекунад ва навиштаҳои алоҳидаи фелетонмонандаш тири халанда ба дили риёкорону фасодзадагон мегардад. Қалам барои шоир шамшери буррои ҳақиқат мешавад. Тасвирҳои хотирмони адиб хеле таъсирбахш мешаванд ва минқори хома ба сиёҳидони чашми душманон задан дар навбати аввал гувоҳи ҷасорату ҷуръати комил доштани ӯ мебошад:

“Хомаамро баркашида,
Ҳамчу шамшери ҳақиқат,
Мекунам бо нокасон ҷанг,
Ҷояшонро дар ҷаҳон танг.
Мезанам минқори хома,
Дар сиёҳидони чашми нокасон.
Кӯр гардад то хати роҳи хато
Кӯр гардад то хати роҳи риё” [137].

Т.Хоҷа буҳрони олами маънавии ботини инсонҳоро муҷиби нобасомониҳои рӯзгори дигарон меҳисобад. Шоир ба осонӣ ниқобро аз рӯи онҳое мегирад, ки дар зиндагӣ чун як дурӯяву табаҳкор беш нестанд. Дар замони шоир ҳаҷравию унвони ҳоҷигӣ гирифтан саодат нест, балки онро барои баъзеҳо танҳо василаи пинҳон кардани табаҳкориҳо мешуморад. Ин мазмун дар шеъри «Кавдан» [166, с.45-46] чунин омадааст:

«Парвое надорад ҳаҷраве аз каҷравиҳо заррае,
Парвое надорад каҷраве аз ҳаҷравиҳо заррае.
Аммо сафедорон ҳама дар ларзаву табларзаанд,
Аз ростарӯидагӣ рӯзу шабон дар тарсаанд» [166, с.45-46].

Шеър барои Т. Хоҷа силоҳу пуштибони ӯст. Ҷои баҳс нест, ки дар қиёс бо мақолаву очерку дигар навиштаҳои насрӣ шумораи шеърҳо дар эҷоди ӯ даҳҳо маротиба зиёданд ва муҳимтарин хусусияти онҳо фаро

гирифтани воқеияти зиндагӣ мебшанд. Он чизеро, ки бо назардошти баъзе омилҳо дар саҳифаҳои матбуот гуфта натавонист, онро дар шеъри худ баён намудааст. Шеър ормони ӯст ва ин андеша дар шеъри «Шеърҳо ормони шоиранд» чунин омадааст:

«Шеърҳо пуштибони шоиранд,
Рӯзгори ҷовидони шоиранд,
Лек гоҳо пештар аз шоире
Рӯзгораш бигзарад.
Ба гуноҳи ӯ ба банди дафтаре,
Чун асире пуштибонаш бигзарад» [168, с.89].

Шеъри Тӯлқин якмарому якоҳанг нест ва масъалаҳои фарҳангу маънавиёт ва худшиносиҳои миллӣ дар ашъори ӯ мақоми хоса дорад. Дар шеъри «Кӯлоб» [168, с.13] эҳсосу эътиқоди адибро нисбат ба ин диёри куҳанбунёду таърихӣ дидан мумкин аст. Ин шеър, ки аз 88 мисраъ иборат гардидааст, назари адибро ба таври иҷмолӣ дар бораи фарҳангу тамаддуни аҷдодӣ дар ин диёр фаро мегирад. Шоир асолати халқи тоҷикро дар ин мулк мебинад ва аз воқеияти гузаштаи таърихӣ кор мегирад:

«Як халқи асосист дар ин ҷо ҳама халқ,
Як халқи намозист дар ин ҷо ҳама халқ.
Ман тоҷику ту урус гуфтанҳо нест,
Ман муъмину ту маҷус гуфтанҳо нест.

Ширинии лофи тоҷикӣ дар ин ҷо,
Ширинии софи тоҷикӣ дар ин ҷо.
Вайрон нашуда забони тоҷик дар ин ҷо,
Вайрон нашуда даҳони тоҷик дар ин ҷо» [168, с.13].

Шоир дарди худшиносиро дар вуҷуди худ эҳсос менамояд ва аз назари ӯ дур намемонад, ки ғосибону душманон мулки ӯро аз худ кардан мехостанд. Давоми садсолаҳо нотавонибинону тангназарон натавонистанд, ки фарҳанги ин халқи куҳанбунёдро табдил диҳанду аз байн баранд. Дар мисраъҳои дигар қаҳрамону устувор будани ин халқ дар

масири таърих бозгӯ гардида, фарҳанги пойбарҷои ин халқ асрҳо боз чун сипари боэътимод дар ҳифозати ин халқ дониста мешавад:

«Аз ҷомаи ӯ қулфаке нобуд нашуд,
Аз тоқии ӯ пӯпаке нобуд нашуд.
Аз кулбаи аҷдод накӯчида дилаш,
Аз қиблаи аҷдод нағеҷида дилаш.

Аз моҳрухаш малоҳате кам нашуда,
Аз шоҳрухаш шуҷоате кам нашуда,
Аз пои худаш намонда тоҷик ин ҷо,
Аз ҷои худаш намонда тоҷик ин ҷо» [168, с.13]

Кӯлоб барои адиб мулки муқаддасу бостониест, ки дар муқобили ҳама маҷроҳои пурхавф ҳастии худро нигоҳ доштааст. Воқеиятҳои имрӯзу гузаштаро дар қолаби қиёс фаро мегирад ва Худоро нигаҳбони ин мардуми некмаҳзар мешуморад. Дину оини мусалмониро дар ин диёр беш аз дигар манотиқ тозаву покиза дониста, бо покиву ихлоси баланд ба Худо эътиқоди қавӣ доштани мардуми ин диёрро мункир нест:

«Аз покии ӯ фасона дорад покӣ,
Чил ҳайкали ҷовидона дорад покӣ.
Гар мардуми Хуталон мусалмон набувад,
Як мардуми ду ҷаҳон мусалмон набувад.

Дар пушти ҳукуматаш Худо истодааст,
Дар пушти ҳимояташ Худо истодааст.
Ӯ Мир Алии Ҳамадоне дорад,
Эмомалии ҳамадоне дорад» [168, с. 16].

Дар шеъри «Модари ман» [168, с.81] эҳсосу муҳаббати шоир нисбат ба модари меҳрубону ғамхор хеле табииву дилчасп ба тасвир омадааст. Мушоҳидаҳои фарзанд воқеияте мебошанд, ки зиндагиву мароми як модари деҳотиро бозгӯ менамоянд. Фарҳангу анъанаи мардуми деҳотии тоҷикро дар рафтору зиндагии модари тоҷик дидан мумкин аст. Ин модар

шабу рӯз дар дуову ибодат аст, сура мегардонаду оят мехонад ва таманнову орзу дорад, то ки зиндагӣ сомон дошта бошад.

«Докаи мӯи сафедаш бар сар,
Сояи Хоҷаи Хизраш дар бар.
Дардро мекунад аз сарҳо дур,
Яъсро мекунад аз барҳо дур.

Сура гардонаду оят хонад,
То балоро ӯ зи раҳ гардонад.
Гургҳо гови заминро надаранд,
Дуздҳо чархи баринро набаранд» [168, с.81].

Дар шеъри «Орзуи ачдод» ишораҳои нисбатан таҳтониву рамуздоронаи адибро нисбат ба муҳити ӯ фарогир дидан мумкин аст. Аз олами маънавии худ ифтихор дорад, ки бо вуҷуди чун як омӯзгору қаламкаши нодор буданаш зиндагии озод дораду сарбаланд аст. Атрофиёнашро, ки ба ӯ душманӣ мекунанд, ба адолату сулҳ даъват менамояд. Ҳасрати шоир он аст, ки ӯро дарк намудан намехоҳанд ва зиндагияшро «тирборон» кардаанд. Қиёси таърихӣ дар гуфтори адиб канор намемонад ва ишора ба гузаштаҳои аҷдодии худ (сарбадорон) карда, бо вуҷуди афтодагиҳо худро ҷонфидои рӯзгор меҳисобад:

«Бо ҳама он худписандӣ арҷмандам,
Бо ҳама сарпастии худ сарбаландам,
Толиби сулҳу асоратнописандам,
Ҷонфидои ҷовидони рӯзгорам.

Асрҳо шуд зиндагиям тирборон,
Асрҳо мурдам ба сони сарбадорон,
Зинда гаштам дар дили умедворон,
Ҷонфидои ҷовидони рӯзгорам» [168, с. 84].

Дар маҷмуъ, дар ашъори адиб ҳамсони мақолаҳои таҳлиливу оммавӣ мазмунҳоеро пайдо намудан мумкин аст, ки дар он мавқеъ ва андешаҳои

устувор ба назар мерасанд. Фикру ақида, факту аснод ва хислату хӯ ҷузъиёти чашмрасе мебошанд, ки воқеиятписандии андешаҳои адибро таъмин кардаанд. Дар шеърҳои дар замони шуравӣ эҷодгардида адиб назари интиқодии ба як самт равонашуда дорад. Аксари ин намунаҳо бо сиёсат олудагиҳо дошта, шоир аз баёни ҳақиқат ҳазар намекунад. Дар шеърҳои худ мавзуи марбутаро дар заминаи таҳлилу ташхисҳо шакл бахшида, забони суфтаву ҳамвор мақсадро возеҳ ифода кардаанд.

БОБИ 3

ТАНОСУБИ БАДЕИЯТУ ВОҚЕИЯТ ВА ДОИРАИ ҚОЛАБҲОИ ЖАНРӢ ДАР ОСОРИ АДИБ

Неруи таъсирбахши осори Т. Хоҷа дар он аст, ки андешаву афкор дар поя ва меҳвари воқеият шакл пайдо кардаанд ва ин воқеият дар домани тасвирҳову пешниҳоди ҷолиб қобили таваҷҷуҳ гардидааст. Ин воқеиятест, ки ба шаклҳои гуногун ба хонанда аз зиндагии ҳаррӯза маъумот медиҳад. Ҳам дар наср ва ҳам дар назми адиб чеҳраҳои воқеӣ бо ифодаҳои рангин баёнгари набзи замон мешаванд, ки дар тобеияти замону макони муайян қарор гирифтаанд. Сабку услуби фардии муаллиф ба табиати завқи хонанда мувофиқ омадаанд, ки он дар навбати аввал баёни содаи матлаб аст. Адиб дар ҳар як жанри публитсистӣ шакли пешниҳоди матлабро тағйир дода, мунозираву муҳокимаронихо бо хислати равонӣ, пеш аз ҳама, нишондиҳандаи фаҳму фаросати муаллиф гардидаанд. Ремаркаҳои муаллифӣ ва андешаҳову хулосаҳои адиб ба ҳунари ноқилии муаллиф иртиботи қавӣ дошта, ҳама гуна тасвиру тахайюл инъикоскунандаи набзи ҳаёт гардидаанд. Гуногунжанрӣ дар навиштаҳои матбуотии адиб равшан ба назар мерасад ва аксари қолабҳои жанрии публитсистика дар назми ӯ низ такрор гаштаанд.

3.1. Симои фард, сабку услуб ва ороиши бадеӣ дар баёни воқеият

Тӯлқин Хоҷа адиби воқеанигоре мебошад, ки дар роҳи дарки бадеии ҳаёт усули хоси муносибати худро дорад. Дар паҳнои ҳаёт муаммоҳоро дар заминаи тасаввуроту ҷаҳонбинии адабӣ хеле нишонрас таҳқиқ карда метавонад. Ҳар як образи офаридаи ӯ дорои характери нотакрору барҷаста мебошад. Дар заминаи таҳқиқи воқеияти замон навиштаҳояш руҳу равони сода доранд ва ба фаҳми хонанда наздик мебошанд. Дар памфлети “Бепарвоӣ ҳам ҷиноят аст” [135] муаллиф мавзуи доғу печидаро дар фазои

бухрони маънавии рӯз матраҳ намудааст ва фикри худро дар партави ибораву ифодаҳои марғуб пешниҳод мекунад. Чунончи, дар ифодаи “Бобохони аз хашми мардум ба домони кӯҳ баромада” нафрати муаллиф ба ҷинояткоре ба назар мерасад, ки қотили падару модар гардидааст. Ибораи “ба обу ҳавои маҳбас муштоқ шудан” онро нишон медиҳад, ки ҷиноят кардан хӯи ботинии ҷинояткорест, ки барои ӯ арзишҳои инсонӣ вуҷуд надоранд. Навишта сужаи муайян дошта, нақлҳои тасвирӣ дар он то ҳадде оҳанги ҳаҷвӣ пайдо мекунанд ва дар асоси сатираи муайян ба ҳолату авзои рӯз хандида мешавад. Киноява хандаи пуристеҳзои муаллиф нисбат ба мақомоти милитсия дар пояи танқид қарор гирифта, ноуҳдабароиву саҳлангории онҳоро нишон медиҳад: “...Яке аз рӯзҳои охири фасли зимистон кӯчаҳои Пушингро мошинҳои органҳои тафтишоти ҷиноятӣ пахш карданд. Аз қошу қавоқи милитсионерону муфаттишон барфу борон мерехт. Ҳама гӯё ҷиддӣ, “серкор”, “пурташвиш” буданд” [135] Бо ишораҳои таҳтонӣ бозгӯ намудани нуқсони фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муносибати адибро ба ҷараёни ҳаводиси рӯз нишон медиҳад. Ибораву ифодаҳои ҳикматнок ва мантиқдошта баёни ҳадафи ӯро дар заминаи воқеияти рӯз таъсирбахш менамоянд: “Хонаи бепарвоӣ сӯзад, ки аз дасти мову вай бисёр харобиҳо сар мезананд” [135].

Масъалаи сабку услуб ва шакли баёни ҷолибу эҳсоспарвар аз мадди назари муҳаққиқони соҳа дур нест ва он як унсури муҳим барои дарки моҳияти рухдоди маънавию иҷтимоӣ дониста мешавад. Мақсади эҷодкори асил низ дар навбати аввал дар шакли мақбулу писандида пешниҳод кардани навиштаест, ки ба равзанаи афкори ҷомеа роҳ ёфта тавонад. Моҳияту таъиноти иҷтимоии навиштаро низ бештар сабку услуби содаву оммафаҳм таъмин менамояд. Бо назардошти табиати эҷодии муаллифон дар замони истиқлолият ин сабку услубҳо ба се навъ тақсим мешаванд: «Аз солҳои аввали даврони истиқлоли Тоҷикистон ҳафтаномаву маҷаллаҳои тоҷикии кишвар аз рӯйи сабку услуби забони онҳо ба се гурӯҳ тақсим шуданд, ки онҳоро усулан метавон «анъанавӣ», «муътадил» ва «навовар» унвон кард. Чунин хусусиятҳои гурӯҳии нашрияҳо имрӯз ҳам мушоҳида

мешавад» [66, с. 279-281]. Дар ин самт Тӯлқин Хоҷа бештар аз ин се гурӯҳи шартии сабку услубҳо кор гирифтааст. Сабки анъанавӣ ба он ваҷҳ дар осораш бештар истифода гардидааст, ки ҳамчун як эҷодкор аз хосияти табиати муҳити маънавӣ огаҳ мебошад. Навовар буданаш дар он дида мешавад, ки ба ягон сабку услубе такя накарда, дар ҷодаи эҷод худро сохтан мехоҳад. Муқаддимаороиҳои тӯлонӣ, такрори ин ё он фикрҳои мутобиқ ба сиёсати вақт ва хулосабарориҳои якнавохт хоси навиштаҳои ӯ нестанд. Тӯлқин Хоҷа адиби тозагӯест, ки нафосати шеърӣ ба осори насрияш таъсири амиқ гузоштааст. Ҷаҳонбинии баланди маънавии адиб дар пешниҳоди матлаб навиштаҳои ӯро хонданиву ҷолиб менамояд. Оҳанги баён баъзан дар заминаи эҳсоси шоирӣ ҷараён пайдо мекунад. Дар лавҳаи “Аз пахтакорӣ ба некуаҳволӣ” [146] ин ҷиҳат дар ибораҳои рехта чунин ба назар мерасад: “...заминҳои тахту ҳамвор, қаторҳои аз коркард баромада, обчиҳои оворaи обмонӣ, чобукдастони саргарми чобуқ, майдонҳои тозаю озода аз алафҳои бегона, техникаҳои дар сайр ва ҷилваи алвонҷҳои маҳину ниҳолони сарсабзи беиллату беосеб ба он мусоидат менамояд” [146]. Ҳарчанд руҳияи адабии гуфтор баланд шавад ҳам, аммо арзишмандии халлоқияти эҷоди адиб аст, ки тасвири зиндагии одамон бомаром ҷараён пайдо менамояд. Муаллиф баёни мармузона надорад ва пешниҳоди содаи матлаб таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб менамояд. Ибораҳои “замину заминкор”, “роҳбарии софдилона”, “оби сабзиш”, “манзараи сурурбахш”, “гӯшмоли сахт” ва амсоли инро навгӯиҳову навҷӯҳои адиб номидан мумкин аст, ки таровати хоси маъниҳоро соҳибанд.

Ҳақиқати возеҳ аст, ки «бидуни сабку услуби жанрӣ матни журналистиро ба вуҷуд овардан ғайриимкон аст» [35, с. 182] ва танҳо дар сурати корбасти муваффақонаи баёни образноку пуртаъсир метавон дар ифодаи мақсаду маромиа мушаххас муваффақ гардид. Т. Хоҷа дар ин роҳ публитсисту адиби муваффақест, ки нақлҳои пуробуранг дорад. Гуфтори адиб бештар ҳамон забони зиндаи халқу маҳал аст, ки дар фаҳмишу дарки он мушкилие вуҷуд надорад. Умумиятдиҳиҳои такрору обшуста, хоси сабки ӯ нестанд. Қатъи назар аз кӣ будани қаҳрамони офаридаҳояш дар

сифатбахшиҳои ӯ ҳеҷ гоҳ мушоҳидаҳои воқеӣ сарфи назар намешавад, яъне қаҳрамонашро ба офтобу ситораҳо монанд намекунад, балки нисбат ба қаҳрамони худ он чизеро мегӯяд, ки онро аз наздик дидааст. Образи намунаеро нишон дода метавонад, ки рафтору хислаташ ба мардум писанд аст. Дар очерки “Ҳунар чу мушк бувад...” [150] қаҳрамон шахсияти андак нест ва “акаи Нуриддин” бародари Президенти мамлакат асту ниёз ба ягон муаррифӣ надорад. Т. Хоҷа дар нишон додани симои ин марди накӯкор аз равзанаҳои гуногун – майдони меҳнат, суҳбати рӯ ба рӯ, нақли атрофиён ва бардошт аз зиндагии одии деҳотиёнаи қаҳрамон менигарад. Дар ин очерк ӯ андешаеро баён кардааст, ки бо оҳанги дили халқ ҳамнаво гардидааст ва ҷои инкор низ нест, ки хонанда ба мутолиаи чунин матолиб майлу завқи бештар низ дорад. Дар ҳақиқат, халқ он чеҳраеро дӯст медораду меписандад, ки халқият дораду хоксору ботавозуъ аст: “Акои Нуриддин бо вуҷуди ҳамаи бениёзиҳояш ҳам дар кордонӣ, ҳам дар таҷриба ва ҳам дар обрую нуфуз марди хоксорест. Рафтору гуфтори самимонаву одиву муқаррарӣ дорад. Аз суҳбати нахустини ӯ дар кас ҷуръати шикастани қолаби расмият пайдо мешавад” [150]. Хосияти маънавии гуфтор (баёни фалсафӣ) низ дар нишон додани симои қаҳрамон созгор мешавад. Дар ин мавридҳо барои ҷолибияту баланд гардидани таъсири гуфтор муаллиф аз кору ҳаёти қаҳрамони навишта сухан мегӯяд. Ин хоҷагӣ ва сарвари он дар миқёси кишвар бо ҳама сифатҳо намунаанд. Ин хоҷагӣ ба мактаби таҷриба табдил ёфтааст ва сарвари он корҳоеро анҷом додааст, ки дигар роҳбарони хоҷагиҳои кишоварзӣ дар замони истиқлолият онро накардаанд. Аз мазмуни шарҳу тафсилҳои алоҳидаи муаллиф бармеояд, ки ҳадафи хоҷагӣ ва раиси он танҳо ба даст овардани фоидаву даромад нест. Дар нақли суфтаву равони муаллиф раиси ин хоҷагӣ фалсафаи ҳаёти заминро омӯхтааст ва нафаси заминро эҳсос мекунад: “...таъсиси он танҳо барои ба даст овардани фоида набуд. Мақсади муассис фаррохтар аз ин андозагириҳост. – Замин ҳамчун одам нафас мекашад, аз асорат доду фиғон менамояд ва аз меҳрубонӣ гул-гул механдад, мегӯяд, акои Нуриддин

ва меафзояд: – Деҳқони асил бояд тапиши набзи заминро эҳсос намояд ва вобаста ба дарди он чорагар бошад” [150].

Дар тавсифи симои ҳақиқиву намуна, ки дар заминаи мушоҳидаҳои муаллиф зарурати тасвири ҷиҳатҳои характерноки он ба вуҷуд меояд, ба назар гирифтани мувофиқати «...зоҳиру ботини инсон» [43, с.21] бештар ба маҳорати эҷодкори ҳамабин вобаста аст. Сифатбахшиҳои умумӣ ва гуфтори такрору якнавохт, пеш аз ҳама, мавқеи иҷтимоии адибро тира нишон медиҳад. Барҷастасозии образ дар публитсистика барои равшантар ифода кардани воқеият муҳим ба шумор рафта, ин ҷиҳат бештар дар ҳалли муаммоҳои тинату ботини инсонӣ мусоидат менамояд. Чунончи, ҳамсари Нуриддин Раҳмонов қатъи назар аз ҳама чиз дар тасвири адиб бонуи ҳалиму ботавозуъ аст. Янгаи Вилоят мутакаббир нест ва баробари дигар деҳқонзанон дар майдони меҳнат фаъол аст, пахта мечинад ва каланд ба даст гирифта, муҷиби дилгармиву ҳайрати атрофиён мегардад: “Янгаи Вилоят гоҳ-гоҳ баробари чинакчиён анбои пахтачинӣ баста, пахта мечинад. Боре ӯ каланд ба даст гирифта, ба кашидани чӯяки картошка пардохт, нафаре аз меҳмонон бо ҳайрат пурсид, ки ҳамсари сарвари чунин як хоҷагӣ метавонад, ин амалро ба иҷро расонад? Ӯ одиякак ҷавоб дод, ки аз куҷо омадаам, ки наметавонам...” [150].

Муқоисаҳо нишон медиҳанд, ки очеркҳои адиб, ки дар матбуот ба нашр расидаанд ва назми алоҳидаи адиб, ки дар онҳо равияи очеркӣ дида мешаванд, тақрибан ҳамоҳанг мебошанд. Қаҳрамонони очеркҳои адиб инсонҳои кору пайкоре ҳастанд, ки муаллиф бо заҳмату талоши онҳо аз наздик шинос мебошад. Он ҷиҳат низ қатъи назар нест, ки «…ба адабиёт ворид шудани адибон ҳамчун очеркнавис» [123, с.7] чун як анъанаи маъмул сад сол боз идома дорад. Агар бештари адибон ба воситаи очерк дар наср муваффақ гардида бошанд, пас, равияи очеркӣ дар эҷоди Т. Хоҷа назми воқеъгароёнаи ӯро тақвият бахшидааст. Дар чунин назм адиб бештар тинати одамонро кашф карда тавонистааст ва ҳар як симо бо махсусиятҳои худ хотирмон мешаванд. Ба ин ҳама бештар қаробати адиб ба зиндагии муқаррарии инсонҳо мусоидат кардааст. Чунин сифати чеҳраофаринии

публитсистии ӯро муҳаққиқон низ таъкид кардаанд: “Инсонҳои неку бунёдкор ва хайрхоҳу хоксорро васф мекунад ва мамнун аст, ки дунё танҳо таҳти таъсири шарсифатон қарор надорад. Чеҳрапардозӣ дар ашъори Тӯлқин доираи маҳдуд надорад ва аксари шеърҳои ӯ дар бораи ҳамдеҳагон, ҳамкасбон, устодон, шогирдон, деҳқонон ва, умуман, шахсиятҳои накукор навишта шудаанд, ки аз фалсафаи хосе таркиб меёбанд” [128]. Дар назми иҷтимоӣ Т. Хоҷа хеле зиёд ба суроғи образҳои намуна меравад, ки қаҳрамонони воқеӣ мебошанд. Муҳаққиқ А. Раҳим ба шеърҳои гуногуни адиб баҳо дода, пеш аз ҳама, мушоҳидаҳову диди воқеъгароёнаи Т.Хоҷаро иқрор аст. Эҷоди аз тахайюл нисбатан дури адибро таъкид намуда, муносибати ӯро ба атрофиён дар баёни мушаххасу бепарда дармеёбад: “Аз шеърҳои ӯ дармеёбем, ки чӣ гуна бо муҳаббату садоқат падару модар, устодон, инсонҳои асил, шогирдони вафодорро ба ёд меовараду ба онҳо арҷ мегузорад” [129].

Яке аз вазифаҳои тасвир дар очерк он аст, ки нависанда андешаву афкор ва хислату рафтори қаҳрамони публитсистиро баррасӣ намуда, рухдод ва далелу арқоми воқеиро бо шеваи адабӣ таҳлилу натиҷагирӣ мекунад. Тасвир дар ин самт бидуни таҳқиқи фарогири характери қаҳрамон бетаъсиру беруҳ аст, ки сабаби аҳаммияту моҳияти иҷтимоӣ надоштани он ҳам мегардад. Махсусан, дар заминаи қиёсҳо ба назар нагирифтани воқеияти замонҳои гуногун хати нақлиро дар баёни воқеияти рӯз ноустувор месозад: «Очерки муосир муваззаф аст, ки воқеияти рангинро, ки дар бархӯрд бо изҳои куҳна ва фарсуда зуҳур мекунад, ҳамаҷониба биомӯзад... [99, с.17]. Дар очерки мазкур муаллиф саҳифаҳои ҳаёти гузаштаи қаҳрамонашро таҳқиқ намудааст ва бештар ба он паҳлуҳое таваҷҷуҳ менамояд, ки далели заҳматписанд будани қаҳрамон мешаванд. Гузаштаву имрӯзи ҳаёти акои Нуриддин қиёс карда мешаванд ва факту рақамҳои возеҳ баррасии воқеиятро амиқтар месозанд. Ремаркаҳои ҷудогона гузаштаи рӯзгори акои Нуриддинро холисона нишон медиҳанд, ки пойдевори устувори меҳнатдӯстии қаҳрамонро ҳанӯз дар солҳои ҳафтодуму ҳаштодуми асри гузашта бозгӯ менамоянд. Дар ин самт пеш

овардани маълумоти алоҳида шумори фактҳо намегарданд, балки фарогири мантиқе мебошанд, ки хонанда ба қазоват даъват карда мешавад: “...меҳнати шоистаи ӯ бо нишони ғолиби мусобиқа (1976, 1979, 1981), ифтихорномаҳо ва соли 1981 бо медали “Барои меҳнати шоён” қадр гардидааст” [150].

Як рисолати очерк он аст, ки ба воситаи саҳнаҳои бадеӣ таҳлилу баррасии факту далелҳоро суфтаву нарму таъсирбахш менамояд ва ба андешаи муҳаққиқ И.Усмонов, «саҳнаҳои хотирнишин тақозои сабки очерк аст ва бидуни он ҳар навъ очерк бадеияти худро гум карда, ба мақола монанд мешавад» [109, с.108]. Дар ҳақиқат, очерк бо таҷзияи хоси воқеияту бадеият шакли мақбул пайдо мекунад. Очерк низ чун жанрҳои таҳлилӣ аз маҷмуи факту рақамҳо иборат мешавад ва агар дар он бадеият заиф бошад, офаридани симои намунаву ибратбахш душвор мегардад. Т. Хоҷа дар ин самт аз усулҳои гуногуни баёни матлаб истифода мекунад. Аҷзои гуногуни ҳунариро дар очерки “Қолаби расмиятро шикаста” [148]-и адиб дидан мумкин аст. Ремаркаҳову шарҳҳои муаллиф бо ифодаҳои гуногун ҳақиқати рӯзгорро тараннум менамоянд. Ифодаҳои алоҳидаи “устухон сахт кардааст” ва “ҷилави аспу барзаговонро гирифта” дар майдони меҳнат обутоб ёфтани қаҳрамонро дилнишин ифода кардаанд. Муколамаҳо низ ба самти ҳадаф мувофиқ мешаванд ва аз забони қаҳрамон пеш овардани андешаҳои фалсафӣ ҳақиқатро дар домани бадеият нишон медиҳанд: “...акои Нуриддин дар оилаи деҳқон таваллуд шуда, бо кори деҳқонӣ устухон сахт кардааст.

– Ман аз хурдӣ ба дарёфти ризқу рӯзӣ масъул шудам. Он вақт тамоман хурдсол будам, аммо ҷилави аспу барзаговонро гирифта, майдон ба майдон мегардонидаму замин шудгор мекардам, – гуфт акои Нуриддин” [148].

Тавре таъкид гардид, Т. Хоҷа тавонистааст, ки дар заминаи муколамаҳои саҳнаҳои пешовардашуда симои қаҳрамонро марғубу хотирмон ба қалам диҳад. Беҳтарин мазмунҳоро дар муколамаҳо ҷо дода, аз забони қаҳрамон воқеияти рӯзро баён менамояд. Ҳарчанд баъзе

содагӯиҳову такрори андешаҳо ба назар расанд ҳам, муаллиф ҳадафу маромро содаву фаҳмо пешниҳод карда тавонистааст. Аз чунин навъи пешниҳоди матлаб ба таври хеле самимӣ қонуниятҳои зиёди ҳаёт ошкору тавзеҳ меёбад, ки яке аз онҳо дилгарм сохтани деҳқонон ба кору зиндагӣ мебошад. Дар муколамаи дигар ибораҳои “дилсард” ва “соянданозӣ” таззоде мебошанд, ки аз забони қаҳрамони шиноҳта пеш овардани онҳо оҳанги махсусро (огоҳӣ ва даъват) доранд: “– Пахтакор агар рӯз то бегоҳ дар пахтазор меҳнат кунаду ба рӯзгораш беҳие оварда натавонад, оҳиста-оҳиста нисбат ба кораш дилсард мешавад. Оқибати амали ӯ ба тарки пеша меорад ва ё танҳо аз соянданозӣ иборат мешавад” [148].

Т. Хоҷа дар обуранг бахшидан ба навиштаҳояш ҳамеша аз доираи таҳқиқи воқеият кор мегирад ва аз ин таҳқиқ гоҳе ба ваҷд меояду гоҳи дигар ғазабу нафрати худро пинҳон нигоҳ намедорад. Мавқеи иҷтимоии адиб ҳамеша мушаххас аст ва чун табиати тамаллуқу тавсифҳои бепоя дар вуҷудаш нест, ҷуръат ӯро водор менамояд, ки эҳсоси дилашро ба ифодаҳои пурмазмун баён намояд. Дар ифодаву ташбеҳҳои мувофиқ мақсадашро нишонрас баён карда, гуфтораш ба доираи афкори омма бидуни таъсир намемонад. Чунин ҳолат дар назми воқеъгароёнаи адиб самти хоса дорад: “Шоир гӯё қонунҳои сабтнагаштаи сиёсатрониҳоро дар ҷаҳони имрӯза хеле барвақт дарк намудааст. Дар ҳукм шоир истиҳола надорад. Барои мисол Горбачёв барин сарварро ба «пашшаи анҷуманҳо» шабеҳ медонад, ки муҷиби «хурӯши кинаву фанои марҳаматҳо» гаштааст” [127]. Адиб дар баёни ҳадафи худ чун файласуфе ба назар мерасад, ки андешаҳои ҳикматолударо дар мақбултарин шакл барои хонанда пешниҳод кардааст. Ин гуна сифати гуфтору баён дар назми ӯ бештар боло рафта, аҳаммияти ахлоқиву тарбиявиро соҳиб мешаванд. Образбахшии каломашро дар қиёсу монандсозиҳо ба тимсоли бадӣ шакл бахшида, аз баровардани ҳукму хулосаҳои қатъӣ ҳазар намекунад. Дар робита ба ин муҳаққиқон С. Гулов ва А. Қутбиддинов низ таъкид доштаанд, ки қонунмандии назми иҷтимоӣ водор мекунад, то адиб бо сабку услуби суфтаву фаҳмо тараннумгари дардеву нуқсоне шавад: «Инсони имрӯзаро кашф намудан мехоҳад, ки бо

сирати нопоки худ ҳама илмҳоро забун гардонидааст ва дар паи ҳавову ҳавасу худхоҳӣ ҳама марзҳои инсофу ахлоқро поймол месозаду барои тира сохтани оламе аз он берун мебарояд. Шоир дар зери торҳои пардаи тааҷҷуб дониставу бехабар баёни тундмаънӣ дорад. Қонунмандии назм ҳам он аст, ки шоир аз ҳама беш бори дардро ба дӯш дорад ва дарднок сухан гуфтанаш амри табиист. Ин маъниро бидуни корбасти сабки мураккабу печида софу сода ва равону мавзун чунин баён мекунад:

Донӣ ҳама илму амали яздонӣ,
Суқротию афлотунию луқмонӣ.
Кулли ҳунари далерию дастонӣ,
Ҳеҷ аст ба пеши ҳунари шайтонӣ» [127].

Аммо боиси ҳасрати адиб аст, ки инсон ин иштибоҳро дарк кардан намехоҳад ва зери пардаи ҷаҳолат боз ҳам шефтаи амалҳои фиребои худ мегардад. Публитсист мегӯяд, ки «дар мушти дили шайтон будааст калиди бахт». Ба иловаи ин гуфтаҳо ӯ ғалати рамзомези худро баён дошта, таъкид медорад, ки «шайтон напарастида»-аст. Мисраъҳои шоир ботини пуртаззодро фаро гирифтаасту хонандаро ба олами андешаҳои рангин мебаранд. Тасвирҳои «хушрӯю хушобу диданбоб» на самимият, балки нафрати адиб нисбат ба хунхорон дар ҳама ҷода аст. Ифодаи «олиҷаноб»-и адиб на позаҳр, балки заҳр дорад:

Хушрӯю хушоб гаштаӣ, эй одам,
Бас диданбоб гаштаӣ, эй одам.
Аз хӯрдану аз макидани хуни халқ
Ту олиҷаноб гаштаӣ, эй одам» [127].

Дар тасвирҳои адиб мансубияти мавзуӣ ҳеҷ гоҳ қатъи назар нест. Калимаҳо, ибораҳо ва факту аснод ба таври мушаххас зикр мешаванд. Ибораву дигар ҷузъиёти образолуда сабку услуби равону содаи Т. Хоҷаро халадор намесозанд ва ҳар кадом дар ҷои худ мақсаднок истифода мешаванд. Ӯ ҳеҷ гоҳ пурмуаммо сухан гуфтан намехоҳад. Чунин сифат ба он ваҷҳ аст, ки публитсист аз дилу забони халқ сухан гуфта метавонад ва мақоми баланди ӯ дар як давраи муайяни адабиёт ба ин иртибот дорад: “…

Дар нимаи дуюми асри бист дар адабиёти тоҷик рубоиву дубайтиро ба пояи Тӯлқин Хоҷа касе насуруда. Ин ба он маънист, ки нафаре мисли ӯ рубоиву дубайтиро мардумитар нагуфта” [133]. Ба чунин ҳукм метавон ҷонибдор гашт ва аз мазмуни аксар рубоиву дубайтиҳои адиб пайдо мегардад, ки бо мушоҳидаҳои воқеӣ он чизеро гуфтааст, ки дар забони халқ ҷорист. Ин гуна гуфтор гоҳо пурлутфу зарифона мешаванд ва хонандаро ба завқ меоранд:

“Садгуна ҷафидед маро, эй занҳо,
Садгуна мазидед маро, эй занҳо.
Вақте ки намонд шираву шарбати ман,
Бар кӯча маро фиридед, эй занҳо.

Ман пираму бо дили ҷавон мегузарам,
Ду чашм ба ҷониби занон мегузарам.
Пирони дигар мурдаи симанд агар,
Ман мурдаи симинбаданон мегузарам” [165, с. 77].

Дар шеъри «Дар базми висол» [162, с. 33] Т. Хоҷа адиби тасвиргарои муваффақест, ки гуфтораш аз эҳсоси воқеияти мушоҳидашаванда образноку ҷолиб гардидааст. Ташбеҳу монандсозиҳояш навҷӯиҳои аҷиби ӯ мегарданд ва ба олами тахайюли хонанда хеле наздик мешаванд. Дар ифодаҳои шоҳ ва моҳ бозёфти нави адибродидан мумкин аст, ки қофияву вазни шеърро мувофиқ сохтаанд. Яктан гардидани ду дилдодаву навҷавон дар беҳтарин шакли баён хонандаро ба андешаҳои дуродур мебарад. Садои даъват барои шарик шудан дар суру хурсандӣ ва саодати хушбахтии ду нафар камтаъсир нестанд:

«Ҷом ба ҷом омадаст,
Ком ба ком омадаст.
Шоҳ гирифта моҳро,
Ном ба ном омадаст.

Ҳар ду ба як назар шуда.

Мардуми як басар шуда,
Дар хами як камар шуда,
Як касу як нафар шуда.

Саҷда куну дуруд гӯ,
Нағма зану суруд гӯ.
Банд зи ҷодувон кушо,
Бол зи бозувон кушо» [162, с. 33].

Дар очеркҳову лавҳаҳо ва шумораи зиёди шеърҳояш Т. Хоҷа ҳамеша адиби навпардозест, ки бо корбасти ибораҳову ифодаҳои пуробуранг барои хонанда матлаби таъсирбахшро пешниҳод менамояд. Осори адиб дилпазиру маънигустар буда, муҳити зисти одамон ва табиату хислати афроди алоҳида дар онҳо бо ҷолибтарин ҷузъиёташон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Эҷоди ӯро адибони шинохта мавриди назар қарор додаанд, ки аз шоири тасвиргарову маънӣҷӯ будани ӯ дарак медиҳад: “Тӯлқин Хоҷа шоири ширингуфторест, ки устоди бузург Бозор Собир ба эҷодаш қоил монда” [133]. Аз андешаи муҳаққиқон С. Гулов ва А. Қутбиддинов бармеояд, ки ҳар як сатри ӯ бо маъниҳои равшану возеҳ нишонрас мешаванд ва хислату навои эҷодашро дар баёни бепардаву ошкори ӯ мебинанд: «…Ӯ аз забони мардуми одии нодору миёнҳол сухан мегӯяд. Тунд калом мегӯяд ва ширин васфи ёру диёру ҳақиқати беолоишро менамояд» [127].

Дар такя ба афкори баъзе муҳаққиқону пажуҳишгарон метавон гуфт, ки Тӯлқин Хоҷа имкон дошт дар замони зиндагии худ бо чунин сабку услуб ва маҳорати воқеиятнигорӣ эҷоди бештареро соҳиб гардад, зеро дар асри нав эҷодкор бо равиш ва оҳанги публитсистӣ, махсусан, назми иҷтимоӣ ҳамеша ҷойгоҳу мақоми баландро соҳиб гашта метавонад. Табиист, ки доираи мафкураи ҷомеа чунин навъи эҷодро бештар мепазирад. У. Шерхон дар бораи Саид Ғоиб (яке аз дӯстон ва ҳампешагони Т. Хоҷа) ҳарф гуфта, аз он надомат дорад, ки ин ду қаламкаши моҳири дур аз пойтахт қароргирифта хеле зуд ҳаётро падруд

гуфтанд: “Агар тақдир он дуро сари вақт (мисли дигарон) аз музофот ба марказ мефиканд, кӣ медонист, онҳо то ба кучоҳо сар мекашиданд” [133]. Агар У. Шерхон аз тангноии майдони эҷоди ин адиб ҳарф занад, Н. Яздониро, пеш аз ҳама, забони суфтаву халқии ашъори Т. Хоҷа мутаваҷҷеҳ менамояд. Печидаву мураккаб баён накардани ҳадафу маром хосияти умдаи осори ин адиб аст ва қарин будан ба рӯзгору ҳаёти халқ ба ин омил бештар мусоидат кардааст. Дар ҳақиқат, бо халқ будан, бо забони ин халқ сухан гуфта тавонистан маҳорати хоси ин адиб аст, ки бо ин васила халқияти осорашро баланд нигоҳ доштааст: «Тӯлқин Хоҷа таъбироту истиороти маҳаллиро, чи кӯлобӣ, чи ғайрикӯлобиро бисёр хуб истифода мекард» [134]. Барои Н. Яздонӣ муҳимтарин нукта он аст, ки Тӯлқин Хоҷа шоири муваффақи иҷтимоӣ мебошад, ки қатъи назар аз дур буданаш аз пойтахти фарҳангӣ ҳамқадам будани ӯ бо шеъри муосири ноб эҳсос мешавад. Гиряву шодӣ дар шеъри иҷтимоии Тӯлқин гиряву шодии халқ аст, ки хеле зуд ба дилу дидаҳо роҳ ёфта метавонад. Аз мутолиаи ашъори ин адиб бармеояд, ки офаридаҳояш тараннуми дарду нолаҳост ва дарди ӯ моҳиятан хусусияти иҷтимоӣ пайдо мекунад. Тӯлқин Хоҷа адибест, ки дарди дили дигаронро суруда метавонад. Ин натиҷаи он аст, ки шоир сабку услуберо дар эҷодаш ба кор бурдааст, ки оҳанги иҷтимоиро тараннум менамояд: «Шеъри ӯ аз пора-пораҳои нахустинаш, ки дар матбуот мехондам, барои ман бисёр хуш буд. Рӯзе дар як рӯзнома номи Тӯлқин Хоҷа ба чашмам афтид, хурсанд шудам, аммо хурсандиам дерпо набуд. Ин шеър аз дарде менолид, ки дарди шахсии ман аст» [134].

Воқеиятбаёнӣ ва оҳангҳои шикваву гилаҳо нишон медиҳанд, ки шеъри Т. Хоҷа як навъ тарҷумаи ҳоли ӯст, ки бо фасеҳтарин забону беҳтарин сабки мақбул ҳикояти аҳволи адибро менамоянд. Дар шеъри «Бекас» [162, с.5] дар бораи азияту хориҳои худ сухан меронад ва чун хосияти як эссеи фарогири саргузаштҳо шикоят аз ноадолатиҳои иҷтимоии замони шуравӣ дорад. Т. Хоҷа дар шеъри худ қаҳрамони доимиест, ки гоҳо муборизи забардаст ва гоҳи дигар ҷабрдидаву танҳову бе пушту паноҳ ба назар мерасад. Ин шеърро ёдномаи хоси адиб номидан мумкин аст, ки аз

таҳдиду фишорҳои дар замони шуравӣ нисбаташ раводида нақл мекунад. Ёдномаҳо дар қолабҳои назму наср нақли воқеиятанд, ки шакли махсуси пешниҳоди матлабро дошта, ба андешаи муҳаққиқ А. Саъдуллоев, қабл аз ҳама ифодаи ранҷҳои муаллифанд: «Муаллифони ёднома дар истифодаи фазо ва вақт комилан соҳибихтиёранд. Онҳо метавонанд, лаҳазоти риққатбори фоҷиа ё марги табииро умуман ёдовар нашаванд, вале сабки нигориш бо ҷузъиёту ишораҳо аз шахсият, мақом ва талафоти қаҳрамон дарак медиҳад» [104, с. 31-32]. Шоир бо ифодаву гӯишҳои халқӣ шикоят аз рӯзгор менамояд ва аз «изо»-и худ бо ҳасрат ёд мекунад:

«Дар хони худ ғайри изо чизе надорам, халқи ман,
Дар дасти худ ғайри дуо чизе надорам, халқи ман.
Чизе надорам, бо диҳиш радди балои худ кунам,
Ҷоду наям, к-аз ҳеҷ чиз садди балои худ кунам.

Ҳамма балои сар зада аз коргардонҳои туст,
Ҳамма вабои омада аз корчаллонҳои туст.
Бо қандҳои хориҷӣ аз хориҷа овардаанд,
Бо фандҳои хориҷӣ аз хориҷа овардаанд» [162, с. 5].

Истифодаи санъати ташбеҳ барои аз ифодаи ҳақиқати урён фирор кардани адиб нест, балки бо ин роҳ адиб мехоҳад, ҳақиқатро амиқтар нишон диҳад. Аз назари муаллиф чоплусони тамаллуққор дар ҷомеа зиёданд, ки бо хизмати хирсонаву пурфиреби худ пояи орому пурсуботи ҷомеаро фано месозанд ва ҳамин тавр ҳам шуд, ки аз дасти онҳо давлати шуравӣ барҳам хӯрд:

«Аз чоплусонат бубин бар чеҳраи яъҷуҷҳо,
Аз пойбӯсонат бубин бар нусхаи маъҷуҷҳо.
Девори қонунро чӣ сон лесида вайрон мекунанд,
Авзои гардунро чӣ сон бӯсида вайрон мекунанд» [162, с.5].

Т. Хоҷа адиби ҳақиқатпардоз аст ва ҳар як ҷузъиёти матолибаш бо беҳтарин сабку услуби ба фаҳми оммаи васеъ ин ҳақиқатро урёнтар месозанд. Ибораҳои «ҳалқҷаф» ва «талхакаф» бедодии милисаҳоро нишон

додааанд, ки як замоне ӯро бо туҳмату буҳтонҳо буғӣ кардан мехоҳанд. Дар ибораи «шайтони арзонфурӯш» гилаву интиқод аз масъулону мақомдороне дорад, ки ӯро беасос мефурӯшанд:

То бо дасиса мекунад моро милиса ҳалқҷаф,
Ман аз дасиса талхакаф, ман аз милиса талхакаф.
Гӯ бас кунад шайтони ту арзонфурӯшии маро,
Сӯзан зада нӯшидани хуни сурӯшии маро» [162, с.5].

Осори адиб бо заминаи қонунмандиҳои бадеӣ устуворӣ ва ҷаззобият пайдо кардааанд. Дар баробари ин аз баёни андешаҳои тезутунд ҳазар наменамояд. Дар мисраъҳои дигар бо чунин баёни содаву фаҳмо аз халқи худ имдоду пуштибониҳоро интизор аст. Баъзан чунин тарзи баёну сабку услуб хеле муассир мешавад. Ӯ мазлуми ба замин афтодаест, ки аз домани ҳамрозе гирифтану ба пой хестан ва «ҳой-ҳой» гиристан мехоҳад:

Эй халқи ман, эй халқи ман, ҷуз ту надорам додрас,
Яъне надорам ҳеҷ кас, яъне надорам ҳеҷ кас.
Як кас надорам, доманаш бигрифта бархезам зи ҷой,
Як кас надорам, гарданаш бигрифта гирям ҳой-ҳой» [162, с.5].

Шеърҳои Т. Хоҷа, ки баёни ҳақиқати рӯзгоранд, бо воқеятписандӣ дар тасаввури хонанда хеле хуб ҷо мегиранд. Дар шеъри «Кӯҳистон» [167, с.80] муколамаи ӯро бо диёру зодгоҳаш мебинем, ки бо ташбеҳу тасвирҳои мувофиқ симои кӯҳистони диёри тоҷикро офаридааст. Муҳаққиқ А. Раҳим руҳияи баланди оммавӣ доштани шеъри Т. Хоҷаро ба назар гирифта, андеша дорад, ки дар фаҳми сурудаҳои ин шоир мушкиле вуҷуд надорад: «Шеърро заминӣ мегӯяд, намебофад. Ҳама тасвирашро кас метавонад, ки тасаввур бикунад ва дӯст бидорад» [162, с.3]. Ҳамин аст, ки хонанда бо муаллиф дар пайроҳаву бероҳаҳои кӯҳистони диёр ҳамсафар мешавад. Шебу фароз, қуллаву ҷариҳои баланд, роҳҳои пур аз хоку чанг ва чашмаҳои дилфиреби диёр мафтункунанда ба тасвир омадааанд:

«Роҳ ба пайроҳаи ту меравам,
Роҳ ба бероҳаи ту меравам.
Санг занад роҳи ту бар пои ман.

Чанг занад оҳи ту бар нои ман.

Ҷон ба лабам лаб-лаби ҷар меравам,
Гом ба сад хуни ҷигар меравам,
Ҳамчу даде пахш кунад барраеро,
Пахш кунад воҳима ин ҷо маро.

Ҳалқаи сайёд сари чашмаат,
Ташналабӣ ҷодуи хунташнаат.
Чашмаи ту ҷо шуда дар чашми ман,
Чашмаи ту меравад аз чашми ман» [167, с. 80].

Дар шеъри «Ҳақиқат» [167, с.81] нақлҳои бадеӣ аз гузаштаҳои кӯдакиву ҷавонии адиб ҳикоят менамоянд. «Ман»-и муаллифӣ фаъол буда, таърихи гузаштаи ҳаёти адибро воқеӣ нишон медиҳад. Мафтун сохтани дилбарони таннозро ҳунари баланди худ медонад ва ифодаҳои «ром» ва «дом» таззоди хоси маъниро ба вуҷуд овардааст. Худро шабеҳи он сайёде медонад, ки забони «фиреби ҷомазеб» дошта, сайди худро ба даст медарорад. Ҳақиқати воқеии дигар ин забону лафзи рағбатангезу шаҳватангези ӯст, ки занону духтаронро хеле осон шефтаи худ мегардонад:

Ман андар роғҳо оҳучаҳоро мениҳодам дом,
Ман андар боғҳо хушрӯчаҳоро менамудам ром.

Забони ман фиреби ҷомазебе дошт,
Забони ман фиреби дилфиребе дошт.

Шароби рағбатангези занона доштам дар лафз,
Шароби шаҳватангези занона доштам дар лафз» [167, с.81].

Дар мисраъҳои дигар аз хислату хӯ ва рафторҳои замони ҷавонии худ қаноатманду пушаймон будани адиб маълум нест. Даруни лолазорон хандазорон доштани ӯ тасвири ҷолибест, ки аз хуррамии ҳаёти ҷавонии

адиб гувоҳӣ медиҳанд. Рӯзи офтобӣ ва шаби моҳтобӣ дар бари ӯ қарор доштани офтобу моҳтоб (дилбару маъшуқ) бозёфти тозаи муаллифанд:

Даҳонам дурҷи пур аз дурру марҷон буд,
Лаболаб то лабаш аз хандаи лаъли Бадахшон буд.

Даруни лолазорон хандазорон доштам бо лолаҳоёне,
Даруни резаборон бӯсаборон доштам бо резадандоне.

Ба рӯзи офтобӣ офтобе доштам дар бар,
Шабони моҳтобӣ моҳтобе доштам дар бар» [167, с.81].

Дар шеъри «Ниёиш» [168, с.79] бошад заволи хуррамиҳои ҳаёти шоир ифода гардидаанд. Ҳасрату надомати шоир аст, ки дигар кӯчаҳо аз хуррамиҳои ҳаёти ҷавониву наврасии ӯ ёд намекунанд. Ин кӯчаҳо на аз гузашти ҳаёт ва на аз реҳлати касе парвое надоранд. Хислати ахлоқиву маънавии гуфтор баланд мешавад ва ӯ дигар дар саҳнаҳои зиндагӣ чун як шахси нотавон ба назар мерасад.

«Кӯчаҳоро нест парвои хаёли раҳнавард,
Кӯчаҳоро нест парвои заволи раҳнавард.

Гурбае пар меканад мурғи диламро як тараф,
Подае сум мезанад боғи гуламро як тараф.

Дар китоби сурх монда кабкҳои қаҳ-қаҳам,
Дар китоби сурх монда шеърҳои ҳамраҳам» [168, с.79].

Тавре зикр гардид, ҳам дар наср ва ҳам дар назми Т. Хоҷа дар даҳ соли охири ҳаёти адиб гардишҳои куллӣ ба назар мерасанд. Сабку услуб, доираи мавзуъҳо ва андешаҳои адиб тағйир меёбад ва ҷои ифодаҳои тезутунди баёнро васфу ситоиш мегирад. Дар очеркҳову шеърҳои ӯ васфи симоҳо афзалият пайдо мекунанд, ки ин ҷиҳатҳо дар намунаи осори ӯ дар солҳои 1970-1995 хеле кам ба назар мерасанд. Яке аз дӯстон ва наздикони шоир – У.Шерхон, ки аз зиндагиву осори адиб хеле зиёд огаҳ мебошад,

чунин ақида дорад, ки дар охирин солҳои ҳаёташ Т. Хоҷа рӯ ба мадҳиясароӣ (васфия) овардааст. Ба гумони инҷониб, мадҳия оҳанги нисбатан манфӣ дошта, барои нишон додани хати эҷоди адиб баҳогузории мувофиқ нест: “Шоири ширинсухан Тӯлқин Хоҷа тайи 12 соли охири ҳаёт ба васфиягӯӣ шуғл варзид. Як силсила шеърҳои тавсифияш, амсоли “Рӯинтан” (Тӯёнае ба 80-солагии ҷанговар Ғаюр Сафар), “Саҳли мумтанеъ” (Эҳдо ба Маҳмадулло Сайдалиев), “Албурз” (Тақдим ба Алимурод Тағоймуродов), “Достони самимият” (Эҳдо ба Асадулло Раҳмон) ва ғайра рӯи чоп омаданд” [133]. Беҳтар он аст, ки агар ин навъи эҷодро равияи очеркӣ номем, зеро худи адиб дар шеърҳояш тамаллуқу васфро инкор менамояд. Аммо он нуқта инкор карда намешавад, ки дар ҳақиқат, баъд аз солҳои 2000-ум шеърҳои тавсифии адиб якбора зиёд мегарданд ва бо пайванди амиқ доштан бо воқеият онҳо очеркҳои манзуманд. Як хусусияти эҷоди ин давр он аст, ки ҳарчанд васфу таҳсинҳо нисбат ба чеҳраҳо боло раванд ҳам, аммо бо истифода аз имкону фурсат дар ҳошияи онҳо нуқтаи назари интиқодӣ бо усули қиёс ҳатман пеш оварда мешаванд, яъне табиати осори ӯ ба пуррагӣ тағйир наёфта, ҳамон Тӯлқине ба назар мерасад, ки дар замони шуравӣ аз мақолаву шеърҳои интиқодияш масъулону мақомдорон ҳарос доштанд.

3.2. Қолабҳои жанрии публитсистикаи адиб

Назар ба қавли муҳаққиқон, “Публитсистика набзи замон буд, ҳаст ва боқӣ мемонад...” [53, с. 314-316] ва ин ҷиҳат ҳар як адибро водор мекунад, ки қатъи назар аз пардозҳои бадеӣ воқеиятро ба меҳвари марому мақсади худ табдил диҳад. Қолаби баёни публитсистӣ дар такомулу тарбияи адибон дар ҳама давру замон нақши назаррас дорад. Нахустҳадафи ҳар як эҷодкори ҳанӯз дар остонаи майдони ҳунар қароргирифта оҷилтару амиқтар таъсир расонидан ба олами афкори хонанда мебошад. Чунин ҳадаф дар заминаи дарёфти табъу завқи хонанда ҳосил мешавад, ки публитсистика нисбат ба дигар навъҳои эҷод ин имконро бештар соҳиб

аст. Гузашти вақт имкон ба вуҷуд меоварад, ки нигоранда зина ба зина қуллаҳои эҷодиро фатҳ намуда, чун як адиби муваффақ дар ҷомеа муаррифӣ гардад. Ҳамин ҷиҳат аст, ки ба андешаи муҳаққиқон "...аз Горкий барин нависандагони бузург оғоз карда, тамоми соҳибқаламони соҳибкитобу ҷӯянда тарбиятгирандагони бевоситаи мактаби публитсистика буданд" [53, с. 314-316]. Т. Хоҷа низ бо нашри аввалин навиштаҳои матбуотияш дар замони донишҷӯӣ аз матолиби воқеъгароёнааш дарак дода буд. Публитсистикаи ӯ аз аввалин рӯзҳо саршори оҳанги замоне мебошанд, ки шоир дар фазои он зистааст. Дар асоси баъзе навиштаҳои Т. Хоҷа ба хулоса омадан мумкин аст, ки ӯ хеле муборизу пурмасъул аст ва аз гуфтани сухани ҳақ парҳез надорад. Тавре дар боло зикр гардид, аз оҳанги баъзе шеърҳояш бармеояд, ки ӯ дар зиндагӣ мавриди фишору таъқибҳои равонӣ қарор гирифтааст. Бюрократияи замони шуравӣ барои адиб гирифториҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст. Таҳдидҳову душмансозиҳо дар симои ӯ бештар ба маводи интиқодиаш робита дошта, ба масъулону соҳибмартабаҳо чандон писанд нест. Ҳамин аст, ки дар осори ӯ жанрҳои танқидиву ҳаҷвӣ кам нестанд ва ба ҷои тамаллуқ ошкоро дар муқобили маҳдудияту монеаҳо будан мехоҳад.

Яке аз жанрҳое, ки дар эҷоди ӯ бештар истифода шудааст, луқма мебошад. Аз тафсири ин жанр бармеояд, ки луқма дар баробари дигар афрод бештар ба он ашхоси соҳибмақоме нигаронида мешавад, ки дар фаъолияти худ иштибоҳу норасоиҳо доранд: «Ин жанр хитоб аст. Хитоб ба касе, ки саҳв, ё бад кардааст, хитоб ба аудиторияе, ки аз чунин одамон бояд худро эҳтиёт намоянд, хитоб ба масъулин, ки аз гуноҳҳо парҳез кунанд» [109, с.118]. Навиштаи адиб бо номи «Тарбия корест таъхирнопазир» [138] аз рӯи қолаби жанрӣ ба луқма монандиҳо дорад. Дар он танҳо юмор заифтар буда, сатира қавитар гаштааст: "...талабагони шаршарӣ воситаи хуби худсафедкунии аҳли мактаб гаштааст.

– Чаро баъзе талабагон ба дарс омода нестанд? – пурсидем аз муаллиме.

– Онҳо шаршариҳоянд, – баҳона пеш овард ӯ.

– Хӯш, сабаби ба дарс иштирок накардани дигар талабаҳо дар чист?

– Дар синфи мо шаршариҳо ҳам мехонанд, – посух дод роҳбари синф” [138].

Дар муколамаи боло мазмуну мантиқи хос ҷой дорад. Чун хонандагон аз деҳаи Шаршар аз се километр роҳ ба дарс намеоянд, баҳонае дар сатҳи пасти таълим нишон дода шудааст. Дар луқмаи мазкур ба ҳоли мактаби Пушинг, хоҷагии ба номи Дзержинский ва шуъбаи маорифи ноҳияи Данғара хандаи заҳрдор карда мешавад. Чун хосияти луқма даъвату хитоб аст, ин хосият қатъи назар нагаштааст: “...чаро роҳбарони совхоз аз вазъият огоҳ бошанд ҳам, худро ба нодонӣ мезананд. Ба ин вазъияти ташвишовар кормандони шуъбаи маорифи район чӣ хел баҳо медода бошанд” [138].

Памфлет аз ҷумлаи жанрҳои камшуморест, ки ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам дар замони истиқлолият хеле кам иншо мешавад. Ба ақидаи муҳаққиқон, метавон ҷонибдор гардид, ки «…дар памфлет тасвири ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба ҳадде хусусияти шиддатнок пайдо мекунад» [80, с.156]. Бо ин сабаб ва бо иллати худсензура муаллифон намехоҳанд, ки бо чунин мавзуоти пурсару садо сари кор гиранд. Дар ин самт ҳарифу душманони идеологии хориҷӣ қатъи назар аст ва хеле зиёд мушоҳида меша вад, ки дар баррасии чунин мавзуот (дар замони шуравӣ фашизму империализм ва дар замони истиқлолият терроризму экстремизм) муаллифон хеле фаъол низ ҳастанд. Аз рӯи таъиноту хосият памфлет ба душмани дохилӣ низ сари кор мегирад, ки, мутаассифона, журналистон аз мудохила ба чунин мавзуот худдорӣ менамоянд. Ин дар суратест, ки бо корбасти луқмаву фелетонҳо дар оғози асри гузашта неруи матбуот мушаххас мегардид ва ҳамин аст, ки “...газетаро бо назардошти имконоту вазифаҳояш дар солҳои 20-30-и асри гузашта, муаллим, ҳимоятгар ва рафиқ мегуфтанд” [59, с. 284-287]. Аммо Тӯлқин Хоҷа аз ҷумлаи он муаллифонест, ки ин гуна душманони дохилиро пайдо карда метавонад ва ошкорову равшан онҳоро маҳкум менамояд. Навиштаи дигари ӯ таҳти унвони “Бепарвоӣ ҳам ҷиноят аст” [135] аз рӯи қолаби жанрӣ ва тарзи масъалагузориву ҳаҷви тезутунд памфлет аст. Муҳимтарин ҷиҳати навишта он аст, ки дар он ҷуръат хеле баланд аст ва

рӯзноманигори ошкоргӯву мушоҳидакор будани муаллифро нишон медиҳад. Навишта қаҳрамони ягона надошта, нахуст ба ҳоли намояндагони ҳифзи ҳуқуқ хандида мешавад, ки ноуҳдабароянд ва баъдан “Бобохони падару модаркуш” [135] маҳкум карда мешавад. Бобохон дар озодӣ қарор дорад ва ҷинояткори хавфнок мебошад. Таъиноти жанрӣ нишон медиҳад, ки «бар хилофи фелетон дар памфлет мавқеи асосиро фикр ишғол мекунад ва факт ҳамчун масолеҳи пуркунандаи фикри иброзшуда истифода мешавад» [80, с. 155]. Навиштаи муаллиф ба ин талабот ҷавобгӯ аст ва дар заминаи факту рақамҳо кирдорҳои ҷиноятии Гулмоҳ ва Бобохон мушаххас баён карда мешаванд. Муҳимтарин ҷузъи дигари ин памфлет он аст, ки сиёсати бозсозии замон танқид карда мешавад ва қонунҳои ноадолатона мазаммат мегарданд. Аз ҷумла, мухолифати муаллиф бар зидди қонунҳое иброз дошта мешавад, ки нисбат ба қотилон амал менамояд: “Ниҳоят чизи дигаре, ки дар қолаби муҳокимаронихои ман намеғунҷад, раҳмдилии аз ҳад зиёди кодексҳои ҷиноятӣ нисбат ба маҳкумшудагон аст. Бо гуноҳи азиме 5-10 сол маҳкум мешаванду бо савоби андаке дар 3-5 сол муҳлатро адо мекунанд” [135]. Бо чунин гилагузориҳо Бобохон аз дидгоҳи муаллиф ҷинояткори ашаддиест, ки падару модари худро қатл кардааст. Бо ин ҷинояти нангин қотил маҳкум карда мешавад ва ишора ба он пуштибононе аз намояндагони ҳифзи ҳуқуқ карда мешавад, ки Бобохонро аз ҷазоҳои сангин раҳо мекунанд. Хандаи маҳвкунанда алайҳи қонунҳои замони шуравӣ хосияти андешапарварӣ дошта, муносибати омиронаи онҳо зери тозиёнаи танқид гирифта мешавад. Интиқоди Т. Хоҷа нисбат ба падидаҳои алоҳида умумӣ нестанд ва бо мазмунҳои таҳтонӣ ҳатман ба касеву чизе ишора мекунад. Дар навиштаи боло намояндагони алоҳидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сабабгори нобасомонии рӯзгори одамон ҳукм карда мешаванд. Маҳз бо ин сабаб адиб мавриди фишорҳои ошкору ниҳон қарор мегирад. Ба ин масъала Ҷ.Темурзода нуқтаи назари хос дошта, ҷуръати адибро омили аслии мақбул набудани ӯ ба масъулону ҳокимони давр меҳисобад. Аз андешаҳои Ҷ. Темурзода бармеояд, ки Тӯлқин бо мақолаҳои интиқодӣ бештар дар

солҳои ҳаштодуми асри гузашта, мавриди фишору таъқибҳои мансабдорону дигар ашхоси масъули нотавонбин қарор гирифтааст: «Озодандешӣ ва бепардагуфтанҳои Тӯлқин охири солҳои ҳаштодуми асри гузашта ба гӯши аксар роҳбарони вақт намефорид. Пиндори ӯ, гуфтори ӯ ва рафтори ӯ ба баъзе аз ҳамқадамону ҳамқаламонаш қобили қабул набуд» [130]. Ҷиҳати хос он аст, ки Т. Хоҷа инсоншинос буд ва дар муқобили дурӯяҳову тамаллуққорону табоҳкорон аз мубориза даст намекашид. Аз андешаҳои Ҷ. Темурзода бармеояд, ки баъди марги Т. Хоҷа ин афрод бо рӯсиёҳӣ ба сӯгвории шоир омадаанд "Он худхоҳон ва берӯриёҳо пеши роҳбарони вақт ба хотири мақому мартаба ва мансабе сари садҳо Тӯлқинро хӯрда, соҳиби ҷоҳу ҷалолҳо ва мақомҳо гардида, баъди чанде ки аз мансабҳо рафтанд ба суроғи ӯ омада, ба ситоишаш мепардозанд. Ва сӯгнома навишта, аз марги нобаҳангомаш бо рӯсиёҳӣ афсӯс мехӯрданд. Тӯлқин ҳамаи онҳоро то вопасин нафас бо хубӣ мешинохт» [130].

Тӯлқин Хоҷа адибу публитсисти фаъолест, ки ба таври маҳдуд танҳо дар доираи истифодаи жанрҳои публитсистии хосияти бадеидошта қарор намегирад. Жанрҳои хабарӣ дар эҷоди ӯ мавқеи муҳим доранд ва ин жанрҳо низ аз ҳунари тасвиргароии ӯ таъсирпазир гардиданд. Аз ҷумла матлаби хабарии ӯ бо номи "Машқи мукаммал дар сатҳи баланд гузашт" [152] ба хонанда дар бораи чорабинии муҳимми ноҳиявӣ нақл мекунад. Ин гузориш (репортаж) руҳияи ахбории маълумеро дар худ нигоҳ дошта, аз саҳнаҳои ифодакунандаи воқеаи баамаломада хабар медиҳад. Хосияти репортаж он аст, ки "...дидашаванда аст, амал аст... Ҳодиса айнан тасвир карда мешавад. То чӣ андоза ин тасвир диданӣ мешавад, ба ҳунари нависандагӣ вобаста аст" [109, с. 33]. Дар ҳақиқат, дар ин гузориш муаллиф баргузории чандрӯзаи ин чорабиниро дар доираи тасвирҳои зинда ба жанри лавҳа нишон дода тавонистааст. Динамизми тасвирҳо ҷолибият пайдо менамоянд: "Сипас ҳама вориди бинои мактаб гаштанд. Дарс оғоз шуд. Хонандагону омӯзгорон оиди мудофиаи граждани дарсҳои тарбиявӣ ва викторина ташкил карданд" [152]. Маълум аст, ки муаллиф дар ҷои воқеа ҳузур дорад ва қобилияти мушоҳидаи муаллиф дар он зоҳир

мешавад, ки ӯ ҳама чизро дар асоси назора тасвир намудааст. Тасвирҳо ва нақлҳое, ки дар ин навишта оҷилият надоранд, симои объектро нишон дода, муҳиммияти баргузории ин тамринро возеҳ сохтаанд. Гузориш бо нашри се акс муҳиммияти воқеаро собит сохтааст ва ҷиҳати хоси публитсистӣ он аст, ки мавқеи муаллиф дар он пассив нест. Т. Хоҷа осебпазир будани ноҳияи Данғараро ҳангоми обхезиву селҳо зикр намуда, омодагии сокинонро ҳангоми ин ҳодисаҳо яке аз шартҳои муҳимми наҷот меҳисобад: “Гоҳо аз таъсири селҳои баланд хисоротҳо низ ба рӯзгори аҳли ин хонаводаҳо ворид мешавад. Доир шудани чорабинии мазкур барои онҳо ниҳоят муфид афтод. Ҳам соҳилҳои селгузари деҳа мустаҳкамтар шуду таҳдиди хисоротҳо камтар ва ҳам аз низоми наҷотбахшӣ нисбат ба якдигар огоҳ гаштанд” [152].

Т. Хоҷа дар лавҳнависӣ моҳир аст ва дар ҳар як лавҳаи ӯ ҷараёни зиндагии ҳаррӯза дилчаспу хотирмон баррасӣ мешавад. Саҳнаҳои мувофиқу ифодакунандаи амиқи мавзуъ ҳадафи меҳварии муаллифро фаро гирифта метавонанд. Қаҳрамонони лавҳаҳои ӯ бештар омӯзгорону мураббияҳо ва деҳқонону коргароне ҳастанд, ки кору зиндагии онҳо ибратомӯзу намунавӣ мебошад. “Баҳори боғча”, “Аз пахтакорӣ ба некуаҳволӣ”, «Дар ҳама соҳаҳо ибратомӯз» аз ҷумлаи лавҳаҳое мебошанд, ки дар онҳо таҷассуми симоҳои намунаи майдони меҳнатро дидан мумкин аст. Дар шарҳу тафсил ва ремаркаҳову сужаҳои кӯтоҳ аҳаммияти иҷтимоии мавзуъ нозукона баррасӣ мешаванд. “Баҳори боғча” лавҳаест, ки дар бораи “зани мушфиқу меҳрубон ва чашми кордон Абдуллоева Рачабмоҳ” [144] нақл мекунад. Рачабмоҳ бонуи кордону ташкилочиест, ки дар кори ободонии боғча нақши сазовори худро нишон дода тавонистааст. Саҳнаҳо бо ҷузъиёти фарогирӣ дар лавҳаи мазкур заифтар бошанд ҳам, аммо тафсилу ташреҳҳо дар асоси нақлҳои мушоҳидавӣ симои Рачабмоҳро мусбату кордон нишон додаанд. Агар аз рӯи анъана таркиби аксар лавҳаҳо аз шумори корнамоиҳо иборат шаванд, дар ин лавҳа, баръакс, зикри сифатҳои хайру неки қаҳрамон ба роҳ монда мешавад: “Рачабмоҳ ҳамеша ороста ва пероста мебошад. Гуфтору рафтораш дилкаш аст. Табиати нарму

мулоим дорад. Дуруштию даҒалӣ аз табиати вай дур аст. Ба хубӣ низоми корашро қавӣ медорад” [144]. Тасвирҳои бадеӣ ҳолати боҒчаро гуворову ҷолиб нишон медиҳанд ва муаллиф зимни мушоҳида ҳақиқати воқеиро баррасӣ кардааст, ки муваффақияту кордонии директори онро бозгӯ менамояд: “Он ҷо кӯдакон дар байни гулу гулбунҳо, сояи беду сафедорон ва мураббияҳои мушфиқу меҳрубон нигоҳубин ва тарбия меёбанд. Аз меваю сабзавоти худӣ ком ширин менамоянд” [144]. Доираи факту рақамҳо аз мавзуъ хабардор будани муаллифро нишон медиҳанд ва, аз ҷониби дигар, дар доираи қиёс ҳолати панҷ сол қабли боҒча зикр карда мешавад: “Дар боҒча 80 нафар кӯдакон тарбия меёбанд. Барои ҷиҳати ҷисмонию маънавӣ тарбия гирифтани онҳо 27 нафар кормандон заҳмат мекашанд. Тарбиятгирандагон ба 5 гурӯҳ тақсим шудаанд” [144].

Дар навиштаи дигари адиб дар саҳифаҳои нашрияи “Симои ДанҒара” бо номи “Аз пахтакорӣ ба некуаҳволӣ” [146] дар баробари баррасии нисбатан фаррохи проблемаҳои соҳаи кишоварзӣ, ба нишон додани симои намунаи ибрат таваҷҷуҳ карда шудааст. Яъне лавҳаест, ки хусусиятҳои проблемавию портретиро дар якҷоягӣ дар худ нигоҳ доштааст. Ба ин омил бештар тавсифи се қаҳрамон – Юсуфалӣ Шоев, Сайдулло Сӯфиев ва Сафаралӣ Арзиқулов мусоидат кардааст. Проблемагузорӣ вусъати бештар пайдо мекунад ва дар домани ин проблемаҳо нақши чеҳраҳо бозгӯ мешаванд. Офариниши саҳнаҳо дар лавҳаи мазкур заиф мебошад ва бештар ремаркаҳо симои қаҳрамононро нишон додаанд. Муаллиф дар доираи маҳдудтар қарор мегирад ва бештар тобеи як ҳадаф – таҳқиқи симо мешавад. Раиси хоҷагӣ Юсуфалӣ кордон аст, нисбат ба тобеон шафқат дорад ва худаш бевосита аз аҳвол хабардор мегардад. “Юсуфалӣ Шоев ба супориш ва вобастакуниҳо бо пахтакорон ҒамхорӣҒ намекунад. Пеш аз баёни ниёзаш пахтакорро бениёз мекунад” [146]. Дар бораи Сайдулло Сӯфиев нақли маълумотҳо чеҳрасоз гардидааст. Баъзе факту рақамҳо нисбат ба ӯ шубҳаовар ҳам мешаванд: “... чилу чор сол боз саркорӣ кардааасту боре ҳам ба бемуваффақӣ ноил нашудааст” [146].

Тӯлқин Хоҷа публитсистест, ки бо факту рақамҳо сари кор гирифтан ва коркарди онҳоро меписандад. Мавқеи ӯро бештар боҷуръатона пеш овардани факту рақамҳои возеҳу нав дар мақолаву репортаж, лавҳаву очерк ва луқмаву фелетонҳо устувор сохтаанд. Очерки «Дар ҳама соҳаҳо ибратомӯз» [159] бештар бо хосияти таҳлили факту рақамҳо ҷолиб ба назар мерасад. Муҳиммияту мубрамияти очерки мазкур дар он зоҳир мешавад, ки дар бораи касбияту кордонии нафаре нақл мекунад, ки берун аз ноҳия дар ҳудуди ҷумҳурӣ ӯро мешиносанд. То андозаи муайян дар он хусусияти очерки портретӣ ба назар расад ҳам, аммо баррасиву таҳлили проблемаҳои кишоварзии ноҳия ва бурду бохти соҳа ба мадди аввал мебарояд. Муаллиф зимни факту далелҳо пешрафту муваффақияти хоҷагиву кооперативи истеҳсолии “Раҳмонҷон”-ро нишон дода, нисбат ба масъалаи «таҳқиқи сарнавишти инсон» [99, с.30] бетафовут нест. Дар ин очерк домани бадеият маҳдуд аст ва нақли бомарому мутавозун ва пешниҳоди факту рақамҳои зиёд оммавияти матлабро таъмин кардаанд. Аз ин лиҳоз қолаби очерки проблемавӣ дар ин навишта бештар ба назар расида, уфуқҳои андеша фаррох мешаванд. Хусусияту таъиноти ин навъи очерк нишон медиҳад, ки ба миён гузоштани проблема ва масъалагузориҳо монанд ба жанрҳои таҳлилӣ ошкору возеҳ ҷараён пайдо мекунад, муаммоҳо дар рафти нақли муаллифӣ ба миён меоянд ва хулосаву таҳлилҳо ифодагари мавқеи мушаххаси муаллиф мегарданд. Мавқеи «ман»-и муаллиф дар ин очерк тира ба назар мерасад ва «бартарии шарҳи мушоҳида нисбат ба бадеият» [109, с.106] онро нишон медиҳад, ки муаллифро бештар факту рақамҳо ба ваҷд меоваранд. Аммо муаллиф ғарқи фактҳо намешавад ва дар коркарди онҳо муваффақ аст. Очерки мазкур бо назардошти «ташреҳу тавзеҳ» [99, с. 16-17]-и факт доираи муайяни таҳлилҳоро ба вуҷуд овардааст: ““Меҳнати аҳлонаи 215 нафар аъзоёни хоҷагӣ”, “аз чиниши аввал 15-20 сентнерӣ ҳосил ба даст овардан”, “корам гардонидани заминҳои партов, санглох, камҳосил”, “аз ҳар гектар ба даст овардани 35 сентнерӣ ҳосил”, “озмоиши 2 навъ пахтаи рангаи хитойӣ ва 6 навъ пахтаи фарангӣ”, “6 навбат чӯҷа истеҳсол кардан ва 40 ҳазор чӯҷа фурӯхтан”, “5 гектар кишти шолӣ”, “48 га

домани боғу токзорҳо”, “3 ҳазор сар мурғи хонагӣ ва 1000 сар мурғи марҷон”, “ба парвариш фаро гирифтани 165 сар бедона...” [159] ва монанди ин факту рақаму далелҳое мебошанд, ки дар асоси онҳо муаллиф бурду бохти хоҷагиро ҳамаҷониба нишон додааст. Фактҳои боло чун дастоварди хоҷагии мазкур нишон дода мешаванд ва дар ин ҷода нақши сарвари хоҷагӣ махсус таъкид карда мешавад: “Сабаби рушд ёфтан ва ғановат афзудани он ба кордонию коргузории оқилонаи сарвари он – акои Нуриддин Раҳмонов вобаста аст. Ӯ ҳамеша фоидаи бадастомадаро мақсаднок сарф мекунад. Аъзоёнро дар завқмандии хос нигоҳ медорад” [159]. Дар ҷумлаҳои дигар муаллиф аз қолаби гуфтори обшуста ҳазар намекунад, ки хоси замони шӯравӣ буд. Тафовут танҳо он аст, ки дар замони шуравӣ колхозу совхозҳо амал мекарданд ва ҳама муваффақият ба ҳизби ягонаи ҳукмрон нисбат дода мешуд: “Асоси дастовардҳои хоҷагиро некуаҳволии аъзоён ташкил медиҳад. Онҳо бо шароитҳои хуби корӣ ва маоши басанда таъмин мешаванд. Натиҷаи чиниши чинакчиён ҳар даҳрӯза ҷамъбаст гашта, ғолибон бо туҳфаҳо сарфароз карда мешаванд” [159].

Дар назарияи шинохти жанрҳо нисбат ба жанри мақола чунин фаҳмише вуҷуд дорад, ки “муаллиф дар мақола ба дурустӣ, ё иштибоҳ будани ин ё он ақидаву фикр хонандаро муътақид сохтан мехоҳад” [39, с. 172]. Албатта, ин муътақидсозӣ ба ҳунари корбасти шарҳу тавзеҳ ва хулосаву ҳукмҳои муаллиф вобастагӣ дорад, ки то кадом андоза ба умқи масъала фурӯ рафтааст. Т. Хоҷа низ дар робита ба хосияти таҳлилии навиштаҳояш гуфтан мумкин аст, ки дар фаъолияти эҷодии худ аз жанри мақола бештар истифода кардааст. Дар навиштани мақола қолабшиканиҳоро ба роҳ мегузорад ва дар ҳошияи факту рақамҳо фикри озоди худро осон матраҳ менамояд. Дар ин ҷода ӯ журналисти таҳлилгарест, ки ба маҷмуи фактҳо такя карда, барояш мақола “беҳтарин василаи баёни фикр ва дарҷи ақида” [109, с. 59] мегардад. Ин ҷиҳатро дар мақолаи ӯ бо номи “Данғара – ғарами дон” [153] дидан мумкин аст, ки дар нашрияи “Ҷавонони Тоҷикистон” ба нашр расидааст. Мақола зери рубрикаи “Ба ифтихори 20-солагии истиқлолияти давлатӣ” ба нашр

расидааст ва аз нигоҳи ҳаҷм як саҳифаи пурраи рӯзномаро ташкил медиҳад. Муаллиф дар муқаддимаи навишта сайри кӯтоҳи таърихие ба гузаштаи ноҳияи Данғара намуда, замоне Хуррамшаҳр ном доштани онро зикр менамояд. Дар ин муқаддима ихтилофи андешаҳои муаллиф ба назар мерасад. Чунончи, андешаҳои "водии Данғара аз қадимулайём обшору ободон будааст" ва "ободии сарорсарии водӣ аз миёнаҳои асри гузашта оғоз ва дар замони истиқлолият ривоҷу равнақ ёфтааст" то ҳадде ҳамдигарро инкор менамоянд. Муносибати муаллиф ба масъалаҳои иқтисодиву кишоварзии ноҳия бештар зоҳир гардида, таҳлили факту рақамҳо ақидаи ӯро дар баррасии ҳар як масъала устувортар сохтааст. Андешаи меҳварӣ дар мақолаи мазкур ҳамчун ноҳияи аграрии пешрафта муаррифӣ кардани ноҳияи Данғара мебошад. Дар ин самт муаллиф хоҷагиҳои алоҳидаи пешрафтаи ноҳияро ("Сомонҷон", "Шамсия", "Самандар", "Исроил" ва ғ.) мисол оварда, натиҷаҳои истеҳсолии онҳоро шарҳ медиҳад. Дар мақола масъалаҳои истеҳсоли ғалла, рушди токпарварӣ ва парвариши чорво матраҳ гардидааст. Маълум аст, ки "дар мақола таҳлил, андеша ва мулоҳиза мавқеи асосӣ дорад" [74, с.118] ва Т. Хоҷа низ бештар дар асоси қиёсҳо ин вазифаро ҳаллу фасл кардааст.

Дар ҳама давраҳо яке аз омилҳои асосии баланд гардонидани руҳияи ҷомеа «...навиштани мақолаҳои гуногуни оммафаҳм"» [37, с. 283-288] ба шумор меравад, ки дар дигар гардидани андешаву афкори омма таъсири оҷиливу возеҳ дошта метавонанд. Аксар мақолаҳои Т. Хоҷа низ бо хосияти оммавии худ масъалаҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки моҳияти амиқи иҷтимоӣ доранд ва барои беҳтар гардидани некуаҳволии зиндагии мардум нигаронида шудаанд. Мақолаи "Данғара: марҳалаи нави обёриву ободонӣ" [154] ба яке аз масъалаҳои муҳим – обёрии даштҳои Данғара бахшида шудааст. Дар мавриди жанри мақола муҳаққиқ И.Усмонов андеша дорад, ки "...муаллифи мақола бояд услубе дошта бошад, ки бо образнокии калом, бо мисолҳои боварибахш мардумро ҷазб кунад, илҳом бахшад, ба ҳаракат оварад" [109, с. 62]. Чунин хусусият дар мақолаи мазкур бараъло зоҳир аст. Муаллиф бо забони содаву оммафаҳм проблемаҳои

марбут ба обро ҳамаҷониба дар доираи минтақаи муайян омӯхтааст. Назари интиқодӣ нисбат ба даврони шуравӣ, ки масъулону мутахассисон нақшаҳои дурнаморо иҷро накарданд, возеҳу равшан мешавад: "...тибқи нақша тавассути бунёду ба кор андохтани нақби 14-километраи ирригатсионӣ 93 ҳазор гектар даштҳои Данғара обёрӣ мешуд" [154]. Асоси жанри мақоларо факту рақамҳои фарогири мавзуъ ташкил медиҳанд. Аз мазмуни он бармеояд, ки муаллиф ба идораҳои дахлдор муроҷиат кардааст, аз маълумоти бойгониҳо истифода бурдааст ва дар асоси ин ҳама афкори мушаххас ва таҳлилу хулосаҳо шакл пайдо менамояд. Аз назари муаллиф фориғболии замони шуравӣ мушкилоти замони истиқлол гардида, заминҳои зиёди нокорам бекор хобидаанд. Дар ин замина ақидаҳои ӯ дар асоси факту рақамҳои марбут ба соҳа баён гардида, таваҷҷуҳи хонанда ба вазъи имрӯза ҷалб карда мешавад, ки оҳанги даъват ба ҳалли проблемаро дорад: "Тибқи лоиҳаи Институти лоиҳакашии Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Иттиҳоди Шуравӣ ва Тоҷикистон, дар навбати аввал 10200 гектар замин обёрӣ мегардид. Аммо ин мақсади начиб комилан иҷро нагардид. Аз нишондод фақат 7450 га замин аз худ карда шуду халос" [154]. Муҳимтарин ҷузъиёт дар мақолаи мазкур таҳлилҳои уфуқдор ба ҳисоб мераванд. Ҳарчанд назари интиқодӣ нисбат ба ин масъала ба назар расад ҳам, вале ба тасмиму талошҳои имрӯзаи Президенти мамлакат дар анҷоми нақшаҳои нотамом баҳои баланд гузошта мешавад. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ роҳи ягонаи васеъ гардонидаи заминҳои корами обӣ дар ноҳияи Данғара дониста мешавад.

Дар мақолаи "Ояндаи соҳаи кишоварзӣ нек аст" [155] таҳлилҳои муаллиф дар бобати имконоти кишоварзиву истеҳсолии ноҳияи Данғара боз ҳам васеътар аст. Мақола ҳаҷман васеъ буда, 1,5 саҳифаи рӯзномаро ташкил додааст. Назар ба қавли муҳаққиқ А. Азимов, мақола "аҳаммияти таърихӣ, адабӣ ва публитсистӣ" [3, с. 42] дорад. Ин мақола низ аз чунин хусусиятҳо иборат гардида, дар баробари нуқтаи назар ва ақидаи муаллиф аз тасвирҳои то андозае бадеӣ иборат шудааст, ки хосияти адабии онро бозгӯ менамояд: "Як назари тамошо аз болои аҷбаи Шаршар кофист, ки

ҳақиқати ин манзара ҳувайдо гардад. Домани боғу бӯстонҳо ва сарсабзию хуррамиҳои Данғара то ба ҳадде густурда шудааст, ки ҳар гуна назари тамошо интиҳои онро дарнамеёбад. Дар нимароҳҳо бозмемонад” [3, с. 42]. Дар ҳақиқат, мақола дар асоси факт ва рақамҳои истифодашуда пешравию шукуфонии ноҳияи мазкурро исбот карда тавонистааст. Ақидаву донишҳои муаллиф ба он равона гардидааст, ки хуррамиву сарсабзиҳои замони истиқлолро дар ин ноҳия нишон дода, омилҳои пешрафти бесобиқаро ба ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ вобаста кунонидааст. Мисолҳои боварибахши муаллиф ба доираи тафаккури хонанда бетаъсир намешаванд. Т. Хоҷа бо баъзе асосҳои илмӣ ақидаву андешаашро самт мебахшад ва аз он таъкид менамояд, ки Данғара шуҳрати қадимии худро аз даст додан намехоҳад: “Ҳафриёту бозёфтҳои бостоншиносӣ ва сарчашмаҳои илмию адабӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки водии Данғара аз қадимулайём обшору ободон будааст. Ба ин хотир ин диёр дар бархе аз таърихномаҳо Хуррамзамин ёд шудааст” [155]. Ин навишта, дар маҷмуъ, мақолаи таҳлилӣ аст, ки проблемаҳои кишоварзии ноҳияро дар давоми бист соли истиқлолият мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф дар асоси мисолҳо фикри худро исбот карда тавонистааст ва ҳар як хулосаву ташреҳи он ба табъу завқи хонанда мувофиқ низ омадааст. Муаллиф бо пеш овардани мисолҳои алоҳида аз тартиби кори хоҷагии “Сомонҷон” баъзе омилҳои пешрафтро дар сохти нави иҷтимоӣ бозгӯ менамояд. Номи мавзеъҳо ва минтақаҳои киштбобу барои ниҳолпарварӣ мувофиқи ноҳия ба монанди Пушинг, Лолазор, Сангтӯда зикр гардидаанд. Хосияти тарғибиву ташвиқии мақолаи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки имрӯз пурра ба шакли нави хоҷагидорӣ гузаштан ногузир аст. Ин ақидаи худро боз ҳам дар асоси факту рақамҳо исбот мекунад, ки ноҳияи Данғара ҳамчун ноҳияи ғаллапарварӣ мавқеи худро дар қиёс бо замони шуравӣ боз ҳам устувортар намудааст: “Агар дар солҳои 80-уми асри гузашта домани ғаллазорони ноҳия андаке зиёдтар аз 20 ҳазор га бошад, домани силсилаи он 39910 гектарро ташкил додааст, ки қиёсан қариб як маротиба зиёд аст”.

Навиштаи дигари адиб таҳти унвони “Соҳаи бемутахассис” [140] мақолаи таҳлилиест, ки дар заминаи фактҳои омӯхташуда бурду бохти хоҷагии ба номи Дзержинскийро мавриди баррасӣ қарор додааст. Хосияти жанри мақола аст, ки дар он фикр ва факт паҳлуҳои мухталифи масъалаи мубрамеро барои хонанда муайян менамоянд ва дар заминаи он сабабҳову омилҳои ба вуҷуд омадани муаммову мушкилот нишон дода мешаванд. Дар ин мақола низ муаллиф сабабҳои иҷро нагардидани нақшаҳои хоҷагиро, пеш аз ҳама, ба “бетаҷрибагии мутахассисони бехабар аз тадбири боғбонӣ” [140] марбут медонад. Т. Хоҷа дар навиштани чунин мақолаҳои проблемавӣ муносибати ҷиддӣ дорад ва асоси фикрҳои интиқодии ӯро факту рақамҳои возеҳ ташкил медиҳанд. Ҳолати ногувори боғҳои ангурзор ташвиши ҷиддии муаллиф аст ва фориғболии мутахассисонро, ки нозукиҳои соҳаро намедонанд, махсус таъкид менамояд. Ибораи “мутахассиси беихтисос” меҳвари андешаи танқидӣ дар ин мақола аст: “Мутахассисони беихтисоси хоҷагӣ нағз медонанд, ки қисми зиёди токзор дар нишебию баландиҳо ҷойгир аст, аммо намедонанд, ки ин гуна токзор ба чӣ гуна нигоҳубину парвариш ниёз дорад” [140]. Дар мақола номи даҳҳо нафар масъулону мутахассисон гирифта мешавад, ки дар иҷрои нақшаву уҳдадориҳо номуваффақанд. Бештар нокомиву саҳлангориҳо ва вазъи бади майдонҳои токзори хоҷагии ба номи Дзержинский дар қиёс бо солҳои қаблӣ мавриди баррасиву танқид қарор дода мешаванд, ки масалан, дар соли 1986 комёбиҳои зиёдеро дар ҷамъоварии ҳосили ангурзорҳо ба даст овардааст. Асоси мақолаи мазкурро фикрҳое ташкил медиҳанд, ки дар заминаи ҷустуҷӯву омӯзишҳои муаллиф ба вуҷуд омадаанд. Дар он оҳанги хитоб низ баланд буда, ба роҳбарияти хоҷагиву шуъбаи кишоварзии ноҳия аз нуқсони аслӣ – ноуҳдабаро будани кадрҳо ишора карда мешавад. Маълумотҳои бадастовардаи муаллиф мушоҳидаҳои умумӣ нестанд, балки онҳоро аз суҳбат бо директори хоҷагӣ Ё. Ризоев пайдо намудааст: “...П.Мирзошарифов бо ихтисоси зоотехникӣ, Н.Абдуллоев бо дипломи инжинерӣ, Р.Фатҳуллоев бо ихтисоси бухгалтер, Х.Маҳмудов ва

Х.Сафаров бе ягон ихтисос сардории бригадаҳои рақамҳои 6, 14, 7, 5 ва 9-ро ба уҳда доранд” [140].

Мақолаҳои адиб дар солҳои охири ҳаёти ӯ оҳанги тарғибу ташвиқ ва дигар омилҳову ҷузъиёти тавсифиро бештар касб кардаанд. Дар қиёс бо мақолаҳои солҳои навадуми асри гузашта ва махсусан, замони шуравӣ дар даҳ соли охири ҳаёти адиб оҳанги ҷонибдории ӯ аз ин ё он мавзуъ баландтар мешавад. Дар онҳо нисбат ба масъалаҳои меҳварӣ назари якҷониба мушоҳида гардида, мавқеи муаллиф пассив аст. Навиштаи муаллиф таҳти унвони “Зимистон: корҳо хубанд” [160] аз лиҳози таҳлилҳо, масъалагузориҳо ва пешовардани факту рақамҳо мухбирнома ба шумор меравад. Дар ташхиси масъалаҳои мубрам муҳаққиқ И.Усмонов андеша дорад, ки “...барои исботи фикр мисолҳо лозиманд ва мисолҳо барои такмили ҳамдигар истифода мешаванд”. Дар мухбирномаи мазкур ин таъинот бараъло зоҳир аст ва муаллиф барои нишон додани омодагии пурраи зимистонгузаронӣ доир ба ҳар як соҳа мисолу рақамҳои зиёдро пешниҳод мекунад. Факту рақамҳои овардашуда эътибору аҳамияти иҷитимоӣ доранд ва аз онҳо хонанда хулосаи даркориро ҳосил карда метавонад. Системаи муназзами фикр дар нигоштаи мазкур риоя мегардад ва факту рақамҳо низ бо тартиби ба ҳар як соҳа алоқманд пеш оварда мешавад. Ба таври мисол дар робита ба ҳолати мавҷудаи соҳаи тандурустӣ чунин факту далелҳо зикр мегарданд: “...дар давраи тирамоҳу зимистон дар ҳаҷми 15 ҳазор сомонӣ ангишт, ҳезум ва сӯзишвории дизелӣ харида шудааст. Шишабандии ин даргоҳҳо бо масрафи 230 метри квадратӣ шиша таъмир гаштааст” [160]. Тавре аз пешниҳоди муаллиф бармеояд, хислати маълумотии навишта зиёд аст. Ба ин монанд вазъи зимистонгузаронии муассисаҳои таълимӣ низ бо зикри баъзе факту рақамҳо нишон дода мешаванд: “Боми осебдидаи мактабҳо таъмир гардиданд. Бо истифодаи 50 мураббаъ метр шиша нуқсонҳои шишабандии тирезаҳо бартараф гаштаанд. Таъмини печҳои аловӣ ва дудбаро 108 фоиз иҷро шуданд” [160]. Фаъолияти муассисаи нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Данғара низ дар чанд сарсатр таҳлил карда мешавад. Аз таҳқиқи факту рақамҳо

бармеояд, ки дар ин муассиса низ ягон проблема вуҷуд надорад. Ин дар суратест, ки аз дохили ин ноҳия ҳудуди 100 километр бештар шоҳроҳи бузург мегузарад ва ҳамчунин ду ағба то ҳади муайян дар фасли зимистон душворгузар мешаванд. Аз назари муаллиф теъдоди ҳамагӣ чанд техника барои рафъи ҳама душвориҳо кифояткунанда мебошанд: “Дар муассиса 4 адад автогрейдеру трактор ва 5 адад мошини боркаш дар ҳолати корӣ қарор доранд. Теъдоди коргарони муассиса 81 нафаранд. Онҳо бо либоси корӣ, маоши қонеъкунанда, ҳангоми навбатдорӣ бо ҷои хоби гарм ва хӯрду хӯрок таъминанд” [160]. Костагии навиштаи мазкур ҳамчун мухбирнома он аст, ки дар он баҳс ва проблема вуҷуд надорад. Қатъи назар аз он ки мухбирнома ҳаҷман васеъ аст, муаллиф дар он ягон ҷузъиёти интиқодиро истифода накардааст. Ҳол он ки дар навиштаҳои алоҳидаи худ дар замони шуравӣ Т. Хоҷа бо интиқоду масъалагузориҳои тунди худ дар ҳама доираҳо маъруфу овозадор буд.

Дар робита ба масъалаи гуногунрангии жанрӣ дар осори адиб мушоҳида мешавад, ки Т. Хоҷа ҳамчун адиби публитсист бештар ба жанри очерк такя мекунад. Танҳо он нуқта мавриди таъкид аст, ки қаҳрамонони очеркҳои ӯро бештар масъулону роҳбарон ташкил медиҳанд, ки дар музофоту маҳал ба кору фаъолият машғуланд. Ин қаҳрамонон арзанда низ ҳастанд ва ҳамчун образҳои намуна бо ҷиҳатҳои хоси характеру амал моҳияти иҷтимоӣ доранд. Адиб дар ин роҳ услуби хоси худро дошта, бар хилофи саҳнаҳои бадеиятдошта, ки як навъ талаботи жанрҳои очерку лавҳа мебошанд, аз нақли равону сода истифода мекунад. Пургӯиву тавсифҳои қолабӣ дар очеркҳояш кам ба назар расида, таҳқиқи ботин ҳадафи аслии навишта мегардад. Ба таври мисол дар очерки “Ӯро ҳар субҳу шом интизоранд” бадеият заиф бошад ҳам, ремаркаҳову сифатбахшиҳо симои ботинии Холназари директорро то ҳадде кушода тавонистаанд. Маънавияти гуфтор суръат пайдо карда, хислатҳои Холназар хусусияти андешапарварӣ доранд ва ба роҳбарони худхоҳу фармондӯст ишораи таҳтонӣ карда мешавад: “Дар хулқу атвори ӯ носуфтагие пайхас карда намешавад. Бо хурду бузург, ҳамкору шогирд ва бегонаю худӣ як хел

муносибат дорад. Ӯ корро маслиҳатомез пеш мебарад, на омирона” [161]. Таъиноту хусусияти очерк таҷозо менамояд, ки муаллифи он ба «тавсифи хронологӣ ва тарҷумаи ҳол» [78, с.143] қаноатманд нашавад ва табиист, ки чунин очеркҳо ҷолиб намебошанду мондагор нестанд. Дар очерки мазкур муаллиф дар таҳқиқи ботини қаҳрамони худ ба умқ фурӯ намеравад ва ҳама сифатбахшиҳо дар заминаи мушоҳидаҳои воқеӣ сурат гирифтаанд. Дар шинохтани қаҳрамон ҷумлаҳои тавсифсоз ҳамел кашида мешаванд ва чунин ҷумлаҳои кутоҳу зоҳири содадошта оммафаҳманду маънодорона мебошанд: “Дар сари камбудӣ сарзанишро аз ҳад намегузаронад. Соатҳои дарсияшро бо хоҳиш не, тибқи муқаррарот мегузаронад. Худ беаҳаммиятӣ зоҳир карда, аз дигарон аҳаммият талаб намекунад. Рафтори ӯ ба рафтори ҷамоат ҳамранг аст. Дар ғаму шодӣ шарики мардум аст” [161]. Дар тавсифҳои муаллиф Холназар Ҳукуматов кордону ташкилотчӣ мебошад ва дар самти ба анҷом расонидани рисолати роҳбариву омӯзгории худ иродаи қавӣ дорад. Шогирдони гимназияе, ки ӯ ба он роҳбарӣ дорад, номбардори устоди худ гардидаанд ва дар озмунҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ ғолибиятҳо ба даст овардаанд. Муаллиф бо истифодаи ибораҳову ифодаҳои “нақши падарию устодӣ”, “азму иродаашро ба шикаст надод”, “фидоии соҳаи маориф”, “манзараҳои оростаи саҳни мактаб” ва амсоли ин муборизу устувор будани қаҳрамони худро исбот карда тавонистааст.

Дар осори Тӯлқин Хоҷа репортажҳое ба назар мерасанд, ки бештар хосияти баланди бадеӣ доранд. Масалан, репортажи “Тараннуми истиқлолият дар ноҳия” [158] бо он ҷолибу хонданӣ аст, ки саҳнаҳои ифодакунандаи авзоъ ҷараёни баргузории таҷлили иди истиқлолиятро ҷолиб нишон додаанд. Дар публитсистика жанрҳо аз хусусиятҳои ҳамдигар истифода мебаранд ва ҳеҷ як жанр қолаби устувору ноҷунбон надорад. Масалан, «иштирокчӣ ва мушоҳидакунандаи бевоситаи саҳнаҳои лавҳа будани муаллиф» [35, с. 204] ба усули жанри репортаж наздик аст. Дар ин репортаж низ саҳнаҳо лавҳамонанд мешаванд ва манзараҳои фарогир ба хонанда аз ҷараёни рухдод нақл мекунанд. Ҷиҳати хосаи репортаж дар навиштаи мазкур он аст, ки дар он унсури хабарӣ мушаххас аст: “Субҳи 6-

уми сентябр маркази ноҳия дар ғояти оростагию озодагӣ сурурангезию фараҳфизоӣ дошт. Саросари кӯчаю растаҳо, пештоқи биноҳои маъмурию маскунӣ ва боғу гулгашту майдонҳо идона оро ёфта буданд” [158]. Ин репортаж таърихи воқеа мебошад, ки дар он фаврият заиф аст ва агар таҷлили идона 6 сентябр сурат гирифта бошад, пас, дар бораи он баъд аз ҳашт рӯз хабар дода мешавад, яъне моҳияти хабарии он дуюмдараҷа гардида, ҷиҳати тасвирии он назаррастар мебошад. Хосияти репортажи лирикӣ дар ин навишта бештар мебошад ва руҷуъҳои алоҳида бо эҳсоси махсус тантанаи воқеаро нишон додаанд. Ин репортаж бо истифодаи ду сурат аз баргузории таҷлили ҷашни истиқлолият нақл карда, сарлавҳа низ ба мазмуни аксҳо мувофиқ афтодааст. Факту рақамҳои истеҳсолӣ, шумори дастовардҳои истиқлолият дар соҳаи энергетика ва бунёди иншооти гуногун ҷузъиёти дигари таркибӣ дар репортажи мазкур мебошанд. Персонажи асосиву ягона раиси ноҳия Маҳмадулло Сайдалиев ба шумор меравад ва дар нутқу суханронии мавсуф ғояҳои ватандӯстӣ ифода ёфтаанд. Корбасти баъзе ҷузъиёти таҳлилӣ низ дар навишта қатъи назар нестанд, ки хислати тарғибию ташвиқиро соҳибанд: “Файзи истиқлол барои мардуми ноҳия бедареғ аст. Онҳо аз неъмати истиқлол зиёд баҳра бардоштаанд” [158].

Чунин хулоса бармеояд, ки дар эҷоди ин адиб корбасти жанрҳои гуногуни публитсистӣ доманаи маҳдуд надоранд. Одатан, адибон дар фаъолияти худ ба жанрҳои публитсистиву бадеӣ бештар такя мекунанд. Дар эҷоди Т. Хоҷа бошад, жанрҳои таҳлилӣ низ мақоми вижа доранд. Танҳо як нуқта мавриди зикр аст, ки офариниши симоҳои мусбату манфӣ дар эҷодиёти ӯ мақоми густурдатар доранд. Ҳамин ҷиҳат боис мегардад, ки адиб бештар ба жанрҳои лавҳаву очерк ва луқмаву фелетон сари кор дошта бошад.

ХУЛОСА

Тӯлқин Хоҷа омӯзгор, рӯзноманигор ва адибест, ки дур аз марказҳои бузурги фарҳангӣ камол ёфтаву мақом пайдо кардааст. Адиб ҳаёти тӯлонӣ надида бошад ҳам, дар чанд даҳсола тавонистааст, бо инъикоси авзои воқеии зиндагӣ ҳам дар назм ва ҳам дар наср муваффақ гардад. Зиндагии хоксоронаву бетамаъ доштани адиб гувоҳи он аст, ки ӯ ҳеҷ гоҳе аз паи молу сарват нарафтааст. Таҳқиқҳо маълум менамоянд, ки тамаллуқу тавсифҳои бепоя хоси эҷоди ӯ нестанд. Танҳо як нукта ошкор мешавад, ки дар солҳои охири ҳаёти худ адиб хеле фарох ба васфи инсонҳои накукору намуна мепардозад. Дар эҷоди даврони шуравии ӯ чунин хусусият хеле кам ба мушоҳида мерасад. Фаъолият дар соҳаи рӯзноманигорӣ дар баробари пешаи омӯзгорӣ ба адиб имкон додааст, ки дар эҷоду ибрози андеша истиқлолияти бештар дошта бошад. Ин ҷиҳат боиси он гардидааст, ки ҳамчун мушоҳидагари фаъол ҳама чизро аз наздик бинаду баҳогузорӣ намояд.

Осори ӯ, махсусан назми иҷтимоияш, ҳикояти аҳволу рӯзгори пур аз шебу фарози ӯст. Аз мазмуну муҳтавои осораш бармеояд, ки Тӯлқин Хоҷа дар давоми умри кутоҳи худ тавонистааст осореро ба мерос гузорад, ки моҳияти амиқи иҷтимоӣ дорад. Нахустин қадамҳои эҷодии ӯ аз навиштани аввалин шеър дар соли 1973 оғоз мешавад ва танҳо ҳамин шеър гувоҳи он аст, ки ӯ ба майдони эҷод бо қадамҳои боҷуръатона ворид гардидааст. Минбаъд низ чунин руҳияи иҷтимоӣ бо эҷоди ӯ робита дошта, ҳам дар фаъолияти рӯзноманигорӣ ва ҳам дар ҷодаи назм бештар адиби боҷасорат шинохта шудааст. Воқеият он аст, ки ӯ дар ҳама даврахо адиби публитсист мебошад.

Чун дар деҳа умри худро гузаронидааст ва набзи ҳаёти деҳотро медонад, дар мақолаҳояш масъалаҳои кишоварзиву иқтисодӣ ба мадди аввал мебароянд. Некуаҳволии халқ ва ба қадри заҳмати деҳқон расидан

оҳанги аслии навиштаҳои матбуотии адиб мебошанд. Аз назари ӯ, деҳқони русто ба ғамхориҳову дастгириҳо ниёз дорад ва ба таври қатъӣ мухолифати худро алайҳи онҳое нишон медиҳад, ки манфиатҳои кишоварзонро нодида мегиранд. Обёрии заминҳо, таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, ҳосилнок гардонидани заминҳои кишти ғалла, рушди соҳаи кишоварзӣ ва бунёди боғу токзорҳои сабзу хуррам аз мавзуъҳои доимии навиштаҳои ӯ мебошанд. Т. Хоҷа дар мақолаҳову нигоштаҳояш ба масъалаҳои сирф сиёсӣ камтар таваҷҷуҳ кардааст ва ин ҷиҳат дар назми ӯ бартарии бештар дорад. Ба таври нисбатан парешон дар доираи дигар мавзуъҳо ба ин масъала дахл намуда, бештар дар муқаддимаҳо ҷонибдории адиб нисбат ба сиёсати замон баён карда мешавад.

Т. Хоҷа чун як журналисти соҳавӣ ба ҳама гуна масъалаи иҷтимоӣ дахолати назаррас карда тавонистааст. Аз сатҳи иҷтимоии ҳаёти ҳамдиёрон огаҳ аст ва ҳамин аст, ки вай уфуқҳои фарогирии ҳар як мавзӯи иҷтимоиро медонад. Масъалаи маорифу муаллим ва тарбияву ғамхорӣ нисбат ба насли наврасу ҷавон дар навиштаҳои матбуотии адиб мақоми аввалиндараҷа доранд. Ҳар як тамоюли манфиро дар ин самт бепардаву ошкор иброз намуда, ҳалли онро ҳамчун як муаммо аз масъулон талаб менамояд.

Фаъолияти эҷодии Т.Хоҷаро ба назар гирифта, онро ба се давраи асосӣ ҷудо намудан лозим аст. Якум, даврони шуравӣ, ки адиб бештар ба матбуот ҳамкорӣ намуда, дар баробари шеъру рубоиёт аз таълифи очерку мақола ва луқмаву фелетонҳои танқидӣ дар матбуоти маҳалливу ҷумҳуриявӣ дур нагаштааст. Дуюм, даҳсолаи аввали истиқлолият мебошад, ки ҳамкории худро бо ВАО васеътар намуда бошад ҳам, дар фаъолияти адиб як андоза таваққуфи эҷодӣ мешоҳида мешавад. Сеюм, аз соли 2000 то охири ҳаёт Т. Хоҷа бинобар баъзе омилҳо қатъи назар аз ҳамкорӣ доштан бо телевизион мазмуну муҳтавои эҷоди худро тағйир медиҳад ва бештар ба назми публитсистӣ рӯ меорад.

Назми публитсистӣ минбари аслии шинохти Т. Хоҷа ҳамчун як адиби воқеъбин ба шумор меравад. Нисбат ба навиштаҳои матбуотияш дар назми иҷтимоӣ ҷуръати ӯ ба маротиб баланд мегардад. Дар робита ба ин М. Ғоиб, А. Раҳмон, Н. Яздонӣ, С. Гулов, А. Раҳим, У. Шерхон, Ҷ. Темурзода, С. Амиров, М. Абдураҳмон, А. Қутбиддинов, З. Исмоилзода, Ҳ. Ғоиб ва дигарон афзалияти шеъри иҷтимоии адибро бештар иқрор мебошанд. Чеҳрасозӣ низ дар назми адиб паҳноҳои васеъ касб карда, бештар онҳое қаҳрамони назми ӯянд, ки дар ҷомеа мартабаву нуфуз доранд. Сабку услуби Т. Хоҷа дар партави ифодаҳову ибораҳои пардозёфтаи бадеӣ шакл пайдо карда, маҷмуи осораш халқияту оммавияти баланд дорад. Дар доираи мақолу зарбулмасалҳо ва таъбирҳои гуногуни халқӣ навиштори худро шакл бахшида, бидуни ҳаррофӣ бо пешниҳоди содаву мақбули матлаб муваффақ гардидааст. Дар маҷмуъ, дар натиҷаи таҳқиқ ба чунин натиҷагириҳо расидан мумкин аст:

1. Т. Хоҷа адиб, журналист, публитсист ва омӯзгори соҳибзавқест, ки бинобар зиндагии хоксоронаву ботавозӯи худ дур аз назарҳо қарор гирифта, эҷоди ӯ бо қимату арзишҳои ҳунарӣ камтар аз дигар адибони шинохтаи ҷумҳурӣ нест [2-М].

2. Як хосияти эҷоди Тӯлқин Хоҷа он аст, ки ба истиснои осори назмии ӯ аксари мақолаву очеркҳояш бо ҳаммуаллифӣ навишта шудаанд. У. Шерхон, И. Холбой, С. Нурулло, Г. Ҳасанов, Х. Иззатуллоев, Н. Саидқул аз ҷумлаи онҳое ҳастанд, ки бо Тӯлқин Хоҷа бештар ҳаммуаллиф гардидаанд [2-М; 3-М].

3. Тӯлқин Хоҷа адибест, ки фикри такрор надошта бошад ҳам, вале аз зикри фактҳои ҳаммонанди якхела ҳазар надорад. Инро дар навиштаҳои ӯ ба монанди «Ояндаи соҳаи кишоварзӣ нек аст» ва «Данғара - – ғарами дон» дидан мумкин аст, ки дар онҳо сарлавҳаҳо гуногун бошанд ҳам, мазмун як аст [1-М].

4. Дар мақолаҳои ӯ бештар аз ҳама мавқеи иҷтимоии адиби русторо дидан мумкин аст, ки ҳама чизро аз наздик дидаву таҳқиқ карда метавонад. Тафаккури эҷодӣ ва ҷиҳатҳои равонӣ дар мақолаҳои адиб хоса аст ва мазмуни ғоявии мақолаҳои адибро набзи замону тараннуми зиндагии муқаррарии одамон ташкил медиҳад [3-М; 5-М].

5. Хосияти умумигӯӣ барои навиштаҳои Т. Хоҷа бегона аст. Ин ҷиҳатро бештар дар мақолаҳои танқидии ӯ дидан мумкин аст, ки ному насаби афроди бемасъулияту манфиатҷуро мушаххас зикр менамояд (мақолаҳои «Соҳаи бемутахассис», «Данғара: марҳалаи нави обёриву ободонӣ», «Ояндаи соҳаи кишоварзӣ нек аст» ва ғ.) [3-М].

6. Т. Хоҷа адиби чеҳрасозест, ки қаҳрамонони худро бештар аз майдони меҳнат пайдо кардааст. «Қолаби расмиятро шикаста», «Ӯро ҳар субҳу шом интизоранд», «Дар ҳамаи соҳаҳо ибрат мӯз», «Ҳунар чу мушк бувад» ва амсоли ин аз ҷумлаи очеркҳои муаллифанд, ки дар онҳо беҳтарин чеҳраҳои майдони меҳнат тасвир гардидаанд. Дар образҳои мусбати офаридаи адиб симои инсонҳои воқеиро мебинем, ки дар зиндагӣ мубориз мебошанд ва кору фаъолияти он таҷассуми ғояҳои инсондӯстона мебошанд. Аз ҷониби дигар, дар заминаи тасвири воқеъ гароёна дар осори адиб қаҳрамонони манфие низ ба назар мерасанд, ки муаллиф амалу кирдори онҳоро ошкоро омили асосии ба вуҷуд омадани монеаҳо дар рушду инкишофи ҷомеа қаламдод менамояд [4-М].

7. Ашъори адиб аз гуфтори интиқодӣ кам нест, аммо на ҳамаи онҳо дар саҳифаҳои матбуот нашр гардидаанд. Ин намунаҳо бештар мухолифати адибро ба зуҳуроти алоҳидаи ҳаёт нишон медиҳанд ва қаҳрамонони мушаххаси воқеӣ бошиддат мавриди мазаммат қарор мегиранд. Назари интиқодӣ ва муносибати тунду сард алайҳи нобасомониҳову нодаолатиҳои замон дар аксар мавридҳо дар шеърҳои ӯ хусусияти амиқи публитсистӣ доранд. Ифодаҳову тасвирҳои адиб ба зиндагии рӯзмарраи одамон иртиботи қавӣ дошта, оҳанги рӯзро баррасӣ

кардаанд. Назми иҷтимоии Тӯлқин Хоҷа тамоми паҳлуҳои ҳаётро фаро гирифта, аз шарҳу тавзеҳ ва хулосаву ҳукмҳои возеҳ таркиб ёфтаанд [3-М; 4-М].

8. Т. Хоҷа сабку услуби ҷолиби рӯзноманигориву шоириро соҳиб аст. Ибораҳои «санглоху сангвара», «ғубори касодию бехаридорӣ», «замин деҳқонро фиреб намедиҳад», «номдору номбардор», «мулки бузургпарвар», «доди тасодуф», «адолати хоҷагидорӣ», «роҳ ба бероҳа», «лаб-лаби ҷар», «фиреби ҷомазеб» ва ғайраҳо дар ифодаи мавқеи адиб мувофиқ омадаанд [2-М].

9. Дар навиштаҳои матбуотии адиб жанрҳои мақола, очерк, лавҳа, луқма, фелетон ва памфлет бештар ба назар мерасанд. Дар назми адиб ба назар расидани қолабҳои жанрии очерк, памфлет, фелетонҳои манзум як амри маъмулӣ ба шумор рафта, дар онҳо оҳанги гилаву киноя, ҳаҷву тамасхур ва танқиду ҳукм амиқ аст [2-М; 4-М].

10. Дар баробари ин хусусияти такрори мазмунҳо дар мақолаҳову очеркҳои адиб зиёданд. Масалан, бо андаке таҳриру илова дар бораи хоҷагии деҳқонии «Раҳмонҷон» дар саҳифаҳои матбуот якбора чандин матолибродучор гардидан мумкин аст. Муаллиф дар асоси маълумотҳои якхела як навиштаро гоҳо дар қолаби очерки проблемавӣ ва гоҳи дигар дар қолаби мақола ҷой медиҳад [2-М].

11. Тӯлқин Хоҷа адиби публитсист аст, ки ба зиндагии деҳотиён ба маротиб бештар ошнову қарин аст. Дар ин ҳолат ӯро характери инсонҳо бештар ҷалб намудааст, ки гуфтору кирдори онҳоро ҳамарӯза шоҳид аст. Муаммову мушкилоти зиндагиро бо назардошти манфиати иҷтимоӣ хеле возеҳу амиқ баррасӣ менамояд ва ҳар як навиштаи ӯ нишонии (адрес) мушаххас дорад. Агар эҷоди ӯро дар замони шуравӣ ҷуръату интиқод ташкил медода бошад, дар замони истиқлол ҳолати мутавозуни эҷодаш (тавсиф ва танқид) ба назар мерасад, ки ин ҷиҳат ба зиндагии шахсии адиб бештар робита пайдо кардааст [1-М; 3-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасиву таҳқиқ маълум гардид, ки доир ба махсусиятҳои публитсистии осори адибони музофотӣ, аз ҷумла Тӯлқин Хоҷа тақризҳову мақолаҳои алоҳида таълиф шуда бошанд ҳам, то ҳол таҳқиқи монографӣ доир ба фаъолият ва осори публитсистии ин адиб сурат нагирифтааст, аз ин рӯ, дар ин пажуҳиш кӯшиш шудааст, ки баъзе паҳлуҳои зиндагиву фаъолият, моҳияту мазмуни нигоштаҳо, таҳқиқи хусусиятҳои навиштаҳои матбуотӣ, таҳлилу ташхиси таркиби мундариҷавию мавзуии осори адиб ва ба ин восита нишон додани нақши Т. Хоҷа дар таҳаввулу такомули афкори иҷтимоӣ дар маҳал ва бурун аз он ба таври фарогир мавриди омӯзиш қарор гирад. Дар баробари ин, бо натиҷагирӣ аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он тавсияҳои зерин пешниҳод мегардад:

1. Матолиби диссертатсия дар оянда метавонад, барои омӯзиши ҳамаҷониба ва фарогир дар самти мавзуоти муҳимми иҷтимоӣ, ташхиси хусусиятҳои гуногунрангии жанрии публитсистикаи бадеӣ, тавозуни воқеияту бадеияти гуфтор, вижагиҳои сабку услуб ва дигар аҷзои ҳунарӣ дар назму насри адиб ва нишон додани мавқеи Т.Хоҷа дар майдони публитсистикаву адабиёт мусоидат намояд.

2. Ҷанбаи назарии рисола, ки хулосаҳои муҳаққиқ дар заминаи он ба вуҷуд омадаанд, метавонад, доираҳои муносибат, ислоҳотхоҳӣ, мавқеи адиб нисбат ба масъалаҳои иқтисодиву кишоварзӣ, маърифату ҷаҳонбинии адиб дар муносибат ба масоили иҷтимоиву сиёсӣ, дараҷаи фаврият ва тезутундии нуқтаи назар нисбат ба факту ҳаводис, усули таҳқиқ ва хулосаву каломи таъсиргузори журналистӣ дар эҷоди адибон ва ташаккули

жанрҳои публитсистӣ ва усулҳои рӯзноманигориро такмилу таҳаввул бахшад.

3. Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми навиштани мақолаҳо ва таълифи рисолаҳои илмӣ, баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи таҳқиқот ва вижагиҳои публитсистии насру назми адибон истифода кард.

4. Натиҷаҳои пажуҳишро ҳангоми таълифи рисолаву китобҳои дарсӣ, таҳияи васоити таълимӣ ва машғулиятҳои амалии публитсистикаву журналистика метавон татбиқ намуд.

5. Хулосаҳои муаллиф ва нуктаҳои асосии рисола дар раванди тадриси фанҳои таърих ва назарияи рӯзноманигорӣ, фанҳои интихобӣ, аз ҷумла матбуоти соҳавӣ манфиатнок буда, илова бар ин, ба рӯзноманигорон, муҳаққиқони соҳа дар заминаи дарёфт ва корбасти маводи илмиву таълимӣ ёрии амалӣ мерасонад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Адабиёти илмӣ

1. Азимов, А. Очеркҳо аз таърихи матботи тоҷик [Матн] / А. Азимов.– Душанбе, 1998. – 91 с.
2. Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Сино, 2000. – 186 с.
3. Азимов, А. Публитсистика ва замони муосир [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Дониш, 2004. – 42 с.
4. Азимов, А. Мактабу маориф дар публитсистикаи устод С.Айнӣ [Матн] / А. Азимов // Дар моварои сухан. – Душанбе: Матбуот, 2005. – с.27-30.
5. Азимов, А. Марзи сухан [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Дониш, 2008. – 80 с.
6. Азимов, А. Матбуот ва маҳви бесаводӣ (1928-1940) [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – 83 с.
7. Азимов, А. Матбуот ва тарбияи мухбирон [Матн] / А. Азимов.– Душанбе, 2018. – 32 с.
8. Акбаров, Ю. Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ [Матн] / Ю.Акбаров // Ҳаёт, қаҳрамон ва адабиёт. Қ.4. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 164 с.
9. Амиров, С. Ду боли як кабӯтар [Матн] / С.Амиров. – Данғара, 2015. – 31 с.
10. Аникина, А. Образное слово в тексте [Матн] / А. Аникина.– М.:,1985. –75 с.
11. Асозода, Х. Симои коргар [Матн] / Х. Асозода.–Душанбе: Ирфон, 1983. – 144 с.
12. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX [Матн] / Х. Асозода. - Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.
13. Асозода, Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 300 с.

14. Ахмадулина, Е.В. Краткий курс теории журналистики. Учебное пособие. [Матн] / Е.В. Ахмадулина. – М.: ИКЦ «МарТ»; Ростов н/Д: издательский центр «МарТ», 2006. – 272 с.

15. Бақозода, Ҷ. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар насри тоҷик [Матн] / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Ирфон, 1982.

16. Бақозода, Ҷ. Андеша ва чеҳраҳои адабӣ [Матн] / Ҷ. Бақозода. – Душанбе; Адиб, 2005. – 120 с.

17. Барабаш, Ю. Вопросы эстетики и поэтики [Матн] / Ю. Барабаш. – Москва: Современник, 1973. – 179 с.

18. Беневоленская, Т.А. Композиция газетного очерка [Матн] / Т.А. Беневоленская. – М., 1975. – 86 с.

19. Берлин, П. Очерки современной журналистики [Матн] / П. Берлин // История печати: Антология: Том II/Сост.Я.Н. Засурский, Е.Л.Вартанова. – М.: Аспект Пресс, 2001. – 494 с.

20. Бобоев, Ю. И. Назарияи адабиёт [Матн] / Ю. Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1986. – 283 с.

21. Бобоев, Ю. Эстетика ва қадамҳои назму насри тоҷик [Матн] / Ю. Бобоев. – Душанбе: Адиб, 1988. – 184 с.

22. Бозорзода, Н. Муносибати муаллиф ба рӯйдод ва факт [Матн] / Н.Бозорзода // Истиқлолият ва журналистикаи муосир (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Аржанг, 2006. – 96 с.

23. Бозорзода, Н.Ш. Сафарноманигорӣ воқеиятнигорист (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / Н.Ш. Бозорзода. – Душанбе, 2018. – 320 с.

24. Васильева, А. Н. Газетно-публицистический стиль [Матн] / А.Н. Васильева. – М.: Русский язык, 1982. – 198 с.

25. Ворошилов, В.В. Журналистика. Базовый курс [Матн] / В. В. Ворошилов. – СПб.: Изд-во Михайлова В.А., 2004. – 704 с.

26. Горохов, В.М. Закономерности публицистического творчества [Матн] / В.М. Горохов. – М.: Мысль, 1975.-190 с.

27. Гулмуродзода, П. Публицистика и время [Матн] / П.Гулмуродзода. - Душанбе: Сино, 2002. – 128 с.

28. Гулмуродзода, П. Хомӯшӣ ва хурӯш дар матбуоти тоҷик [Матн] / П.Гулмуродзода // Истиқлолият ва журналистикаи муосир. – Душанбе: Аржанг, 2006. – С.13–18.

29. Гулов, С. Муаммои воқеият ва бадеият дар очеркҳои Шодон Ҳаниф [Матн] / С. Гулов //Журналистика ва ҷомеа(маҷмуаи мақолаҳо) II.– Душанбе, 1999. – С.13–17.

30. Гулов, С. Дар ҳошияи як очерк [Матн] / С. Гулов. //Журналистика ва ҷомеа(маҷмуаи мақолаҳо).–Душанбе, 1999. – С. 31–35.

31. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 96 с.

32. Гулов, С. «Бухори шариф» дар таҳқиқи олимони тоҷик [Матн] / С.Гулов // Журналистикаи байналхалқӣ–IV. – Душанбе, 2012. – С. 9-10.

33. Гулов, С. Махсусияти очерки муосир [Матн] / С.Гулов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 136 с.

34. Гулов, С., Қутбиддинов, А.Чанд ҷилои «Хоки баланд» (бо ҳаммуаллифӣ) [Матн] / С.Гулов, А.Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ–VII (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2015.– С.30-37.

35. Гуревич, С.М. Газета: Вчера, сегодня, завтра: Учебное пособие для вузов [Матн] / С.М. Гуревич. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 228 с.

36. Ғоиб, М. Ба ёди Тӯлқин Хоҷа [Матн] / М. Ғоиб // Хоҷа Т. Куллиёт / Т. Хоҷа. – Душанбе, 2020. – С. 452-454.

37. Ғоибова, Ф. М., Нақши матбуоти даврӣ дар ташаккулёбии фарҳанги миллӣ ва аҳаммияти байналмилалии он [Матн] / Ф. М. Ғоибова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №4/3 (88). – Душанбе: Сино, 2012. – С. 283 – 288.

38. Демидчик, Л. Н. Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷилди 2 [Матн] / Л. Н. Демидчик. – Душанбе: Дониш, 1929. – 308 с.

39. Жанры советской газеты [Матн]. – М.: Изд-во «Высшая школа», 1972. – 424 с.

40. Журбина, Е. Искусство очерка [Матн] / Е. Журбина. – М.: Советский писатель,1957. – 222с.

41. Журналистика и литература [Матн]. – М.:, 1972. – С.126.

42. Здровега, В. Слово тоже есть слово [Матн] / В. Здровега. – М.: Мысль, 1979. – 174 с.

43. Имомов, М. Маънавият ва нақши зоҳир [Матн] / М. Имомов. – Душанбе, 2000. – 187 с.

44. Имомов, М. Хирмани андеша [Матн] / М. Имомов. – Душанбе, 2009. – 127 с.

45. Исмоилзода, З. Оҳанги иҷтимоӣ дар публитсистикаи бадеии А. Саъдуллоев [Матн] / З. Исмоилзода // Баъзе паҳлӯҳои публитсистикаи замони истиқлол. – Душанбе, 2018. –С.48–59.

46. Кольцов, М. Писатель в газете [Матн] / М. Кольцов. – М.: Советский писатель, 1961. – 139 с.

47. Кучарова Н. Публитсистикаи Абдулаҳмид Самадов [Матн] / Н. Кучарова. – Душанбе, 2016. – 192 с.

48. Қутбиддинов, А. Ҳ. Публитсистикаи М.Миршакар (Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология) [Матн] / А.Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе, 2004. – 157 с.

49. Қутбиддинов, А. Мавқеи сиёсии адиби публисист [Матн] / А.Қутбиддинов // Журналистикаи тоҷик ва масъалаҳои низоми нави ҷаҳон.– Душанбе,2004. –С. 75–79.

50. Қутбиддинов, Б. Домани наср [Матн] / Б. Қутбиддинов. – Душанбе, 2011. – 96 с.

51. Қутбиддинов, А. Дирӯзу имрӯзи рисолати матбуот [Матн] / А.Қутбиддинов // Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2012. – С. 255-263.

52. Қутбиддинов, Б. Воқеияти тасвир [Матн] / Б. Қутбиддинов. – Душанбе, 2014. –123 с.

53. Қутбиддинов, А.Ҳ. «Набзи замон» дар асри иттилоотӣ [Матн] / А.Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3/9 (154). – Душанбе: Сино, – 2014. – С. 314-316.

54. Қутбиддинов, А.Ҳ. Нигоҳе ба мавзӯи ватандӯстӣ дар шеъри иҷтимоии Бозор Собир [Матн] / А. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2015. – №4/1(159). – С. 292-296.

55. Қутбиддинов, А. Жанри симосоз [Матн] / А.Қутбиддинов // Паёмномаи фарҳанг№(32), 2015. – С. 37- 46.

56. Қутбиддинов, А. Ҷанбаи публитсистии як роман [Матн] / А. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистн. №4/2 (163). – Душанбе: Сино, 2015. – С. 282-284.

57. Қутбиддинов, А., Раҳмонова, Ҷ. Чанд хосияти мондагори публитсистика [Матн] / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №4/7. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 266-270.

58. Қутбиддинов, А., Раҳмонова, Ҷ. Хосияти публитсистика [Матн] / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 163 с.

59. Қутбиддинов, А.Ҳ. Заминаҳои пайдоиши матбуоти маҳаллӣ [Матн] / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №5. – Душанбе: Сино, 2019. – С. 284-287.

60. Лазутина, Г.В., Распопова С.С. Жанры журналисткого творчества: Учебное пособие для студентов вузов [Матн] / Г.В.Лазутина, С.С.Распопова. – М.: Аспект Пресс, 2012. – 320 с.

61. Литвинов, В.М. Мир глазами публициста [Матн] / В.М. Литвинов. – М.: Знание, 1967. – 64 с.

62. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми устод С.Айнӣ [Матн] / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашр.дав. Тоҷикистон, 1958. – 152 с.

63. Маҳкамова, Д. Баррасии масъалаҳои геополитикӣ дар публитсистикаи сиёсии тоҷик [Матн] / Д. Маҳкамова // Журналистикаи байналхалқӣ – VIII (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2017. – С. 50-57.

64. Маъмурзода, Н. Журналистикаи Хатлон: вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд [Матн] / Н.Маъмурзода. – Душанбе, 2015. – 204 с.

65. Мирзозода, Х. Афкори рангин [Матн] / Х.Мирзозода. – Душанбе, 1982. – 348 с.

66. Мирсаид, С., Абдулҳамид, Р. Хусусиёти забони матбуоти муосири тоҷикӣ (таҳлили муқоисавӣ) [Матн] / С. Мирсаид, Р. Абдулҳамид // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №4/1 (105). – Душанбе: Сино, 2013. – С. 279-281.

67. Муқим, Ҷ. Ҳақиқатнигор [Матн] / Ҷ. Муқим // Гавҳаршинос (очерки ҳаёт ва фаъолияти доктори илми филология, профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе, 2001. – С. 84-91.

68. Муқим, Ҷ. Чаро жанрҳои бадеӣ–публитсистӣ кам шудаанд? [Матн] / Ҷ. Муқим //Журналистикаи байналхалқӣ – III (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2011. – С. 22-23.

69. Муқим, Ҷ. Устоди ман публитсист [Матн] / Ҷ. Муқим // Устоди устодон (маҷ. мақ). – Душанбе, 2015. – С. 126-131.

70. Муқимов, М. Публитсистикаи «Адабиёт ва санъат» [Матн] / М. Муқимов // Журналистикаи байналхалқӣ–VII (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2015.– С. 3-13.

71. Муллоев, Ш. Жанрово–тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны (1941-1945) [Матн] / Ш.Муллоев. – Душанбе, 2015. – 302 с.

72. Муродов, М. Аз замон то замон [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Шуҷоъ, 2010. – 248 с.

73. Муродов, М. Публицистическая сатира в таджикской периодической печати [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 336 с.

74. Муродов, М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2011. – 146 с.

75. Муродов, М.Б. Аз се шохаи як илм [Матн] / М.Б. Муродов.– Душанбе: Аржанг, 2014. – 232 с.

76. Муродов, М.Б. Публитсистикаи ҳаҷвӣ [Матн] / М.Б. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 320 с.

77. Муродов, М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ (масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул) [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.

78. Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 320 с.

79. Набиев, А. Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон [Матн] / А. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 1988 . – 142 с.

80. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе: 1989 . – 173 с.

81. Нуралиев, А.Н. История отечественной журналистики XX в. Часть 4. Журналистика советского периода (1917-1991): Учебное пособие [Текст] / А.Н. Нуралиев. – Душанбе: РТСУ, 2018. – 212 с.

82. Олимӣ, Х. Поэтикаи фазо ва вақти бадеӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш [Матн] / Х.Олимӣ. – Душанбе, 2006. – 92 с.

83. Осетров, Е. Вторжение в действительности [Матн] / Е. Осетров // Вопросы литературы, 1973, №2. – С. 70-73.

84. Плеханов, Г. В. Искусство и литература [Матн] / Г.В. Плеханов. – М.: Госполитиздат, 1948. – 308 с.

85. Прохоров, Е.П. Публицист и действительность [Матн] / Е.П. Прохоров. – М.:, 1973. – 317 с.

86. Раҳмонова, Ҷ. Воқеият ва публитсискаи Мутеулло Наҷмиддинов [Матн] / Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2010. – 64 с.

87. Садуллаев, А. Очерк: генесиз, развитие и современное состояние [Матн] / А.Саъдуллоев, А. Аминов. – Душанбе, 2012. – 216 с.

88. Сайфуллоев, А. Мактаби Айнӣ [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 350 с.

89. Сайфуллоев, А. Ҷону ҷаҳони наср [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 542 с.

90. Салимзода, О. Матбуоти муосир: Пешомад ва проблемаҳо [Матн] / О.Салимзода // Матбуоти муосири тоҷик: пешомад ва проблемаҳо (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 1998. – С. 5-7.

91. Салимзода, О. Публитсистикаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода [Матн] / О. Салимзода. – Душанбе: Адиб, 2007. – 138 с.

92. Салимов, О. Публицистика Мирзо Джалола Юсуфзода. Автореферат. кан. дис. [Матн] / О. Салимов. – Душанбе, 2007. – 40 с.

93. Самадова, М. Симо дар ашъори Тулқин Хоҷа [Матн] / М. Самадова // Журналистикаи байналхалқӣ – X (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2019. – С. 38-42.

94. Самадова, М. Баъзе қолабҳои жанрӣ дар публитсистикаи Т. Хоҷа [Матн] / М. Самадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020, № 8. – С. 430 – 434.

95. Самадова, М. Масъалаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии қишлоқ дар осори публитсистии Тӯлқин Хоҷа [Матн] / М. Самадова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсили илмҳои гумантарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2020, № 1/4 (80). Қ.2. – С. 5-9.

96. Самадова, М. Моҳият, арзиш ва нақши об дар назми иҷтимоӣ [Матн] / М. Самадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020, № 4. – С. 247 - 250.

97. Самадова, М. Назаре ба масъалаҳои ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар осори Тӯлқин Хоҷа [Матн] / М. Самадова // Журналистикаи байналхалқӣ – XI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). –Душанбе, 2021. – С. 51-55.

98. Саъдуллоев, А. Публитсистикаи Турсунзода [Матн] / А.Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 1988. – 112 с.

99. Саъдуллоев, А. Ҳамосаи инсони кор [Матн] / А.Саъдуллоев, П.Гулмуродзода. – Душанбе, 1994. – 64 с.

100. Саъдуллоев, А. Жанрҳои таҳлилии матбуот [Матн] / А. Саъдуллоев, Гулмуродзода П. – Душанбе, 1994. – 57 с.

101. Саъдуллоев, А. Дил ба ёдгор [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 1999.

102. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт [Матн] / А. Саъдуллоев. - Душанбе, 2000. – 256 с.

103. Саъдуллоев, А. Начвои начотофарин (мачмуаи мақолаҳо) [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – 112 с.

104. Саъдуллоев, А. Жанри нав ё падидаи замон [Матн] / А. Саъдуллоев // Начвои начотофарин (мачмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2008. – С.31-32.

105. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби 2 [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 224 с.

106. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби 4 [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 400 с.

107. Усмонов, И. Мулк бе сиёсат [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Маориф, 1986. – 56 с.

108. Усмонов, И.К. Назарияи публитсистика [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 100 с.

109. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Маориф, 2009. – 139 с.

110. Усмонов, И.К. Журналистика. Ҷ.4 [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.

111. Усмонова, Н. Оҳанги публитсистии романи Ҷумъа Одина «Гузашти айём» [Матн] / Н. Усмонова. – Душанбе, 2012. – 144 с.

112. Усмонова, Н. Андешаҳо перомуни баъзе масъалаҳои публитсистикаи имрӯз [Матн] / Н. Усмонова. – Душанбе, 2018. – 72 с.

113. Ученова, В.В. Публицистика и политика [Матн] / В. В. Ученова. – М.: Политиздат, 1973. – 231 с.

114. Ученова, В.В. У истоков публицистики [Матн] / В. В. Ученова. – М.: Изд–во МГУ, 1989. – 214 с.

115. Черепахов, М.С. Проблемы теории публицистики [Матн] / М.С. Черепахов. – М.: Мысль, 1973. – 284 с.

116. Шарифзода, Қ. «Бухорои шариф»: назаре пас аз 100 сол [Матн] / Қ. Шарифзода. – Душанбе, 2012. – 100 с.

117. Шарифзода, Қ. Газета (рӯзнома) аз таърих, вазифаҳои иҷтимоӣ, таснифот ва сохтори редаксияи он. Воситаи таълимӣ [Матн] / Қ.Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 104 с.

118. Шарифов, А. Журналист ва рӯзнома дар шароити маҳал [Матн] / А. Шарифов. – Конибодом: Набӣ Фахрӣ, 2018. – 92 с.

119. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов.– Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.

120. Шарифов, Х. Суннатҳои адабӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 2007.

121. Шербина, В. Писатель в современном мире [Матн] / В. Шербина. – М.: Советскский писатель, 1973. – 318 с.

122. Шоев, М. Хусусиятҳои жанрию мавзуии очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев (Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология) [Матн] / М. Шоев. – Душанбе, 2003. – 165 с.

123. Шокиров, Т. Адиб, забон ва услуб [Матн] / Т. Шокиров. – Душанбе, 2001. – 175 с.

124. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон,1982. – 222 с.

II. Матбуоти даврӣ

125. Абдураҳмон, М. Шоири дардошно [Матн] / М. Абдураҳмон // Ҷумҳурият. – 2018. – 14 август.

126. Ғоиб, Ҳ. Шинос шавед: Тӯлқин Хоҷаев [Матн] / Ҳ. Ғоиб // Роҳи ленинӣ. – 1987. – 1 сентябр.

127. Гулов, С., Қутбиддинов, А. Ҷилои хоки баланд [Матн] / С.Гулов, А. Қутбиддинов // Донишварз. – 2013. – 31 декабр.

128. Исмоилзода, З., Қутбиддин, Б. Тахтнишини мулки тавозуъ [Матн] / З. Исмоилзода., Б. Қутбиддин // Аадабиёт ва санъат. – 2020. – 5 ноябр.

129. Раҳим, А. Хоки баланд [Матн] / А. Раҳим // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 10 ноябр.

130. Темурзода, Ҷ. Аз қаламроҳ то қадамҷо [Матн] / Ҷ. Темурзода // Ҷумҳурият. – 2018. – 24 июл.

131. Тӯлқин Хоҷа [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2012. – 13 декабр.

132. Шерхон, У. Ба ёдам мерасад неши қаламхор [Матн] / У.Шерхон // Чархи гардун. – 2003. – 18 июл.

133. Шерхон, У. Мавҷи дарё буду рафт [Матн] / У. Шерхон // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2015. – 24 декабр.

134. Яздонӣ, Н. Тӯлқин Хоҷа [Матн] / Н.Яздонӣ // Ҷумҳурият. – 2018. – 20 август.

III. Навиштаҳои матбуотии адиб

135. Хоҷаев, Т. Бепарвоӣ ҳам ҷиноят аст [Матн] / Т.Хоҷаев // Тоҷикистони советӣ. – 1987. – 12 июн.

136. Хоҷаев, Т. Муаллим [Матн] / Т.Хоҷаев // Роҳи ленинӣ. – 1987. – 1 сентябр.

137. Хоҷаев, Т. Хома [Матн] / Т.Хоҷаев // Роҳи ленинӣ. – 1987. – 1 сентябр.

138. Хоҷаев, Т. Тарбия корест таъхирнопазир [Матн] / Т.Хоҷаев // Тоҷикистони советӣ. – 1988. – 17 феврал.

139. Хоҷа, Т. Падар [Матн] / Т. Хоҷа // Адабиёт ва санъат. – 1988. – 13 март.

140. Хоҷаев, Т. Соҳаи бемутахассис [Матн] / Т. Хоҷаев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1988. – 8 апрел.

141. Хоҷа, Т. Бут [Матн] / Т. Хоҷа // Адабиёт ва санъат. – 1990. – 11 январ.

142. Хоҷа, Т. Роҳрав он аст, ки оҳиставу пайваста равад [Матн] / Т. Хоҷа // Навобод. – 1991. – 23 март.

143. Хоҷа, Т. Повести “Одина” [Матн] / Т. Хоҷа // Навобод. – 1991. – 9 апрел.

144. Хоҷа, Т. Баҳори боғча [Матн] / Т. Хоҷа // Симои Данғара. – 2000. – 30 июн.

145. Хоҷа, Т. Заргари замин [Матн] / Т. Хоҷа // Симои Данғара. – 2003. – 28 июл.

146. Хоҷа, Т. Аз пахтакорӣ ба некуаҳволӣ [Матн] / Т. Хоҷа // Симои Данғара. – 2004. – 26 июн.

147. Хоҷа, Т. Хоҷа [Матн] / Т. Хоҷа // Симои Данғара. – 2004. – 20 апрел.

148. Хоҷа, Т., Саидқул, Н. Қолаби расмиятро шикаста [Матн] / Т.Хоҷа, Н.Саидқул // Симои Данғара. – 2004. – 11 октябр.

149. Хоҷа, Т. Пирӯзиҳо муборак [Матн] / Т. Хоҷа // Симои Данғара. – 2004. – 11 октябр.

150. Хоҷа, Т., Шерхон, У. Ҳунар чу мушк бувад [Матн] / Т.Хоҷа, У.Шерхон // Садои мардум. – 2005. – 29 сентябр.

151. Хоҷа, Т., Нурулло С. Оянда аз ояндабинҳост [Матн] / Т.Хоҷа, С.Нурулло // Симои Данғара. – 2005. – 24 октябр.

152. Хоҷа, Т. Машқи мукаммал дар сатҳи баланд гузашт [Матн] / Т. Хоҷа // Симои Данғара. – 2011. – 13 апрел.

153. Хоҷа, Т. Данғара ғарами дон [Матн] / Т. Хоҷа // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2011. – 7 июл.

154. Хоҷа, Т., Шерхон, У. Данғара: марҳалаи нави обёриву ободонӣ [Матн] / Т.Хоҷа, У.Шерхон // Ҷумҳурият. – 2011. – 14 май.

155. Хоҷа, Т., Изатуллоев, Х. Ояндаи соҳаи кишоварзӣ нек аст [Матн] / Т.Хоҷа, Х.Изатуллоев // Симои Данғара. – 2011. – 14 июн.

156. Хоҷа, Т. Кооперативи истеҳсолии “Раҳмонҷон” мактаби таҷрибаи пешқадам [Матн] / Т. Хоҷа // Симои Данғара. – 2011. – 7 июл.

157. Хоҷа, Т., Изатуллоев Х. Истифодаи самараноки замин [Матн] / Т.Хоҷа, Х.Изатуллоев // Симои Данғара. – 2011. – 8 сентябр.

158. Хоҷа, Т., Ҳасанов, Г. Тараннуми истиқлол дар ноҳия [Матн] / Т.Хоҷаев, Г.Ҳасанов // Симои Данғара. – 2011. – 14 сентябр.

159. Хоҷа, Т, Холбой И. Дар ҳамаи соҳаҳо ибратомӯз [Матн] / Т.Хоҷа, И.Холбой // Симои Данғара. – 2011. – 8 октябр.

160. Хоҷа, Т., Холбой, И. Зимистон: корҳо хубанд [Матн] / Т.Хоҷа, И.Холбой // Симои Данғара. – 2011. – 8 декабр.

161. Хоҷа, Т. Ӯро ҳар субҳу шом интизоранд [Матн] / Т. Хоҷа // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2012. – 19 январ.

IV. Асарҳои Тӯлқин Хоҷа

162. Хоҷа, Т. Озар [Матн] / Т. Хоҷа. – Душанбе, 2001. – 64 с.

163. Хоҷа, Т. Ниёиш [Матн] / Т. Хоҷа. – Душанбе, 2002. – 64 с.

164. Хоҷа, Т. Бурҷи асад [Матн] / Т. Хоҷа. – Душанбе, 2005. – 143 с.

165. Хоҷа, Т. Захми нигоҳ. Маҷмуи рубоиву дубайтиҳо [Матн] / Т. Хоҷа. – Душанбе, 2005. – 128 с.

166. Хоҷа, Т. Фарёдҳои ростӣ [Матн] / Т. Хоҷа. – Душанбе, 2010. – 144 с.

167. Хоҷа, Т. Хоки баланд [Матн] / Т. Хоҷа. – Душанбе, 2013. – 220 с.

168. Хоҷа, Т. Куллиёт [Матн] / Т. Хоҷа. – Душанбе: Адиб, 2020. – 464 с.

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1.М]. Самадова, М. Моҳият, арзиш ва нақши об дар назми иҷтимоӣ / М. Самадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020, № 4. – С. 247 - 250.

[2.М]. Самадова, М. Баъзе қолабҳои жанрӣ дар публитсистикаи Т.Хоҷа / М. Самадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020, № 8. – С. 430 - 434.

[3.М]. Самадова, М. Масъалаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии қишлоқ дар осори публитсистии Тӯлқин Хоҷа / М. Самадова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсили илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2020, № 1/4 (80). Қ.2. – С. 5-9.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[4.М]. Самадова, М. Симо дар ашъори Тӯлқин Хоҷа / М. Самадова // Журналистикаи байналхалқӣ – Х (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). –Душанбе, 2019. – С. 38-42.

[5.М]. Самадова, М. Назаре ба масъалаҳои ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар осори Тӯлқин Хоҷа // Журналистикаи байналхалқӣ – XI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2021. –С. 51-55.